*Навниҳолони боғи адабиёт*

# АНҶУМАНИ ДИДОР

*(Маҷмӯаи ҳикоя ва шеърҳои адибони ҷавон)*

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК Тоҷик 7-4-5
А–97

Мураттибон:
*Ӯрун Кӯҳзод*
*Ато Мирхоҷа*

*Муҳаррир Саидалӣ Маъмур*

А–97 **Анҷумани дидор.** Маҷмӯа. – Душабе, «Адиб», 2008, 248 саҳ.

Дар ин маҷмӯаи дастҷамъӣ намунаҳое аз эҷодиёти адибони ҷавони саросари Тоҷикистон, ки дар Машварати охирон (2005) ширкат доштанд, гирд омада. Мурод аз нашри ин китоб шумо, хонандагони гиромиро ба шеъру ҳикояҳои адибони ҷавон, сабки нигориш, орзуву омол, ковишу пажуҳиш ва бинишу маҳорати қаламфарсоии адибони ҷавони даврони истиқлол ошно кардан аст.

ISBN 978-99947-57-49-7

© Нашриёти «Адиб», 2008

# МЕРОСДОРИ ПЕШИНИЁН

Чеҳра ва нерӯи тозаю пешбарандаи ҳар давру замонро бешубҳа ҷавонон муайян мекунанд. Агар ин ҳақиқатро дар симои адабиёт мисол меоварда бошем, ҳамвора ҷавонон ин бори вазнину масъулиятдорро ҳамчун давоми заҳматҳои фаровону пурарзиши пешиниён бар дӯши хеш бардошта омадаанд ва боз хоҳанд бардошт. Ин ҳикматест бебаҳс бар пойдорӣ ва маънии зиндагии бардавом. Яъне то мо гузаштагони хирадманд ба ҳамин минвол роҳи дониш, маърифат ва эҷодро фароху равшан дошта ва ба ояндагон мерос бигзоштанд. Ояндагон ва идомадиҳандагони ин амали пешиниён, ки дар асл ҷавононанд, масъулиятро пайваста бар дӯш доранд. Вагарна ин роҳи равшан бо мурури замон тангу тира мемонд. Яъне ин бори пурмасъулиятро ҳар як насл бар дӯши хеш ардорад ва то манзил бирасонад. Ва ояндагон низ ин масъулиятро бар дӯш бигиранд.

Китобе, ки хонандаи азиз, ҳоло бар даст мегиред, «Анҷумани дидор» ном дорад ва он аз маҳсули эҷоди ҷавононе мураттаб шудааст, ки бешубҳа бори пурмасъулияти сухани даврони худро бар дӯш хоҳанд гирифт.

Орзумандем ва бовар дорем ин меросдории пурарзишро ин ҷавонон ба ҳадди қудрат ва тавоноии хеш, ҳамчунин бо масъулияти хоса ба манзили умед бирасоанд.

*Меҳмон БАХТӢ*
*Раиси Иттифоқи*
*нависандагони Тоҷикистон*

*Абдулҳамид САМАД*

# САНГУ ТАРОЗУИ АДАБИЁТ

Шогирдон қисса мекунанд: устоди номвар Шарифҷон Ҳусейнзода ҳамеша бо қиёфаи ҷиддӣ назди донишҷӯён ҳозир шуда, рӯ ба рӯи онҳо, зимни тадрис, ҳаргиз табассум ё ханда ба лаб роҳ намедодааст. Шояд ин роҳу усул ва тарзи муносибати устод, ки фосилаи дастнорасе байни эшон ва муҳассилин ба миён мегузошт, дар худ ҳикмате ниҳон медошт ва шукӯҳу азамати омӯзгори сахтгирро меафзуд. Вале боре худи устод ин қолиб мешиканад. Вай баногоҳ бо чеҳраву ҷабини кушода ба толор даромада, портфел ба як гӯшаи миз ниҳода, худ ба худ ба андозае механдад, ки ба ҳалқаи чашмонаш об медавад. Шогирдон аз ин ҳолати устод ҳайратзада, саволомез ба якдигар менигаранд. Ба вай чӣ шуда бошад?

Ниҳоят худи Шарифҷон Ҳусейнзода бо ришханд мегӯяд:

– Баъзе ҷавонҳо баъди иншо ва чопи ду-се шеъру ҳикоя худро Рӯдакиву Фирдавсии замон пиндошта, дар хиёбони марказии пойтахт бо карру фарр қадамзанон ҷои дар оянда гузоштани ҳайкалашонро меҷӯянд...

Пасон рози ба ҳаяҷони шаддид гирифтор шудани Шарифҷон Ҳусейнзодаро худаш мекушояд: донишҷӯе шоиртабъ дар васфи Пайғомбарамон (с) қасидаи тӯлонӣ навишта, онро барои мутолиа ба устод месупорад. Вай баъди ошноӣ бо қасидаи навэҷоди шогирд дар дилаш хашм, дар лабаш табассуми тамасхуромез ба шӯр меояд.

Ин қиссаи чанд даҳсола пеши асри бистум аст. Он айём, ба ростӣ сахтгирӣ, эҳтиёт ва танобкашӣ дар нашру баҳо додан ба эҷодиёти навқаламон на танҳо аз ҷониби устодон, балки рӯзномаву маҷалла, дастгоҳҳои идеологӣ, роҳбарони Иттифоқи нависандагон, ҳатто хонанда низ хеле ҷиддӣ ва гоҳе дурушту миёншикан буд. Ин тарзи муносибат шавқу ормони бисёр навҷавононро, ба қавле ғурамарг ҳам мекард… Ва акнун бисёре аз он устодони дилсӯзу сахтгири суханшинос, ки ба ҷузъитарин саҳву хато ё сустиву ланҷӣ, пургӯйиву ҳазёни осори адабӣ дар матбуот дарҳол бонги изтироб мезаданд, баҳсҳои гарму доманадор барпо мекарданд, ба қавле навқаламро аз ҳаллоҷӣ гузаронда, дарси фаромӯш-нашаванда медоданд, дар қайди ҳаёт нестанд; қисме бар асари пирӣ ва заъфи нури чашм бори мутолиа аз дӯш афканда, аз ҷараёни адабиёти муосир, шеваю бурду бохти эҷодиёти адибони баркамолу ҷавон ва нашри осори онҳо дар пойтахту вилоятҳо бехабару бепарвоанд; хонанда низ шояд бо сабаби ташвишҳои афзуни рӯзгор ё дастрас накардани рӯзнома, маҷалла ва китобҳои нав аз мутолиа бенасиб монда, камфаъолият шудааст. Вале дару дарвозаҳои рӯзнома, маҷалла, ҳафтавор ва нашриётҳои давлативу хусусӣ дар пойтахт ва маркази вилояту шаҳрҳо, ончунон ба рӯи адибони пиру навқалам боз аст, ки пеш ин ҳолатро аҳли илму адаб афсона мепиндошт. Имрӯз ҳар кас тавонад, менависад, – хоҳ адиби ҷавон бошад, хоҳ миёнасолу пир, – пул ё сарпараст ёбад, дафтар-дафтар, ҷилд-ҷилд китоб чоп мекунад.

Манзара алҳол чунин аст: деги илҳоми ҳаваскорони майдони сухан нисбат ба адибони касбӣ бештар дар ҷӯш ва бозори нашри китоб барои маблағдорону маблағёбон дар хурӯш аст. Албатта ин имконот ҳам бо шарофати истиқлоли давлатӣ, озодии сухан ва андеша, ки дар Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр ёфтааст, фароҳам омадааст. Ин неъмати бебаҳо – озодии андешаву эҷод ормони чанд

насли шоиру нависандагони пешин ҳам буд ва барои ба каф овардани он бархе солҳои сол ҷонбозӣ карда, дар ин ҷабҳа пешсафон чун фарди хавфнок, каҷназар… гирифтори гӯштоб, шиканҷа ва таъқибҳои ошкору ниҳон шуда буданд. Ва, инак шукргузор бояд буд, ки замони мусоиди эҷод фаро расид. Вале ғайричашмдошт бозори пурнависӣ гарм, бозори сухани асил касод гашт. Шояд заминаи ин ҳолатро гирудорҳои харобиовар гузоштанд…

Алҳол дар паҳнои зиндагӣ мавзӯъ беҳисоб аст: мавзӯъҳои аҷиб, тезутунд, пурмоҷаро, инсонҳои қаҳрамонзеб, сарнавиштҳои талху фоҷиабор, масъалаҳои доғу сӯзон ва ҳаётан хеле муҳимму асарбоб, лек кашфи бадеияшон, албатта ҳунару заҳматталаб. Имрӯз суханвар дар интихоби сабку мавзӯъ низ соҳибихтиёр мебошад. Ҳунар, нерӯ ва тавоноӣ мебояд, то миёнро, ба қавле, аз ҳафт ҷо мустаҳкам баста, ба каъбаи сухан саҷда биорӣ ва бо сабку усулҳои тоза, бо забони фасеҳу пуробуранг шеър бинависию ҳикоя, достон иншо бикуниву қисса, роман биофариву дром, вале ланҷ не, бо ҳиссиёти баланду ангезанда, диду нигориши нотакрор, саршор аз андешаву ҷузъиёти бикр, ибрози дарду ормонҳои созанда; чеҳра ва талошҳои фардҳои тавоно, заҳматқарин, шӯридадил ва ҷоннисорро биофарӣ, ки аз сирату сурат ва андешаву пайкорашон боғи адабиёт боз ҳам шодобу шукуфо ва дилработар гардад. Дар ин сурат қарзи фарзандӣ ва шаҳрвандии адиб дар назди миллат ва забону адабиёти бузург то андозае адо мешавад. Ин ҳам ҳақиқат аст, ки риояти покӣ ва асолати забони модарӣ дар асари бадеӣ аз як ҷониб бақои адабиёту фарҳанги нобро таъмин бикунад, аз сӯи дигар меҳанпарастӣ, сатҳи дониш, ҳунар, масъулият ва муносибати адибро ба сарвати муқаддаси миллӣ нишон медиҳад.

Кунун дархости мардум аз мо, адибони тоҷик, хоҳ пир бошем, хоҳ ҷавон, – танҳо офаридани асарҳои аз

ҳар ҷиҳат пухта, маҳкам ва ҳаяҷонбахш – асарҳои аз ифтихори миллӣ ва ғояҳои инсонпарварона саршор, асарҳои сазовори адабиёти шукӯҳманди ҳазорсола ва даврони Истиқлол аст. Ҳар касе қадам ба роҳи мушкилписанди адабиёт ниҳод, бояд донад, ки сангу тарозуи сухану суханварӣ аз аҳди Одамушшуаро устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (шояд пеш низ) то кунун фақат ҳунар будаасту маънии баланд. Яъне ҷустану ёфтани маънии бикр ва онро бо либоси зебо ва пурфасоҳати сухан оростан самари пуршаҳди азияти ин роҳ хоҳад буд.

Нидои нарми пирони хирад аз аъмоқи асрҳо моро ҳушдор медиҳад: масъулият ва асолати адабиёт сарфи назар аз давру замон ва сохту сиёсат садоқат, покии забон, ибрози ҳақиқат ва дурахши рангини ҳунару маҳорат аст; ҳар касе ин рукнҳо муқаддас донад ва бо дастниҳоле хушмева чамани адабиёт сабзу рангинтар намояд, шири модар, нон, обу намак ва ҳавои меҳану шӯҳрати сухан ҳалолаш бод! Аммо озодии сухану андеша ин нест, ки ҳар чи бар сар ояд, ба хотири нафъе, ҳавою ҳавасе, шӯҳрат ва ё андешаи содалавҳонаи ҷовидон мондани ном, – вақтҳои охир ин таъбир, ин савдо парчами басо касони шӯҳратхоҳ ва хомтамаъ шуда, – аз роҳи ҳарзафурӯшӣ, тақлиди беҳунаронаву бешармона, фуҳшу мадҳнависӣ, нашри китобҳои зиёди пуробу беҷавҳар чамани сабзи адабиётро шутурвор (маъзарат, дигар чӣ ҳам мегӯӣ?) поймол ва хароб созем. Ин падидаи хеле зишту номатлуб, бадбахтона, сол ба сол ривоҷ меёбад. Ва боз, бадбахтона, савдои аз ҳисоби сустназму ҷумлабофҳо ба фаъолият пардохтани «фабрика»-ҳои шоиру нависандасозӣ, аз худу хешу пайвандон буттарошӣ низ бо роҳи «шеъру қисса»-пардозии камбаҳо чунон дар авҷ аст, ки пеши роҳи ин сели пурмағзобаро дигар дуди хашму неши истеҳзои шодравон Шарифҷон Ҳусейнзода, талху пичинги устод Бозор Собир аз он сӯи Укёнус ва ҳатто таҳдиду ғазаби устод Соҳиб Табаров ҳам гирифта наметавонад.

Ҳасрато, ки устод Лоиқи якрӯву тундгуфтор ҳам нест, ки шоиру нависандашави хасакиро бо як посухи талху нешдор ба хари худаш шинонад. Ба ростӣ, байни ин «аҷинабод»-и ғализ солҳои охир на танҳо намунаҳои хуби назму наср, балки номҳои адибони боҳунар низ нопадид шуданд. Ва аҳли накд низ барои сараро аз сақат ҷудо кардан музтар монд.

Бале, ҳуҷуми тӯдаи камзавқ, лек пурнавис ба чамани адабиёт меафзояд.

Устод Мӯъмин Қаноат боре зимни сӯҳбат бо ташвиш гуфтанд: «Пеши роҳи ин фалокат нагирем, беҳтарин дастовардҳои адабӣ, сабку усули тозае, ки бо ҳазорон ҷонкоҳонӣ тӯли даҳсолаҳо пайдо карда будем, поймол мегардад. Боҳунарон нопадид мешаванд, беҳунарон болои об мебароянд...»

Ҳарчанд хурду бузург медонем, ки адабиёт табиати дарёро дорад, барои поксозӣ ва аз худ ба соҳил афкандани ғаждӣ ва наҷосат баҳр гоҳе ба шӯр меояд; бо печутоб ва мадду ҷазри муқтадираш худро аз ифлосиҳо мераҳонад, поку шаффоф месозад. Ва пасончунон орому пурҷило мешавад, ки дар қаъри синааш ҳар як санг мисли дурру гавҳар басо зебову дилкаш медурахшад. Дар адабиёт ин хидмат бар дӯши шахсиятҳои соҳибтаҷриба, раҳнамову тавоно будааст. Бо вуҷуди ин ташвиши пири адабиётамон Мӯъмин Қаноат ҷон дорад. Аслан бо забони харобу ғализ «асар» офаридан, аз меҳану таърихи бостон ва фарҳанги овозадорамон нозидан ё изҳори муҳаббат кардан нишонаи беҳурматист.

Ва ин нукта низ ҳақиқат аст, ки мисли устодон Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва соири адибони хушкалому некноми муосирамон ба хидмати илму фарҳанги як миллат камар бастан, ба ҳама фишору дасиса ва сахтиҳо тоб оварда, ба хазинаи сухану маънавият осори пурарзише афзудан ҳунар ва бахти ҳар кас нест. Дар тӯли таърих ин шараф насиби ягон-ягон фарзандони нобиға ва ҷоннисори миллатамон шуда.

Ва чун шодравон Лоиқ Шералӣ дар замони авҷи мисли бут парастидани сиёсати Шӯравӣ, бо вуҷуди ҳама гуна фишору хурдагирӣ пайрави ин абармардон будану армонҳои миллиро то нафаси вопасин зебою ҷасурона тараннум кардан саодати бузург аст. Ва ё монанди устодони бузурги насрамон С. Айнӣ, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ ва Ф. Муҳаммадиев бо ковиш ва офариниши серпаҳлӯ, хушрангубор ҳусну таровати дилкаш ва шаҳомати хосса бахшидан ба наср. Дар ин самт метавон хидмати дурахшони чанде аз шоиру нависандагони пешоҳангу мумтози асри гузашта ва муосирро низ зикр кард.

Шоистаи сарфарозӣ ва ифтихор аст, ки дар ҳар аср, бо вуҷуди гардишҳои хунрези таърих, дар осмони илму адаби мо ситораҳои нав ба наве нур афшонда, ба ҳайси нангбардори сазовори сухани ноб бо офаридаҳои зебову баландғояи худ шукӯҳи чаманистони адабиёт афзудаанд. Ва осори беназири суханварони бузурги гузашта, ки аз мутолиаашон ҳузуру ҳаловат мебардорем, илҳом мегирему бо ҳисси ифтихор дар пайравиашон хома мебардорем, назди адиби муосир вазифаҳои сангинтаре мегузорад: асари сусту камранг наофаридан; ва ё бо осори аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа хароб завқи хонандаро накоҳондан; дар мурдоби тақлиду ҳасад нағӯтидан. Зимнан хирадмандони олам тақлид ва бузургманиширо марги ҳунарвар шуморидаанду ҳасадро ҷаҳолат…

Аслан майдони адабиёт барои эҷодкор саҳнаи ифшои ҳунар, дурахшондани нерӯи халлоқият ва аз чашмаи ақлу заковат шодоб кардани ҷомиа аст. Бале, ҳунар ва ақлу заковат! Аз замонҳои пеш то кунун зуҳури як фарди дар ҳунар нодиракор ва ё иншову нашри як асари воқеан хуштаровату баланд на танҳо барои муҳити адабӣ, балки барои як миллат дастовард маҳсуб мешавад. Вале ба ин чамани сарсабз сар даровардани беҳунарони шӯҳратгадо, тангназару ҳасуд ва афзудани осори суст рӯзи сиёҳ аст. Ҷомеа ҳамеша

ташнаи зуҳури истеъдои наву фавқулъода, иншои асари нотакрор будааст, ҳарчанд, ки аз ҳуҷум ва сирояти пурнавису манфиатхоҳ, сустназму сустнаср билкул раҳидан амрест муҳол…

Зимнан Шайх Саъдӣ дар «Гулистон»-и безаволаш таъкид карда: «Беҳунарон ҳунармандро натавонанд, ки бинанд…» Яъне моҷарову кашмакаши ҳунармандону беҳунарон азалӣ будааст. Вале шайхи бузургвор ҳушдори басо ҷиддӣ ҳам медиҳад: «Истеъдод бе тарбият дареғ аст…» Тарбияи истеъдод чист ва он бар дӯши кист? Ба назари ман тарбияи истеъдод ба иродаи мустаҳкам, ба омӯзиши оқилонаву пайваста гузаронидани умри ҷавонӣ, гирд овардани донишу таҷрибаи рӯзгор, тан додан ба заҳмат ва азияти эҷод, ҳамчунин бо дилу нияти пок хомафарсоии соҳибҳунар вобаста мебошад. Ба тарзи дигар гӯем, ҳунар шабеҳи як навниҳол ё тифли навзод ҳадяи илоҳист ба амонат ба инсонҳои ангуштшумор. Ба қадри ин бахшоиши нодир нарасидан, бо рафтору гирифториҳои зишту ношоиста (коҳилӣ, ҳавобаландӣ, майпарастиву бузургманишӣ…) он навниҳолро ба ҷои сарсабзу боровар кардан хазону пажмурда намудан, он тифлаки чун шабнам пок ва мисли барги гул нозукро хорузор сохтан куфрони неъмат, гуноҳи авфнопазирест, ки охири охирон танҳо пушаймониву ангушти надомат газидан пеш меорад.

Пӯшида ҳам нест, ки ҳунарманди хуштарбият ба иллати хоксориву шикастанафсӣ байни тӯдаҳои берӯву шӯҳратхоҳ замоне нопадид ҳам мемонад. Вале дар ин маврид доира ва маҳфилҳои хурду бузурги адабӣ, ҳамнишин ва дӯстони дилсофи маънирасу суханшинос ва боз иродаи қавии худи адиби ҷавон зимни заҳмати пайваста ба равнақи эҷодиёт ва эътирофу шинохти шахсияти адабияш мусоидат карда метавонад. Воқеан, дар оғози роҳи эҷод ба адиби ҷавон, ки Худованд ба ӯ кам ё беш гавҳари ҳунар бахшида бошад, чӣ лозим аст? Мутолиа ва андӯхтани дониши фаровон, омӯхтани забони модарӣ, таърих, адабиёт ва

расму суннатҳои миллати худ ва мардуми пешқадами саросари олам, инчунин воқиф будан аз равандҳои адабиёти муосир... Ва боз наҳаросидан аз андешаҳои тунду тези хонанда ё аҳли накд, балки бо сабру бурдборӣ аз эродҳо ба манфиати таҳрири асар ё сайқали маҳорат маънie бардоштан. Барои исботи ин нукта як мисол аз рӯзнома ё дафтари ёддошти нависандаи зиндаёд Пӯлод Толис меорам, ки соли 1950 дар синни бистуяксолагиаш навиштааст: *«Ба ман хусусан камбудиҳои забони повестро нишон доданд, ки ин камбудиҳо дар ҳақиқат ҳам хеле бисёранд. Гуфтанд, ки повестро ислоҳ кунам. Вале акнун ман ба чунин фикр омадам, ки онро тамоман аз нав навиштан лозим аст. Кирои навиштан як чизи дурусттар бараояд».*

Дарки камбуд ва тан додан ба эроду танқиди ҳаққонӣ низ як сифати хуб ва ороиши шахсияти эҷодкори дурандеш аст. Ва аз муваффақияту ситоишҳои нахустин саргарангу бехуд нашудан низ. Бешубҳа, сахтгирӣ ба эҷодиёти худ ва ҳамвора омӯхтану рӯйбардор кардани навиштаи хеш Пӯлод Толиси ҷавонро (32 сол умр дид) дар сафи устодони насри навини тоҷик ҷой дод. Вай бо қиссаи зебои «Тобистон»-аш исбот кард, ки бо ҷилд-ҷилд китоби сусту камарзиш не, бо як асари хурди хонданиву марғуб бе унвону ҷоиза ҳам метавон дар адабиёт ҷову мақоми сазовор ёфт. Магар ҳадафи ниҳоии ҳар як суханвари асил ҳамин нест?

Зимнан як чизи дигарро, ки барои равнақи эҷодиёти адиби ҷавон хеле муфид аст, вале ба он навқаламони мо кам аҳамият медиҳанд, ёдрас кардан мехоҳам. Сухан аз мутолиаи асарҳои якдигар ва маслиҳати хайрхоҳона додан меравад. Ин роҳу усул мероси бузургони адабиёт мебошад. Онҳо бо ҳамин васила ба ташаккули шахсиятҳои илму адаб ва комил шудани осори бадеӣ саҳм мегузоштанд. Ҳатто Л. Н. Толстойи бузург баъди иншои романи охиронаш «Воскресение «Растохез» *«Матни комили китобро барои дӯсташ*

*Чиртков ба Лондон фиристод. Чиртков «Растохез»-ро хонд ва нуктаҳоеро ёддошт кард ва барои Толстой бозгардонд... Ва чорае ҷуз бознависии китоб набуд...»* Ин ишораест, ки аз фикру андешаи хонанда ҳатто бузургони адабиёт барои комил шудани асарҳояшон хеле оқилона истифода мебурданд. Ин анъанаи некро идома бояд дод. Ба ин маънӣ шоире хеле хуб фармуда:

*Ҳар он кӣ айби маро намегӯяд ба рӯи ман,*
*Агарчи чашми азиз аст, душман аст маро.*

Ҳадаф аз баргузории Машварати адабони ҷавони Тоҷикистон бо мадад ва дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ дар даврони Истиқлол кашфи истеъдодҳои нодир, парчамбардорони сазовори сухану суханварӣ буд. Хушбахтона, байни навқаламоне, ки аз саросари мамлакат ба пойтахт омада, дар ин ҳамоиши адабӣ ширкат варзиданд, бо ҷавонони болаёқат, заҳматписанд ва умедбахш ошно шудем. Ва имрӯз мо бо дили пур шоирону нависандагони ҷавону умедбахш Озар, Алишер Муҳаммадӣ, Нуралии Нурзод, Гулноз, Муродалии Ҷаббор (ёдаш ба хайр), Матлубаи Ёрмирзо, Ҳанифаи Муҳаммадохир, Баҳманёр Муродӣ, Лутфишои Қиматшо, Бӯрибеки Худобахш ва дигаронро номбар карда метавонем, ки оянда аз ҷӯи килкашон чамани адабиёт сабзу шодоб хоҳад шуд.

Дар ин маҷмӯа намунаҳое аз эҷодиёти ин адибони ҷавон ва ҳамсафони эшон чун баҳонаи хуби оростани анҷумани дидор ва ошноӣ бо шеваи нигориш, олами хаёл, бинишу нерӯи қаҳрамонофарӣ, тарзи ибрози дарду ормон ва ишқу ҳавасҳояшон гирд омада. Мо аз шеъру ҳикояҳои адибони ҷавон, бо вуҷуди камиву костӣ мушоҳида, дақиқназарӣ, ҷӯшу хурӯши чашмаи илҳом, садоқату муҳаббати онҳоро ба халқу меҳан ва мавқеи шаҳрвандиву муносибаташонро ба дарду ормони мардум эҳсос мекунем ва бо қаноатмандӣ дармеёбем, ки аз ин ворисониояндаи адабиёт чиро мета-

вон интизор шуд. Ва дар баробари хостани тавфиқу барори эҷодиёт мехоҳем онҳо ин таъкиди Ҳаким Саноиро дар гӯш чун овеза нигоҳ доранд: «Фарзанди шоирон сухани шоирон бувад». Ин ишора ба кулли адибон дахл дорад. Чи хуш агар фарзанд аз ҳар ҷиҳат беҷурм, солиму зебо бошад ва ба падар ё модари хеш дарду доғ ва бадномӣ наорад. Дигар таманно дорем, ки осори аз ҳар ҷиҳат дилпазир офаридаи адибони ҷавон чун қиссаи зебои Пӯлод Толис «Тобистон» ва шеърҳои дилангези устод Лоиқ ва адибони номвари муосирамон пайкараву ҳайкали беминнати шахсияти адабиашон ва зиннатбахши адабиётамон дар асри XXI шавад. Дар ин сурат ҳоҷат ба кофтани ҷои гузоштани пайкараи худ дар кӯчаву хиёбонҳои пойтахт намемонад, зеро беҳтарин ҳайкали меҳру ихлоси суханвари асил дар дили хонандаи имрӯзу фардо бо осори баландпоя пайдо мешавад. Ва боз дасти дуо мебардорем, ки ҷавонадибон бори гарони сухан бар дӯш, бо дасту дили гарму пок ва ҳисси бузурги масъулият анъанаҳои наҷиби пирони суханро идома бахшида, бо ҷустуҷӯ, офариниш ва навовариву тозакориҳои хеш хазинаи адабиёти тоҷикро ғанӣ ва рангинтар сохта, бо номи неку сари баланд дар фазои дӯстиву хайрхоҳӣ ба қуллаи мурод бирасанд.

*Фарзона РИЗО*

## БӮЙИ НОН

Модарам нон мепазад,
Калон-калон мепазад.

Бӯяки нон мерасад,
Роҳати ҷон мерасад.

Беруни дар меравад,
Мардумхабар меравад.

Ҳар куҷо ки меояд,
Иштиҳо мекушояд.

## ТӮТӢ

Тӯтии ман чӣ хушрӯй!
Як тӯтии сухангӯй!

Ҳар кас расад ба хона,
Пешаш ниҳад чу дона,

Меҳраш ба вай мемонад,
Шеъраш ба вай мехонад.

Чангаш занад агар кас,
Сангаш занад агар кас,

Зуд ӯ маро меҷӯяд,
Инро ба ман мегӯяд!

## МУРҒАКИ МАН

Мурғаки ман, ту ту, ту!
Куҷо ту? Чӯҷаҳо ку?

Биё, донат овардам,
Обу нонат овардам.

Биё, мурғи нозанин,
Шодона донаро чин!

Бо шавқу иштиҳо хур!
Ҳамроҳи чӯҷаҳо хур!

*Фарзона САФАРЗОДА*

## КАБӮТАРАК

Кабӯтар, эй кабӯтар!
Кабӯтари номабар!

Аз кӯҳу дарё гузар,
Аз дашту саҳро гузар,

Аз теппаю ҷар гузар,
Аз ман саломе бубар

Ба шаҳраки Данғара,
Ба Пушингу Ғарғара –

Ба бобои Баҳоям,
Ба бобои Устоям,

Ба момаам Умригул,
Ба момаам Қумригул!

Онҳоро аз ҳад зиёд
Ман ёд кардаам, ёд!

## БАРОИ ДУГОНААМ ҲАНГОМА

Ҳангомаҷони ширин,
Духтараки нозанин,

Аҷаб ту меҳрубонӣ!
Хушгапу хушзабонӣ!

Бо ман шудӣ дугона,
Дугонаи ягона!

Аммо чӣ камнамоӣ?
Дигар намебиёӣ?

## ДАР ПАСИ КӮҲ ЧӢ БОШАД?

Чӣ бошад дар паси кӯҳ?
Ҷангале бошад анбӯҳ?

Бошад гурги алояш?
Рӯбоҳаки балояш?

Хирсак бошад? Шер бошад?
Ҷалоҷин – кампир бошад?

Дев бошад? Аждар бошад?
Ё чизи дигар бошад?

Ё он ҷо ҳам деҳ бошад?
Чун деҳи мо беҳ бошад?...

## МУСИЧА

Мусича лона монад,
Чӣ бедилона монад.

Чӯбу чахсе – як даста,
Бо хас вале набаста.

Аз андак боди сарсон
Гардад ин лона вайрон.

Монад худаш белона,
Чӯҷаҳояш – бедона.

Эй дарди сар мусича!
Эй беҳунар мусича!

*Мирзо КЕНҶА*

## НӮШБОДИ ВАҲДАТ

Озода мунодии рашиди Ваҳдат,
Овард, хушо, пайку навиди Ваҳдат:
Шоми сияҳи нифоқ доман барчид,
Омад зи паяш субҳи сафеди Ваҳдат.

Ёрон, ба ният шикаста нони Ваҳдат,
Шукрона кунем аз замони Ваҳдат.

Бар ин санаи хирад ато фармуда
Раҳ аз бари ожанги ҷабинҳо буда.
Аз мӯйи сафеди волидон аст нишон
Ин рӯзи сафеди ҷашни ашколуда.

Бурдем саре фурӯ ба рози Ваҳдат,
То ҷумла шудем сарфарози Ваҳдат.

Раҳмон, ки кушод сӯйи Ваҳдат раҳмон,
Шуд Ваҳдати тоҷик сабақи оламиён.
Гӯем ба ифтихор таҳсину сипос
Бар раҳбари соҳибхираду огаҳмон.

Аҳсан ба муҳандиси кабири Ваҳдат,
К-афрохт бинои беназири Ваҳдат.

Хуш бош, дило, мулк баҳористон шуд,
Шоҳаншаҳи Миср вориди Канъон шуд.
Чун ахтари наҳс тира шуд дидаи ғайр,
То ахтари саъди тоҷикон тобон шуд.

Соқӣ, ба қадаҳ рез набиди Ваҳдат,
К-имрӯз бувад Рӯзи саиди Ваҳдат.

То миллати мо бишуд ба Ваҳдат ноил,
Шуд бар хиради ӯ ҳама дунё қоил.
Ояд зи чаҳор гӯшаи даҳр нидо:
Аҳсан ба набераҳои Шоҳ Исмоил!

Резед ба ҷомҳо набиди Ваҳдат,
Бодо ба шумо хуҷаста Иди Ваҳдат!

Шукрона, ки даври Сулҳу Ваҳдат омад,
Айёми таҷаддуду марамммат омад.
Аз каф надиҳем домани Сулҳ, ки он
Бо қимати ҷону хуни миллат омад.

Лабрез қадаҳро зи набиди Ваҳдат
Созед дар ин Рӯзи саиди Ваҳдат.

Шукронаи хоки Тоҷикистон дорем,
Бас саъй пайи саодати он дорем.
Дар ҷодаи эҳёи диёри падарон
Мо такя ба нирӯи ҷавонон дорем.

Резед ба ҷомҳо набиди Ваҳдат,
Пирӯз ба ҷумла бод Иди Ваҳдат!

Дилҳо шуда лабрези сурури Ваҳдат,
Равшан шуда дидаҳо зи нури Ваҳдат.
Ёрон, бисароему бирақсем ҳама
Дар тахти навои тори ҷӯри Ваҳдат.

Резед ба ҷомҳо набиди Ваҳдат,
Бодо ба ҳама хуҷаста Иди Ваҳдат.

## МАЗҲАРИ ХУРШЕД

Чу эъҷози хирад бинмуд бо Ваҳдат шарафёбаш,
Бишуд зебанда Шаҳри Сулҳ бо номи ғазалбобаш.

Чунон нури шарофат метаровад аз ҷамоли ӯ,
Ки гӯйӣ шуста имшаб нуриён бо шири маҳтобаш.

Душанбе – маснади Ҷамшед, шаҳри мазҳари хуршед
Бишуд кошонаи уммед баҳри ҷумла аҳбобаш.

Варо ҳар чашми равзан бингарад бар кӯчабоғи бахт,
Ба шаҳроҳи саодат мешавад бикшода ҳар бобаш.

Бувад пушту паноҳаш рӯҳи Исмоили Сомонӣ,
Чароғи роҳ бошад машъали фазли ҷаҳонтобаш.

Имоми мову моро Тоҷикистон саҷдагаҳ бошад,
Душанбе дар таносуб минбари арҷ асту меҳробаш.

Зи файзи обрӯ шодон, тар асту сабзу ободон,
Хушо, Раҳмон аз ин борони раҳмат карда шодобаш.

Кушоям дидаи уммед сӯйи мазҳари хуршед,
Маро дил мекушояд бо ҳама паҳнову поёбаш;

Навозад як тараф дилро Суханкошонаи Мирзо,
Рабояд дидаро як сӯ Нигористони Сӯҳробаш.

Душанбешаҳру Кохи Ваҳдаташ як минбари сулҳанд,
Фазилатгоҳ чун шаҳри Хуҷанду Қасри Арбобаш.

Зи ошиқпарварии ӯ нагӯям, чун ки аз ман беҳ
Бигӯяд бо шумо инро лаби дарёи Варзобаш.

Ба шасти ҷӯйи набзи ӯ хурӯшон хуни сабзи ӯ,
Хуш оҳанги шукуфтанҳо, ки дорад набзи бетобаш.

Надорад лаҳзае ором субҳи солеҳон то шом,
Чи тамкинест озода дар ин биштоб-биштобаш.

Шабон Варзобкӯҳаш алла гӯяд бо забони рӯд,
Чу тифле дар бари домони модар мебарад хобаш.

*Зебои ХАТЛОНӢ*

## МЕҲРИ ВАТАН

Сарзамини беназирам, эй Ватан,
Як ҷаҳонӣ дар замирам, эй Ватан.
Ман ба ойини муҳаббат аз дилам
Сӯи ту ойина гирам, эй Ватан.
Нақши гулҳои баҳори сабзи ту
Дар сарандози ҳарирам, эй Ватан.
Чашмаҳои кӯҳсорат додаанд
Дар ҳавои шеър ширам, эй Ватан.
Чун каму беши насиби худ туро
Дар дилу ҷон мепазирам, эй Ватан.
Сарбаландам бо ту ҳамчун кӯҳи ту,
Бе ту ман зору ҳақирам, эй Ватан.
Бе Камони Рустами ту осмон
Мезанад аз дур тирам, эй Ватан.
Ман агар рӯзе бимирам, эй Ватан,
Номи ту бар лаб бимирам, эй Ватан!

## ДУШАНБЕ

Аё шаҳри гулободам, Душанбе,
Аё шаҳри худододам, Душанбе.
Ба даргоҳи ту ҳамчун сарви озод
Сарафрозу сарозодам, Душанбе.
Ҳавоятро ҳаводорам ҳамеша,
Бисабзон хурраму шодам, Душанбе.
Ман аз дарвозаҳоят дар дили хеш
Дари уммед бикшодам, Душанбе.
Шудӣ бунёд дар бунёди тоҷик,

Дуруд, эй тозабунёдам, Душанбе!
Ба Исмоили Сомоният орад
Сучуд эъчозу эчодам, Душанбе.
Қадам дар Роҳи Абрешим ба олам
Ман аз роҳи ту бинҳодам, Душанбе.

## ЗАНИ АФСАР

Нест осон зани афсар будан,
Оҳ, эй афсари ман бар сари ман!
Ҳамсари ман, ба раҳи ту доим
Нигарон аст ду чашми тари ман.

Сарнавишти зани афсар доим
Пешвоз асту гусел аст, дареғ!
Интизорист ҳама қисмати ӯ,
Даргузар умр чу сел аст, дареғ!

Ба хабаргирии мо меоӣ
Як қадам бар дари худ озода.
Ҷомадони сафариятро боз
Мекунам оҳкашон омода.

Меравӣ боз ба ҳифзи кишвар,
Дар амон бош, паноҳат ба Худо!
Хонабони ту манам дар олам,
Ту ватанбони манӣ дар дунё!

## ҲАФТХОҲАРОН

*Эҳдо ба хоҳарони меҳрубонам*

Ҳафт хоҳарон, ҳафт нозанин,
Ҳафт маҳлиқо, ҳафт маҳчабин,
Ҳафт дилрабо, ҳафт дилкушо,
Ҳафт дилпазир, ҳафт дилнишин.

Ҳафт гулсанам, ҳафт гулнигор,
Ҳафт барги гул, ҳафт гулбаҳор,
Ҳафт пурҳунар, ҳафт дастёр,
Ҳафт кордон, ҳафт тозакор.

Ҳафт орзу, ҳафт ришта нур,
Ҳафт чевари ҳафт сӯзанӣ.
Дар дили падар ҳафт ойина,
Ҳафт равзана, ҳафт рӯшанӣ!

Ҳафт дил ба дил, ҳафт ҷон ба ҷон,
Ҳафт хушзабон, ҳафт меҳрубон,
Меҳрубон ба як додари азиз,
Ҳафт мӯҳраи меҳри ҷовидон!

## ШАҲРИ ГУЛДУЗӢ

Кӯлоби ман, Кӯлоби ман,
Дилҷӯи ман, дилёби ман!
Тобида аз гардуни ту
Хуршеди ман, маҳтоби ман.

Эй зодгоҳи содаам,
Аз меҳри покат зодаам.
Ҳамчун гули озодаат
Аз обу хокат зодаам.

Чун лола рӯи боми ту
Бишкуфтаам бо номи ту.
Чун чилчароғи хонаат
Гул кардаам дар шоми ту.

Эй шаҳри гулҳои чаман
Дар домани кӯҳу даман,
Эй шаҳри садбарги сафед
Дар домани сурхи чакан.

Эй шаҳри гулдӯзии ман,
Шаҳри худафрӯзии ман,
Дар чодари девори ту
Гулҳои дилсӯзии ман!

Дар нақшҳои сӯзанӣ
Шаҳри шукуфои манӣ,
То ҳаст дар чашмони ман
Аз меҳри гармат рӯшанӣ…

## *ГУЛНОЗ*

### БОХАБАР АЗ ОН КИ ФАРДО НЕСТ
*(Илҳом аз филми «ТИТАНИК»)*

Киштие,
гӯё ки аз ҳастӣ бурида
Дур шуд аз соҳили армон
аз хати имкон,
то масири маргомӯз.
Аз нафасҳои ғамолудаш
тира шуд ойинаи рӯз.

Зиндагӣ он сӯи соҳил монд.
Панҷаҳои сахти киштӣ
дар уфуқҳо
номаи тақдири худро
дар такопӯи варақҳои сапеди абр
ҷустуҷӯй карда.

Дар само – хуршед,
дар замин – фурсат,
дар муҳити ваҳм – киштӣ,
дар фарози чашм
як нигаҳ гарми сафар буд.
Зери миҷгонҳои бонуе
мазраи сабзи шақоиқ менамуд.
Оҳ, ин гул аз кадом хок аст?
Мавҷи мӯяш
изтироби мавҷи уқёнус,
Накҳате аз бешаи мӯяш
мехӯрад алвонҷ рӯйи мавҷ.
Аҷзро дар рӯшании чашми худ гум кард.

Ишқро дар фурсати кӯтоҳи тафсири нигаҳ дарёфт.
Дар шукуфтанҳои маҳтобии чашме
накҳати уммедро бишнохт.
Таҳти оҳанги хаёл
як сатр хоҳиш:
«Дӯст бояд дошт ин ҷонро!»
танин афканд.
Дар ҷаҳон гӯё ду тан буданд.
Ғайри озодӣ
асири ҳеҷ мавҷуде набуданд.

Дар шаби охир
духтари обӣ
Аз садоқат ҳарф мезад рӯ ба рӯи ишқ.
Зери маҳрези шабону
лаҳзаи бедории эҳсосу чашму нозу хоҳиш
Ишқро кард ӯ навозиш.
Лаҳзаи тасвири рӯъёест
Дар лабони лолаи хоҳиш
зиннате аз қатраи шабнам ҳувайдо шуд.
Тарҳи андоми зулолашро ҷавон
дар сафои лавҳае мерехт.
Нусхае аз нақшро
ҳамчун нишони охарин аз мумкиноти
завқи истеъдод
ё рашодат
рӯйи махмалҳои девори хиёл
ҳамчу ҳусни хонаи андешааш
овехт…
Аз қазо киштӣ
ногаҳон бархӯрд бар санги яхистон –
қуллае аз кӯҳҳои зериобӣ,
Киштии уммеди дил дар арсагоҳи ваҳм бишкаст.
Марг омад баҳри ёрӣ,
бо хироме дар қудуми шодмонӣ.

Рӯйи оби сард аз боди хазон
бо ғуруби сардтар аз бениёзӣ,
ташнаи хуни ҷавонӣ.
Бонги дардолуди киштӣ
пардаҳои гӯши уқёнуси офатро дарид.
Заҳри огоҳӣ чашида коми мардум,
Чашмҳошон
интиҳои зиндагиро мечакиданд.
Таҳти овози ҳазини ғиҷҷаке, ки месуруд
хоҳиши зебои буданро,
дар канори ҳамдигар буданд.
Бохабар аз он ки фардо нест.
Ин замон
зиндагӣ саршор аз шуғли наҷот омад.
Дар дилаш эҳёи эҳсон
азми ихлосе ба инсон буд.
Зиндагӣ оварда бо хотир
лавҳае аз мӯзии таърих.
Ҳолати такрори таърих аст:
Ин замон арвоҳи қавми Нӯҳ
болои сари киштии беимдод
лавҳаи пургарди хотирро
тоза мекарданд.
Ин замон
арвоҳи се ғаввос аз асри куҳан
ёд мекарданд
аз ҳаму печи нафасҳое, ки гардида
тӯъмаи ширини ҳирс.
Лаҳзаеро, ки барои зистан
ошноеро фурӯ бурданд…
Одамон бегона бо хоҳиш
умқи таскини муҳити сард мерафтанд,
аз он ҷо ба уқбо.
Раҳнамоӣ карда эшонро
наботиошён…

Зиндагӣ дар ҷанги бетасмим
марди захмин буд.
Он ду ҷон – ошиқтарин ҷонҳо –
Дар лаби қоиқ якеву
дигаре андар гулӯи ташнаи об,
Дар дил изҳори ниёзи ташнагии хок
соҳили имдодро ҷӯён.
Ҳарфҳо
ларзида дар лабҳои ошиқ
ҷони ширинро.
Қудрати изҳор кардан
дар маҷоли як ҳубоби сифр ғунҷида.
Рӯҳи ӯ ояндаи маъшуқро медид:
Рӯзгори пуртаҷаллӣ,
Марги ӯро низ дар айёми ҳузнангези пирӣ
андаруни бистари нарм,
Оре, ӯ
дар сарҳади маргу ҳаёт
Ҳар ду оламро аён медид,
дар суди ваҳм
дар сукути набз.
Оби уқёнус идроки тааммул кард:
пайкаре мерафт то қаъраш –
чашмҳо оганда аз ҳирси муҳаббат
сӯи боло – сӯи рӯҳи худ.
Охарин акси нигоҳи дилбараш
дар зеҳни чашмон,
Охарин афсӯс он сӯи лабон,
Охарин афсӯс…

*ОРЗУ*

## ҶУРЪАИ ОХИРИН

Ҷуръае аз ишқ менӯшам, ки боз
Дар фазои шавқ болу пар занам.
Пас ниқоби ғайр аз рӯ барканам,
Саҷда андар Каъбаи дигар кунам.

Ҷуръае аз дард менӯшам, ки сад
Ҷуръаи дигар зи чашми тар занам.
Баъд аз ин бо панҷаҳои оташин
Зарбаҳо бар олами дудар занам.

Ҷуръае аз қаҳр менӯшам кунун,
То набитвонам нигаҳ дорам забон.
То бимонад дар китоби зиндагӣ
Аз мани исёние ному нишон.

Ҷуръае аз тарс менӯшам, ки дил
Метапад берабт дар чанги аҷал.
Не, хато гуфтам, наметарсам зи марг,
Ваҳми ӯ беҳ з-ин куҳангӯри ҳиял.

## РУШАНӢ

Баъд аз ғуруб панҷаи шаб нарм мехазад
Бар шонаҳои хаставу дарҳамкашидаам.
Аз нури маҳ лиқои касе ранг мебарад
Дар тиккаҳои қалби муҳаббатнадидаам.

Дар умқи дидагони само ҷӯш мезанад
Сад шӯълаи ниҳони ҳавасҳои мурдаам.
Онам, ки дар муқобили пайкони ахтарон
Аз шавқи ҷурм ҷону танамро супурдаам.

Шаҳди гунаҳ чакида ба лаб, баъд аз ин дигар
Фикре ба сар набошадам аз бахри ному нанг.
Бечора нест дар дами теғи ниқору хашм
Ҷисме, ки зери таънаву томот баста санг.

Дасти нигаҳ ба рафтани шаб мекашам зи рӯз,
Азбас ба субҳи толеъи дил шом ғолиб аст.
Баъд аз ғуруб чашм ба парвози шаб равад,
Зеро ки ин сапедаву ин субҳ козиб аст.

## ЯК НАФАС

Як нафас хоҳам, ки бошам
Боди сарсони баҳорӣ,
Бӯса бистонам шитобон
Аз лабаш бо беқарорӣ.

Як нафас бошад миёни
Ҳалқаи оғӯши тангам,
Бигзарам аз ҳар чи дорам,
Ҳам зи ному ҳам зи нангам.

Як нафас хоҳам, ки бошам
Булбули хушсозу овоз,
Банди гесӯяш ситонам
Бовиқор аз панҷаи боз.

Як нафас бошад, ки рақсад
Дар ҳавои як навоям,
Афканам бар пои ҳуснаш
Сатрҳои пурхатоям.

*Дилшоди ФАРҲОДЗОД*

## ЛУТФИ БЕҲӢ

Мерасад ба даст чароғ
Беҳини беҳон – ба раҳгузари баҳор.
Ва сабзаҳо махмале густурда,
Интизор…
Ту ҳам, ки омадаӣ,
Чи чароғи нур дорӣ,
Ки ҳамчу сапеда резӣ ба раҳаш?
Чи мужда орӣ зи эҳсос,
Ки ҳамчу шукуфа безӣ ту барош?
Ту, ки алъон май менӯшӣ зи минои лола,
Ба кадом рӯз мастона ту меҷӯшӣ?
Донам, донам, ки мекунӣ эҳсос рози сабзи баргҳояшро.
Ба чароғи беҳӣ мехонӣ шеъри рӯи сатрҳояшро.

## БАРОИ ДӮСТ

Дӯст,
Дар шаҳри мураккаб
Ҳама хоҳишам
Чидан аст гули орзу ба дасти содагӣ
Лек маркаби зери бори хаёлоти маро
Чӯби мамнӯъи раҳи шаҳр
Садди имкон аст,
То ба роҳат бичарад
Ту дар он лаҳза расидӣ чун садо аз Худо,
Ки ба коми танҳоӣ
Хурд мегаштам аз ночорӣ

Ту ба содагии кӯҳӣ
Чи мураккаб омадӣ,
Пои вомондан ҳастии маро
То диҳӣ дасти мадад,
Дар лаҷанзори тағофул
Лаҳазоте, ки мисоли сабақомӯзи деҳ
Дар кӯчаи бетаҷрибагӣ
Пои ман мелангид,
Шӯълаи сабзи чароғи дидаат
Маро ба тариқи андеша пиёда бурд.

То бияндешам андар сабақи додаи шаҳр,
Ки таоми нопухтаи маро
Меравад, то ба табақ андозад.
Мениҳӣ ту кунун рӯ ба танҳоии худ,
Мешиканӣ қалби маро дар сукут.
Ман, ки қаҳрамон дар садоқати аҳди туям,
Ҳама ҷанги хоҳишам
Инқилоби орзуи неки туст!

## СУҶУД

Ноланда ҳамчу ной,
Ё гӯӣ чун сигор
Дар оташи ҳасорати худ дуд мекунам,
Ин ҷисми тоқаам дар кулбаи танҳоии ман нола мекунад.
Ҷони маро ба сӯзу гудозиш ҳавола мекунад
Дар пардаҳои шаб оҳанги оҳи ӯ думболаи суруд мекунам.
Танҳо, ки Эзид аст, биншаста дар сарои ойина,
Бар ҳайкали танҳоии мармуз,
ба сояи фитодаам аз ӯ суҷуд мекунам.

*Дилором СОЛЕҲБОЕВА*

## ХОМӮШТАР АЗ СУКУТ

Баъде, ки фоҷиа ранг мерезад рӯи дақоиқ,
Баъде ки хоҳишро нафас нест дар лаби шаб,
Қалбам соати хомӯши девори абадият аст
Ва ман ин солҳои хастаро убур хоҳам кард
Хомӯш, хомӯштар аз сукут…

## МАВСИМИ ХАЗОН

Садои боғ ҳазин
Ва ман интисоби ваҳмро эҳсос мекунам.
Аз ин меваҳои ларзони шохаҳо
Чи нақшҳои аҷиб:
    ларзиши хуршед дар шохаи сайёра,
        ларзиши сайёра дар шохаи вақт,
            вақт дар шохаи соат.
Чи мавсими ҳазин хоҳад буд.
Замони рехтани он ҳама садои боғ ҳазин…

## БАРОИ ОН САДО

Дар фазои бехудиям бозрасид
        он зани мунодии рӯъёҳои ман.
Дар кафи дастонам навишт бо теғ
Ва бо ҳамон теғ ишора кард
        ба нозуктарин рагҳои сайёра
        ва шохае, ки дар он Офтоб меларзид.

Ба лонаи холии ситораҳои парвозкарда,
Ба масоҳати наздики пилкҳои нигоҳам
ишораҳо мекард,
Ба риштаҳои кабуде,
ки маро дар салиби ҷисм бубаста,
Бо он фазо ки ҳанӯз
садои мех задан бар ҷо буд
ба дастҳои Исо…
Ва турнаҳо ҳама маҷзуби он фазо буданд.

## ТАРОНАЕ БАРОИ ДИРӮЗ

Садои силсилаи ҳузн
дар инҳисори қалбам меларзад.
Садоҳои ҳазин,
чун садои дили ман,
Маргам ин ҷо нест,
Маргам пушти ин садост,
Маргам пушти он дарвоза-ст,
ки гоҳ садои хастаи во шуданҳош
мерасад бар гӯш.
Ва ҳамон рӯшноие, ки қоби тасвири Туст.
Ва он садо
Суруде аз набуданҳо.
Замоне аз ҷинси шаб
аз ҷинси тарс.
Гиряҳоям, сукути борониям, андӯҳи соярангам…
ҳама рафтанд,
Ман ништро барои худ ва андӯҳро
барои зиндагӣ бозмондам.
Падруд, эй ҳама!

### *Нияти ҲАЁТ*

Оҳ, имшаб ҳам мани шӯридадил
Рӯ ба саҳрои ҷунун овардаам.
Аз сафарҳои хаёли хоми хеш
Пойи дилро ғарқи хун овардаам.

Мезанам дар роҳи кайҳон хаймае,
Меравам ҳамроҳи моҳе дар фалак.
Мебарам дасте ба рӯи ахтаре,
Мешавад ҳамроҳи ман ҳуру малак

Меравам дуздона шаб бар кӯи ёр,
Боз меҷӯям зи ӯ сомони хеш.
Сар ниҳода лаҳзае бар зонуяш
Бишканам ман ташнагии ҷони хеш.

Мешавам дар олами андешаҳо,
Навҷавони шӯхи ҳаждаҳсолае.
Масту сархуш аз ҷамоли гулрухон
Ваъдахоҳи дилбари чун лолае.

Оҳ, имшаб ҳам мани шӯридадил,
Меравам бар олами андешаҳо.
Мешавам аз дидаи гардун ниҳон,
То чу нахле сар кашам аз решаҳо.

Кинаи бегона ба ҷонам чӣ кард?
Соқию паймона ба ҷонам чӣ кард?
Мастии ман аз майи гулгун набуд,
Чашми ту мастона ба ҷонам чӣ кард?

Ман зи адӯ бим надорам, дареғ
Шеваи ҷонона ба ҷонам чӣ кард?
Ҳоли маро субҳ бидонад, ки чист?
Сӯзиши парвона ба ҷонам чӣ кард?

Соҳиби ин хона будӣ, кадхудо,
Соҳиби ин хона ба ҷонам чӣ кард?
Дар дили ман дарди ниҳон хуфтааст,
Ин дили девона ба ҷонам чӣ кард?

*Абдуҳалим САМАДОВ*

## ҲАМЗАБОН

Манам тоҷик, наслам ориёӣ,
Даруни хонаи ман бӯстон аст.
Хумори ҷашни миллат дорам имрӯз,
Дилам муштоқи ёру дӯстон аст.

Биё, эй ҳамзабону ҳамдили ман,
Ки то бар рӯи ту ман дар кушоям.
Туро аз байни мардум карда пайдо,
Даруни синаву дил ҷо намоям.

Басе аз рӯзгорон гашта будем,
Парешон дар ҷаҳони пуртакопӯ.
Биё, ки дар ту бӯи ошно аст,
Гули ҳасрат зи рӯят мезанад рӯ.

Намонад байни мо банди бурида,
Шавад васли дигар пайвандҳоро.
Ки дигар нотавонбине ба шодӣ,
Нагӯяд қавми беандеша моро.

## ҲИСОР

Сарзамини зарнисорам, эй Ҳисори Шодмон,
Эй баҳори гулфишону кӯҳсори гулфишон.
Ҳар ваҷаб хоки ту дорад файзи дастурхони Хизр,
Мисли булбул мондаӣ андар гулистон ошён.

Месароям васфи мардони накӯноми туро,
Мерасонам то ба гардун байрақи боми туро.
Мерасад бар гӯши олам байти Мирзои ту хуш,
Месарояд чашма савти набзи ороми туро.

Зинда бошу ҷовидон, эй гулшани боғу баҳор,
Чун диёри родмардони ба даҳр овозадор.
Дӯст медорам туро то ҳаст дар ҷонам рамақ,
Бе ту як соат бимонам, мешавад қалбам фигор.

Эй диёрам, гулфишон бошад туро ҳар панҷа хок,
Зинда бошу ҷовидон, то ҳаст олам, эй Ҳисор,
Ҳамчу фарзанди ту хонам шеъри оламгири ту,
Бар сари мо соя зан дар сояи Парвардигор.

## БОВАР НАДОРАМ

Чӣ ҳайфо, ки туро дар бар надорам,
Ҳавои дигаре бар сар надорам.

Агар таркам кунӣ, эй бемурувват,
Ба хубони ҷаҳон бовар надорам.

Лабат он май, ки дил мехоҳад ӯро,
Дигар майли маю соғар надорам.

Ҳамон рӯзе, ки ёдат мекунад дил,
Аз он соат дигар хуштар надорам.

Биё, нӯшам зи оби чашмҳоят,
Ки майли Замзаму Кавсар надорам.

Биё, то бӯса бинвисам ба рӯят,
Ки беҳтар аз рухат дафтар надорам.

Табассум кун, ки дандонат дурахшад,
Ки чашме бар зару зевар надорам.

Туро мехоҳаму мегӯямат шеър,
Дигар лофе сари минбар надорам.

## ОМАДУ РАФТ

Имшаб он олиҳаи давлати ноз омаду рафт,
Нур дар чеҳраву бо чеҳраи боз омаду рафт.

Гуфт ҳамсоя: Кӣ омад, ки кафаш бӯсидӣ?
Гуфтам: Он подшаҳи банданавоз омаду рафт.

Он чунон сӯхтаам дар ҳаваси дидани ӯ,
Сурмаи хоки маро чашми ниёз омаду рафт.

Як замон хестаму шод ба пош афтодам,
Бахт омад, ки ҳамон шӯъбадабоз омаду рафт.

Кӯтаҳи он чӣ муяссар бишуд, аз ман ин буд:
Панҷа накшодаму он мӯи дароз омаду рафт.

Буд вақте, ки ба пояш ба намоз афтодам,
Ӯ, ки чун фарз маро вақти намоз омаду рафт.

Шоиро, хезу дари роз ба мардум бикушо,
Ки дигарбора ҳам он марҳами роз омаду рафт.

*Беҳрӯзи ЗАБЕҲУЛЛО*

## ЗИКРИ СУКУТ

Дилам ҳамеша пур аз дарду пур зи армон аст,
Дареғи ман ҳама аз миллати мусалмон аст.
Чигуна ин ҳама бадбахту хору паст шавад,
Касе ин раҳбари ӯ Мустафову Қуръон аст?!

Дилам ба ҳоли мусалмони беватан сӯзад,
Ба ҳоли мурдаи бегӯру бекафан сӯзад,
Агарчи шарҳи ҳаёташ барот бинвисам,
Зи оташи дили ман дафтару сухан сӯзад.

На аҳд монда дар ин қавму не вафо кардан,
Ба ҷуз ба ҷони худу ҳамдигар ҷафо кардан.
Чигуна гӯямат ин рози қалби маҳзунам,
На тоби мондану не тоқати раҳо кардан.

Худои ман, ки маро беҳтар аз худам донӣ,
Ҳар он чи аз дили ман бигзарад, ту медонӣ,
Агар маро зи сари лутф бандаат хонӣ,
Маро бубахш, чӣ гунаст ин мусалмонӣ?!

Дилам гирифт аз ин бандагони нодонат,
Аз он чи ҳаст ба дунёву ҳам зи инсонат.
Чигуна худ ту таҳаммул намоӣ, эй Қоҳир
Чу бошад ин ҳама ҳастӣ ба зери фармонат!

ꕥ

Шабе, ки шӯри ман дар авҷи аъло буд,
Ҳузури мақдамаш дилро тасалло буд.

Варо нозу адову ишваву тамкин,
Маро розу ниёзу сад таманно буд.

Ба дастам гесӯи хушбӯву мушкинаш,
Ба шастам моҳии дарёи рӯъё буд.

Навозишҳои ҷонбахшаш самимона,
Нигоҳи чашми шаҳлояш, чӣ зебо буд!

Дилаш лабрез аз ишқу сафову сидқ,
Гилаш хокӣ набуд, рӯҳи мусаффо буд.

Ба лутф аз ҳазрати Марям фузунӣ дошт,
Дами ҷонбахши ӯ беҳ аз Масеҳо буд.

Надонистам, кӣ буду аз куҷо омад,
Вале, дар чашми Маҷнунам чу Лайло буд.

Шабу… маҳтобу… андар кулбаи дарвеш,
Тамоми неъмати дунё муҳайё буд.

Ман аз ҷоми лабонаш нӯш мекардам,
Шароби лаъли майгунаш гуворо буд!

Намедонам, ки шарҳашро чӣ сон гӯям,
Ки он шаб, беҳтарин шабҳои дунё буд!

## ГАРДАНИ ХАМ

Гардани хамро чаро теғе набуррид?
Чунки он сар нест боло.
Чунки онро пеш аз хам карданаш бубридаанд.
Чун шабаҳ бошад чунин сар,
Бо ҳама ин зиндагиаш мурдатар аз мурдае,
ки синааш бидридаанд.
Баъди Фирдавсии Тӯсӣ
Пешаи мо гардани хам буд.
Норизо аз хешу аз давру замона
Синаҳомон тӯи мотам буд.
Баъди Фирдавсии Тӯсӣ
Ҳеҷ ҳарфе дигар аз мардӣ нарафт.
Шеърҳои осмонӣ,
Шеърҳои пур зи панду шеърҳои пур зи оҳ,
Шеърҳои ҷовидонӣ будаанд, аммо
Аз дили мо тарсу аз рухсори мо, зардӣ нарафт.
… Бӯи оҳ аз шеър меояд…

*Гулнисои АТО*

## ГУМГАШТА, БИЁ!

Гумгаштаи ман, ту аз куҷо омадаӣ?
Бемори туям, ки бо дуо омадаӣ.
Чун сояи лутф бесадо омадаӣ,
Ай шоҳи дилам пеши гадо омадаӣ.
Ай ошиқи ман, ошиқи ман, ошиқи ман.
Бо меҳр биё лоиқи ман, содиқи ман.

Дар ҳасрати ту зи нола дилгир шудам,
Тобида ба хеш ҳамчу занҷир шудам,
Дилгир шудам ва бе ту ман пир шудам,
Ноланда ба сони мурғи шабгир шудам.
Ай ошиқи ман, ошиқи ман, ошиқи ман.
Бо меҳр биё, лоиқи ман, содиқи ман.

Оғӯши туро ба сад алам ёд кунам,
Пас хотири худ ба ёди ту шод кунам,
Дил шод кунам, зи ҳаҷр фарёд кунам.
Беҳуда чи коҳи кӯҳнаро бод кунам?
Ай ошиқи ман, ошиқи ман, ошиқи ман,
Бо меҳр биё, лоиқи ман, содиқи ман.

## ДИЛАМ ТАНГ АСТ

Зи дарду ҳасрати олам,
Зи бахту рахти бешу кам,
Зи оби дидаи пурнам
Дилам тангу дилам танг аст.

Агарчӣ тоза асту тар,
Дилам чун чашмаи Кавсар.
Надорам марҳаме дар бар,
Дилам тангу дилам танг аст.

Гуле ҳастам, гули бехор,
Вале дорам фироқи ёр,
Чу дурам ман зи ҳар гулзор,
Дилам тангу дилам танг аст.

Ало, эй молики олам,
Бикун аз синаам ғам кам,
Надорам ғайри ту ҳамдам,
Дилам тангу дилам танг аст.

*Холбибӣ ДАВЛАТОВА*

Дидаи оё зи гӯри ошиқон
Лола мерӯяд нафису анбарин.
То қиёмат нола мехезад аз он,
Нолаҳои ҷонгудоз, ай нозанин.

Оқибат як-як зи олам меравем,
Бар кӣ монад ин ҳама нозу ғурур?
Дидаамро сард кун аз суратат,
Пеш аз он ки пур шавад аз хоки гӯр.

То ба кай захри ҳалоҳил мезанӣ,
Бар дили бечораву ранҷури ман?
Боварам кун, мекашам аз хок сар
Гар биёӣ соате бар гӯри ман…

### *Ҷамолиддини САЙФИДДИН*

Имшаб ҳама шаб раҳгузари кӯи нигорам,
Дил дар камари гиряи гулгунасаворам.

Пайғоми диламро ба пари бод бубандед,
То бар дари дилдор расад нолаи зорам.

Тороҷи кадомин гули ҳусни ту намоям,
То ҳалқаи зулфи ту шавад ҳалқаи дорам.

Ман мераваму ҳазрати дилро бирасонед,
К-аз лолаи доғаш бишавад сабз мазорам.

*Кӯйбек ШАРИФЗОДА*

## БАҲОРОН МЕШАВАМ ОШИҚ

Боз хандонанд гулҳои баҳор,
Боз гирён аст абри навбаҳор,
Мехурӯшад боз оби кӯҳсор,
Дар баҳорон боз ошиқ мешавам.

Боз мехонанд аз нав булбулон,
Роз мегӯянд бо ҳам ошиқон.
Субҳу шом аз ту ҳамеҷӯям нишон,
Дар баҳорон боз ошиқ мешавам.

Дашту ҳомун боз гашта лолазор,
Меравам андар канори чашмасор.
Муддате бошам туро ман интизор,
Дар баҳорон боз ошиқ мешавам.

## ИШҚИ ГУЛ

Дар канори чашмаҳои кӯҳсор,
Шеър бинвиштам ба номат, ай нигор.
Чун бидидам булбулу гулро ба ҳам,
Рафт аз ман он замон сабру қарор.

Ман шунидам булбуле гуфто ба гул:
Ошиқи рӯи туям, ай гул, бидон.
Бигзарад ҳар чиз аз рӯи замин,
Ишқи мову ту бимонад ҷовидон.

Он замон шуд пеши чашмам ҷилвагар,
Соате, ки роз мегуфтем мо.
Ҳар саволамро ту медодӣ ҷавоб,
Менамудам ман ба чашми ту ниго.

Дар канори чашмаҳои кӯҳсор,
Шеър бинвиштам ба номат, ай нигор.
Мисли ёди чашмаҳои кӯҳсор,
Шеъри манро дар дили худ пок дор.

## ЁДҲОЮ ЁДҲО

Шаб ба ёди рӯзҳои рафтаам,
Гӯш додам бар ҳикоятҳои дил,
Ёд кардам ман баҳори рафтаро,
Дафтарам пур аз шикоятҳои дил.

Аз паи ӯ то ба кай оворагӣ,
Ӯ фиребат медиҳад, ҳушёр бош.
Медиҳад ӯ ваъдаҳои бефурӯғ,
Хоби ғафлат бас кунун, бедор бош.

Чанд месӯзӣ ба ёдаш, эй ҷавон,
Даст шӯй аз домани он нохалаф,
Варна мисли бод бо қаҳру ғурур,
Ӯ ҳамебардорадат ҳамчун алаф.

Панҷа зан бар домани сабзи баҳор,
З-он ки булбул ошиқи рӯи гул аст,
Гар бигирӣ панди ман дар гӯши худ,
Он замон бингар муродат ҳосил аст.

Оҳ, эй дил, эй дили девонаам,
Ин ҳама шӯру фиғон аз дасти ту,
Оташе дар қалби ман андохтӣ,
Оламе имрӯз гашта масти ту.

Ин замон бар васли ҷононам расон,
Варна бар оташ кабобат мекунам.
Гар наорам ман дили ӯро ба даст,
Чун дили худ ман харобат мекунам.

*Гулнисо МИРЗОЕВА*

## НАМЕҶӮЯМ

Агар ман ошиқам, шукри сабоҳи ишқ мегӯям,
Ба марзи ормони дил мисоли сабза мерӯям.

Забона мезанад оташ даруни синаи тангам,
Ғубори дарди ҳиҷронро ба оби дида мешӯям.

Ба пиндори баҳори ишқи гул дар ханда меоям,
Ба имдоди дили зорам раҳи умед мепӯям.

Нисо, чун шӯълаи поке муҳаббат мешавад дилро,
Ба ҷуз ин ҳастӣ аз дунё дигар чизе намеҷӯям.

***Акбар МАҶИД***

Осмон имшаб ғуборолуда аст,
Ахтарам боре наметобад дигар,
Моҳ ҳам чун шомхӯрда чодарист,
Ончунон зулмат, ки пӯшонӣ басар.

Осмон имшаб ғуборолуда аст,
Моили гиря, дилаш пур аз алам,
Гӯиё чун осмони қалби ман,
Тор бошад аз ғубори дарду ғам.

Осмон имшаб надорад Моҳтоб,
Ҳамчуноне кулбаи беёри ман,
То саҳаргаҳ хок пурнам мешавад,
Ҳамчунон ду чашми гулрухсори ман.

Рӯзи боронӣ бигирям,
Дар ғами ту,
Зери борон,
Дар миёни кӯча танҳову хамӯш,
Об шорад аз сари ман то ба по,
Ашки чашмонам бирезам низ бо ин обшор,
Чунки дигар дар фироқат
Ошкоро гиря кардан ман натонам.
Рӯзи боронӣ чу гирям,
Ашки чашмамро набинад ҳеҷ кас,
Инчунин ғамро набошад ҳеҷ кас!

Тамоми одамон буданд агар шоир,
Ҳама медошт табъе ҳамчу Фирдавсӣ,
Ҳама мебуд инсондӯст чун Саъдӣ,
Ҳама мебуд агар дар ишқ чун Ҳофиз,
Набуд ҳаргиз дар ин дунё ба бад ҷое,
Ҷаҳони дун
Ҷаҳони ҳикматистон буд,
Ҷаҳони боғу бӯстон буд,
Ҷаҳони булбулистон буд.

***Умед САЛИМ***

## НОМАИ МЕҲР

*Ба волидони азизу меҳрубонам*

Рӯзу шаб андешаҳо дорам ба сар,
Андар ин дунёи пур аз шӯру шар.
Зиндагонӣ имтиҳонам мекунад
Ҳар замону лаҳза, ҳар шому саҳар.

Панд мегӯяд даме модар маро,
Ҳам падар гӯяд ба ман панде дигар.
То биёбам раҳ миёни одамон,
Мехӯранд аз баҳри ман хуни ҷигар.

Андар ин дунё маро парвардаанд,
Бо муҳаббат, бо ҳазорон орзу.
То ки фарзанде шавам некӯхисол,
Некрою некбахту некхӯ.

Гоҳу ногаҳ ёбам озоре агар,
Мешавад хотирпарешон модарам.
Қиблагоҳам мешавад ошуфтаҳол,
Гар бубинад лаҳзае дарди сарам.

Ин ҳама меҳру муҳаббат баҳри мо,
Ҷуз падар – модар надорад ҳеҷ кас.
Қадрашон дар зиндагӣ дон, эй азиз,
Дидӣ, оё рафтагон оянд пас?!

Мешавам ман хоки поят, модарам,
Мекунам ҷонро нисорат, эй падар.
Васфатонро месарояд килки ман,
Ҳар шабу ҳар рӯз, ҳар шому саҳар.

## ШАБИ БОРОН

Шаби борон тани танҳо нишаста,
Қалам бар даст шеъре менавиштам.
Ба ёди чашми ҷодӯи ту, ҷоно,
Зи дида қатраборон месириштам.

Шаби борон тани танҳо нишаста,
Хаёли ту маро оғӯш мекард.
Тапида дил даруни синаи ман,
Дамодам шарбати ғам нӯш мекард.

Шаби борон ба ёд овардам аз нав,
Нахустин рӯзҳои ошноӣ.
Чу рафтӣ аз барам, донистам, эй ҷон,
Чӣ сангин аст ғамҳои ҷудоӣ.

Шаби борон тани танҳо нишаста,
Ба ёди ту нахуфтам то саҳаргоҳ.
Ғами ту гарчи тарки ман насозад,
Туро ҳам ёди ман месӯзад, эй моҳ!

Чу кардам ёди ту, эй марҳами ҷон,
Аҷаб шӯре маро биншаст бар ҷон.
Ҳама шаб то саҳар ёди ту кардам,
Само ҳам то саҳар борид борон…

ꕥ

Дил дар ҳавои ишқи ту пуршӯр мешавад,
Бинам туро, ду дида пур аз нур мешавад.

Боре биё ба пеши ман, эй ёри маҳҷабин,
Ин кулба бе ҷамоли ту чун гӯр мешавад.

Меҳри ту аз дили мани ошиқ намеравад,
Доғат ба сина хонаи замбӯр мешавад.

Лутфе бикун ба ҳоли ман, эй нури дидагон,
Бе нури рӯи дидаи ман кӯр мешавад.

Ҳастӣ табиби дарди ману ман маризи ту,
Боз о, ки дарду ғам ба танам ҷӯр мешавад.

Уммед бо умеди ту дорад хаёли хуш,
Бахташ гули умед, ки ранҷӯр мешавад.

## ТАРОНАИ БОРОН

Борони навбаҳорон,
Шеъру тарона хонад.
Шир – ширкунон ба гӯшам
Садҳо фасона хонад

Шеъру таронааш хуш,
Садҳо фасонааш хуш

Ёди нигор орад,
Ёди нигори дерин,
Чандин хаёл орад,
Чандин хаёли ширин.

Ёди нигори зебо,
Чандин хаёли зебо.

Аз дафтари хаёлам,
Чандин варақ кушояд
Айёми бачагиям,
Пеши назар намояд.

Аз он хаёли рангин,
Аз баччагии ширин.

Овози форами ӯ
Дорад навои дигар.
Чун хандаҳои дилбар.
Чун аллаҳои модар.

Ку хандаҳои дилбар?
Ку аллаҳои модар?

Бар гӯш қатраи панд,
Чак-чак ҳамегузорад.
Ҳар лаҳза умри моро
Як-як ҳамешуморад.

Ҳар чак-чакаш чу панд аст,
Миқдори умр чанд аст?

То ҳаст бӯйи борон,
Шеъру таронае ҳаст.
Аз шир-шираш ба олам,
Садҳо фасонае ҳаст.

Шеъру тарона монад,
Садҳо фасона монад.

*Хиромон НЕЪМАТЗОДА*

## ДУНЁИ МАН

Эй тифлаки зебои ман,
Маҳпораи шабҳои ман.
Моҳичаи тиллои ман,
Эй лаззати дунёи ман.

Ҳосил зи кишти ман туӣ,
Боғу биҳишти ман туӣ.
Меҳру сиришти ман туӣ –
Имрӯзи ман, фардои ман

Қурбон шавад модар туро,
Мепарварад хоҳар туро.
Шодист бо мо мар туро,
Ҳастии ту маънои ман.

Эй шӯхчашму дӯстрӯ,
Ширинзабон, хӯшгуфтугӯ.
Оғӯши покатро кушо,
Эй гавҳари яктои ман.

## ПУР АЗ ГУЛ ДОМАНАМ…

Пур аз гул доманам дар гул баҳорон,
Пур аз ғам хотирам аз рӯзгорон,

Ки ҳамчун лолае аз нолаи най
Шукуфонам ба доғи лолазорон.

Зи рухсорам сиришкам метаровад
Чу аз барги гули тар резаборон.

Хаёлам мевазад чун боди саргум
Парешон дар миёни кӯҳсорон.

Худоё, кай расад бар васли маҳбуб
Нигоҳи хастаи уммедворон?

Парасту муждаи ёрам наовард,
Дилам гирён ба сони обшорон…

Гули ҳасрат, гули зард аст ишқам
Ба банди кокули сабзи баҳорон.

*Шарифамоҳ РОЗИҚОВА*

## БАРГИ САБЗ

Барги гул дар шохи гул бегард нест,
Дар ҷаҳон як одами бедард нест.

Кори хуршед аст умре сӯхтан,
Сӯхтан худ кори ҳар номард нест.

Ишқро ҷо дар дили сӯзон бувад,
Ҷойи ӯ дар қалбҳои сард нест.

Ҳаст мардонро басо даъвои ишқ,
Ҳамчу зан дар ишқ, аммо мард нест.

Ишқи дил аз сабру тоқат гул кунад,
Барги сабзаш ҳеҷ бодовард нест.

## ШАБИ ҲИҶРОН

Шаби ҳиҷрон ба поён мерасад боз,
Дили пурғам ба дармон мерасад боз.

Муҳаббатро набошад чора ҷуз сабр,
Шикастанҳои армон мерасад боз.

Фаровон мешавад рӯзии деҳқон,
Ки нони гарми деҳқон мерасад боз.

Маро маргаст танҳоӣ, бидонед,
Магар ҷонам ба ҷонон мерасад боз?

Машав ғофил зи гулзори муҳаббат,
Ки булбул бар гулистон мерасад боз.

Найи дил менавозад нағмаи ишқ,
Ки най андар найистон мерасад боз.

Зи танҳоӣ раҳо гардам ман акнун,
Ки ёрам бар шабистон мерасад боз.

## БАҲОРИ ҶАВОНӢ

Баҳору боду боронро бубинед,
Ба пеши чашма бо ёре нишинед.

Ғуруру кина аз дилҳо бароред,
Дили сарди рақиберо набинед.

Занед оташ ба саҳрои ғаму дард,
Гули бӯса зи боғи васл чинед.

Дар он ангуштари меҳри дили ёр,
Шумо биншаста чун нақши нигинед.

Аё, эй ошиқони масти бода,
Чу оҳубарра масти ону инед.

Ситора дар само дигар наҷӯед,
Шумо худ ахтари рӯи заминед.

*Муҳаммадшарифи РАББОНӢ*

## ТО МАРО НАҚЛ КУНӢ

Ман дар оинаи тасвир туро рехтаам,
То зи ҳар ранги намоёни ту аксе хезад.
Даста-даста назарат гул кунаду гул пошад,
Аз тамошои ту барги нигаҳи мо резад.

Бехудиро ман аз ин шаҳри худиҳо бурдам,
То ба саҳрои дилу маърака барпо кардам.
Дар талоши худу бехуд ба миён афтодам,
Гум шудам то нафаси гарми ту пайдо кардам…

Мани девона ба оҳанги дилам хандидам,
То мабодо, ки маро гумраҳу беақл кунӣ.
Ман ба ҳар қиссаи танҳои ту танҳо мондам,
То маро нақл кунӣ, нақл кунӣ, нақл кунӣ.

## ЗИНДАГӢ ЧИСТ?

Зиндагӣ чист? Дил афрӯхтан аст,
Дар дили шӯълаи дил сӯхтан аст.
Зиндагӣ мактаби ишқ асту ҳадаф,
Дарси ошиқ шудан омӯхтан аст.

Зиндагӣ чист? Намоишгаҳи дил,
Ки дар он ҷумла ҳунар мебозад.
Боҳунар дар ҳунараш месӯзад,
Беҳунар бе ҳунаре месозад.

Зиндагӣ чист? Раҳе паймудан,
Зиндагонӣ сафари хештан аст.
Марг поёни сафар, меваи дил,
Тӯшаи охират аз зистан аст.

Зиндагӣ бо ғами дил зистан аст,
К-аз ғами дил ба ғами ҷон бирасӣ.
Филми тасвири ҳаётат боқист,
Ҷовидон, гар ту ба ҷонон бирасӣ.

Зиндагӣ чист? Даме шӯриши дил,
Ки дар он сӯхтану сохтан аст.
Зиндагӣ чист? Қимори нафасе,
Дови бурдаш ҳамаро бохтан аст.

## ЭЙ ВАТАН, ЭЙ САРЗАМИНИ БАХТИ МАН

Эй Ватан, эй сарзамини бахти ман,
Офтоби ту ба ҷонам ҷон диҳад.
Дарди ту бар ҷони ман, ҷони маро
Доруи ҷонбахши ту дармон диҳад.

Эй Ватан, эй кишвари иқболи ман,
Эй Ватан, эй соҳибистиқлоли ман.
Мағз-мағзи ҷони ман шуд орзу
Орзуи хонаободии ту.

Эй Ватан, эй хонаи уммеди ман,
Хоки покат хоки бунёди дилам.
Вожа-вожа, ҷумла-ҷумла васфи ту,
Маънии ашъору эҷоди дилам

Ман барои ту бимирам, эй Ватан,
Офтоби зиндагии ман туӣ.
Бо ту дунёи дилам рӯшан бувад,
Рӯшании бандагии ман туӣ.

## *МАҲВАШ*

### БОҒИ ҶОН

Каъбаи дил, қиблаи ҷонам,
Мазраи шеъри ниёгонам.
Рӯзи милодат ҳумоюн бод,
Ифтихори Оли Сомонам.

Оташи Зардушти рахшонам,
Меҳрубонам, Тоҷикистонам.

Дар Дирафшат тоҷи Яздонист,
Талъатат Аржанги ҳар Монист.
Дар Нишонат ҷон панаҳ бурдам,
Ин сипар Хуршеди Раҳмонист.

Меҳтари ман, нури чашмонам,
Боғи ҷонам, Тоҷикистонам.

Дар дилам мавҷи Зарафшонат,
Худ маннам лаъли Бадахшонат,
Решаамро аз куҷо ҷӯӣ?
Аз Хуҷанду Рашту Хатлонат.

Эй Ватан, ҳамсанги имонам,
Остонам, Тоҷикистонам!

Ман суруди бахти ту хонам,
Дар самои ту чу Маҳ монам.
Модари аз ғусса бирёнам,
Тифлаки фирӯзи домонам.

Эй зиёбахшанда султонам,
Як ҷаҳонам, Тоҷикистонам!

Қудрати ту дар вуҷуди туст,
Қуллаҳоят авҷи буди туст.
Бар алайҳи беишониҳо,
Рӯҳи ҷовид дар Суруди туст.

Сарвари ман, соябони ман,
Достонам, Тоҷикистонам!

## ОФТОБ

Эй офтоби зарнигор,
Эй растухези нурҳо.
Ғамро биафшон аз дилам,
Эй шодии дерошно!

Ту сабзаҳои кишти ман,
Ту маъбади Зардушти ман.
Боз ову бин андар сарат
Нозидани ангушти ман!

Эй офтоби навбаҳор,
Эй ҷони гулҳои диёр.
Дар мо бибор, эй худнисор,
Эй нурбор, эй файзбор!

То бишканад аз дил хумор,
То гарм монад қалби ёр.
Эй шаҳсавори беғубор,
Дар мо бибор, оре, бибор!

Эй гармии оғӯшҳо,
Эй ҷону ақлу ҳушҳо,
Эй ишқи дил, эй ҷӯшҳо,
Дар мо бибор, инак бибор!

## САРМОЯИ ҶОН

Биё ҷону ҷаҳони ман, куҷоӣ?
Биё пайку нишони ман, куҷоӣ?
Ба ҷуз ту қимати нозам кӣ донад?
Биё гавҳарбаёни ман, куҷоӣ?

Ту ҳастӣ марҳами дилҳои шайдо,
Ту ҳастиву сарам пуршӯру савдо.
Ба роҳат дида медӯзам шабу рӯз,
Чу шоҳи бахти ман ой ба пайдо.

Замин пироя сабзаш ба бар кард,
Ва тоҷи зарҳалияш маҳ ба сар кард.
Худои ишқи ман, охир, куҷоӣ?
Муҳаббат талъатам амсоли зар кард.

Биё сармояи ҷони ҷавонам,
Ту будиву чаман буд ошёнам.
Биё Шери Худо, шеди мунаввар,
Биё дурри сухан, байти забонам.

Зи чавгони ту гӯйе бар нишон зад,
Ба қалби дардманду нотавон зад.
Азизи ман, ту медонӣ, ки охир,
Фурӯғи ишқи ту бар мағзи ҷон зад.

*Барнои ҚОДИРДУХТ*

## ДАРДИ МОДАР

Боз аз захми панҷаи қисмат,
Боз аз маҳбаси шаби дилсард
Бо ҳазорон суоли бепосух,
Модарам, ҷустаам туро бо дард.

Модаро, дар каронаи ғурбат
Бе ту танҳотарини танҳоям.
Доғ дорад дилам дарун ба дарун,
Лолаи хунчакони саҳроям.

Модаро! Баҳри чӣ раҳи умрам
Сахту тӯлониву нашуд осон.
Зиндагиам тиҳигаҳест, ки нест
На варо ибтидову на поён.

Пеши чашмони нотавонбинон
Нотавоневу боғурурам ман.
Гарчи ҷонам зи ғам бишуд хаста,
Боз ҳам, боз ҳам сабурам ман.

Донаи ашки хокбӯсамро
Ман наафкаандам ба пои кас.
Гавҳари ашкам аз ту мерос аст,
Пас, чаро резамаш ба рӯи хас?

Ҷони ман аз азоб месӯзад,
Дидаи ман ба дард гардад боз.
Хандаам ҳам ба дард олудаст,
Шеър бо дард мешавад оғоз.

Балки аз он, ки лаҳзаи тавлид
Модарам, ту ба дард зодиам,
Баски он лаҳза пур шудӣ аз дард,
Гӯиё шири дард додиам.

Табъи шеърофарӣ надорам гар,
Як дили шоиронаам додӣ.
Дарди шоир насиби ман гашта,
Баски чун шеъри тар маро зодӣ.

Гарчи шеърам касе намехонад,
Нокасе гар хасам намедонад.
Кош, эй кош, ки ба ҳурмати дард
Хома дар дасти ман, бимон, монад.

Борвар аз ғаму фироқи ту
Шеъри андӯҳу дард мегӯям.
Мирам аз дарду ҳар баҳоре боз
Бо ниҳолони шеър мерӯям.

Тавофи Каъба надида вуҷуди хастаи ман,
Ба сӯи хок кашад ин дили шикастаи ман.

Надонам аз чӣ сабаб нест бо ҷаҳон пайванд,
Зи хотирам ҳама ин риштаи гусастаи ман.

Сухан зи лутф бигӯ, то надориам ранҷа,
Зи мурдаоби ҷаҳолат вуҷуди растаи ман.

Бирез бодаи нури сабоҳи рӯзи сапед,
Зи раҳм бар нигаҳи то саҳар нишастаи ман.

Зи ҳамраҳии ҳаводис куҷо тавон бигрехт
Ало дили ба ғами об рӯйшустаи ман?

Чаро ба хок нишонда Худо зи рӯзи азал
Ниҳоли сабзи вуҷуди зи ашк растаи ман?

Ман, ки аз шохи умеде заъфарон афтодаам,
Аз фишори бод дар фасли хазон афтодаам.

Поизо, андешаи бад шӯй аз авроқи даҳр,
Сабзҷонам, бар хатое мурдасон афтодаам.

Бахши ман имрӯз бо хуршед буд ҳамсоғарӣ,
Лолаи ҷомам, зи боғи осмон афтодаам.

Медиҳад аз мулки бедорон ҷарасҳо ҳушдор,
Баски бо ғафлат канори хуфтагон афтодаам.

Оламе бо одаме гирад ба худ ранги дигар,
Одамиро ҷуста, чун бо ноодамон афтодаам?

Мушти хоке медиҳад бар мушти ҷоне оқибат.
Гарчӣ то он зери сад мушти ниҳон афтодаам.

Ҷоми навбат мерасад аз соқии гардун шабе,
К-аз бароям пургуноҳу нотавон афтодаам.

Ёд орам аз Масеҳо в-аз сахимарде умед,
Баски бо ёди баҳоре дар хазон афтодаам…

## *МУХЛИСА*

Надонам аз кучоям, аз кучоям.
Тани вомондаеро чон чароям?
Дило, бегонаам, бегонаи худ,
Ҳадиси ошноӣ гӯ бароям.
Биё, оинае овар пур аз ишқ,
Ки манро ба мани дигар намоям.
Биёву маҳфилорои нигаҳ шав,
Биё бар ман, ки то ман ҳам биёям.
Нафасгирам, нафасгирам, нафасгир,
Гуноҳолуда таркиби фазоям.
Дар ин хомӯшии мурдоб бар ҳақ,
Талотум мезанад мавчи садоям:
Чунон дар худ фурӯ рафтам, ки дигар,
Агар умре давам, бар худ наоям.

Боз о, ки дар чакомаи беранги ман ҳанӯз,
Бӯи чавона мекунад урдубиҳишти ман.
Лабханд мезанад зи сари шавқу орзу,
Бо ман вафо ҳамекунад ин сарнавишти ман.
Боз о, ба пешвози ту густурда ишқро,
Сад лола бо мусобақа дар марзу кишти ман.
Хатти тазод ҳак шуда бар сафҳаи чабин,
Бо нармии ту сохта хӯи дурушти ман.
Эй мисли ту чакомае кас ношинохта,
Эй нури нур нусхаи боғи биҳишти ман.
Аз шаш чиҳат садо задамат ҳамчу офтоб,
Аз хеш ёфтам чу туӣ дар сиришти ман.

## БА МОДАРИ ТОҶИК

Ман тоҷикаму зода зи ту ин дили ман ҳаст,
Аз обу ҳавои ватанам ин гили ман ҳаст,
Бошад ба ту ҳар мушкилие мушкили ман ҳаст,
Эй модари тоҷик!

То он ки ман авлоди туро пос бидорам,
Аз меҳри дилам донаи мақсуд бикорам.
То он ки занам шӯъла ба офоқ чу Хуршед,
Бо мардуми худ хизмати арзанда чу Ҷамшед,
Аз паст гирифта ту ба бомам бинигоҳӣ,
В-аз дафтари таърихии худ ном ниҳодӣ.
Эй модари тоҷик!

Меҳрат ба дилам поку зулоласт ҳамеша,
Чун шири сафеди тую чун лафзи равонат.
Кӯраш бикунад ширату ҳам лафзату номат,
Қадри ту ҳар он кас, ки надонисту надонад!
Эй модари тоҷик!

Хок аст кӯҳ бо ҳама ин сарбаландиаш,
Об аст бода бо ҳама мушкилписандиаш.
Марг аст хоб бо ҳама ночиз буданаш,
Хоб аст марг бо ҳама он зӯрмандиаш.
Ишқ аст оҳ бо ҳама бикшодадарҳамӣ,
Оҳ аст ишқ бо ҳама занҷирбандиаш.
Ҷамшедро, чу гавҳари шоҳона, бингаред,
Бо ин ҳама ҳақирию ин мустамандиаш.

Ҳам ту сӯзӣ, ҳам ту созӣ, офарин!
Ҳам ту рӯзӣ, ҳам ту розӣ, офарин!

Гоҳ ҷаллоди худонотарс ту,
Ҳам арӯси пур зи нозӣ, офарин!

Аз фишорат одамӣ одам шавад,
Кас надид ин турфа бозӣ, офарин!

Кай аҷаб бошад чу сӯзад пухтае,
Сӯхта пас пухта созӣ, офарин!

Дар канорат ҳайратам афзудааст,
Гаҳ гудозӣ, гаҳ навозӣ, офарин!

Зиндагӣ, Ҷамшед, хуллас, пири худ
Хонадат бо сарфарозӣ, офарин!

## ХАНДАҲОИ КӮДАКӢ

Ман хандаҳои беғаши айёми кӯдакӣ
Дӣ дар лабони тифлаки ҳамсоя ёфтам.
Он қадр ғарқи шодию ғарқи фараҳ шудам,
Гӯё, ки бенавояму сармоя ёфтам.

Ӯ хандаҳо чу шамъи мунаввар ба гирди лаб,
Парвои молу сарвату ҷоҳи касе-ш нест.
Аммо ҳасад ба давлати ӯ мебарам зи дур,
Дороияш агарчи зи як ханда беш нест.

Сармасти хокбозии тифлона дар замин
Шояд ҳавои фасли камолот мекунад.
Ӯ, ки ба қадри хандаи худ раҳ набурдааст,
Бесуд орзуи муҳолот мекунад.

Бар рӯйи хандаҳои ман ар гарди фитна аст,
Аз ӯ ба мисли ҳар нигаҳаш софу беғашанд.
Огандааст гар ба тамаъ хандаҳои мо,
Бе ҳеҷ як такаллуф аз ӯ, бин, чӣ сон хушанд…

Он хандаҳои беғаши даврони беғамӣ,
Аз ман рамида, ҳеҷ суроғам намекунанд.
Бас тирашаб, ки дар ғами онон нахуфтаам,
Дидам кунун, ки лаҳзае ёдам намекунанд.

Дигар маро чу нест чунон ханда дастрас,
Лаб бар сано кушодаву мегӯямаш дуо:
Эй он, ки хандаҳои маро соҳибӣ кунун,
Бодо дароз умри туву умри хандаҳо.

## ИШҚ ДАР ХОБ

Хоб дидам:
Осмон шақ гашту аз паҳлуи маҳ
Мурғаке хушрангу хушовоз сӯям пар кушод.
Омаду бар ҷисми ман минқор зад,
Чангҳо бар синаи хуншор зад,
Оқибат дарвозаҳои дил ба рӯяш во шуданд.
Гашт ворид,
Гӯшае биншасту хуш овоз дод:
Хез аз хоб!
Ишқ омад бар сароят,
Ранҷу роҳат аз бароят.

Хестам.
Хестам аз хобу рафтам ҷониби оби равон,
Гуфтам ин афсонаи рангин ба ҷӯ,
То парешонаш бисозад кӯ ба кӯ.
Лек дарё тоби ин оташ надошт,
Оқибат бо оҳи дил бар осмонаш бурд ӯ.
Қолаби гардун барояш танг омад,
Мондан он ҷо аз барояш нанг омад.
Оқибат бар синаи фарзанди хокӣ рехт, рехт.
Гашт мамлӯ,
Қатрае бар хок рафт.
Лолаи сурху сияҳ рӯйид аз он,
Мешавад Маҷнун, касе бӯйид аз он.

## *Рустами ГУМКАРДАРАХШ*

Субҳ – Ирон,
Шом – Тӯрон,
Абрҳои пора-пора нақши
наълайни саманди бодпо,
Рустами гумкардарахш аст офтоб.

Субҳ – Тӯрон,
Шом – Ирон,
Пораи абри гузар Дижи Сапеди номдор,
Мисли Сӯҳроби далер аст офтоб,
Ки пас аз чанде ба дасти Вақт,
Яъне Рустами фарзандкуш,
Мефитад аз аспи гардун,
Мешавад оғуштаи хун.

## БӮСАДУЗДӢ

Ман имшаб бӯсадӯздӣ меравам, эй маҳ,
Ва ғорат мекунам гулхандаҳоро аз лабони ёр.
Ту пушти пардаҳои абр пинҳон шав,
Ва ё аз хонаат берун марав, зинҳор.
Чаро?
Зеро туро чун шоҳиди ҷурми мани гумраҳ
Ва ё ҳамдасти ман,
Ба қозихона хоҳад бурд мири шаб.
Ва метарсам, ки ҳоким аз пайи даъво
Қасоси ҷурми Мӯсо гирад аз Исо.

## АНГУШТИ ШАШУМ

Ман дар ин панҷаи нопоки бадӣ
Ҳамчу ангушти шашум,
Мисли як хосияти шум,
Нафақат бесудам,
Балки андар раҳи иҷроиши мақсуди палид,
Халалам,
Халали лобудам.

*Ҳасани СУЛТОН*

## ФИҒОНИ ИМРУЛҚАЙС

Шоири ҷодубаён – Имрулқайс,
Он, ки номаш зи даҳан бар даҳан аст.

Дар ғарибӣ чу ба кӯҳе бирасид,
Дид, гӯре таги беди куҳан аст.

Дигар атроф на обу на гиёҳ,
Ҳама ҷо сӯхта кӯҳу даман аст.

Зор гирён шуду аз сӯзи дарун
Дод он дод, ки андар сухан аст.

Гуфт: «Эй он, ки дар ин гӯша туро
Хор болину муғелон кафан аст.

Боиси ин ҳама озори ту чист?!
Ки туро хаста чунин рӯҳу тан аст.

Гилам аз ҳоли ту андар табу тоб,
Дилам аз қисмати ту пуршикан аст.

Ин манам чун ту ғарибафтода,
Ҳамчунин ҳол дигар ҳоли ман аст.

Андар ин гӯшаи вайрону хароб,
Ки навохонаи зоғу заған аст

Ман турову ту маро ҳамватанӣ!
Беватан ҳамватани беватан аст».

## РӮЗИ МАҲШАР

Рӯзе, ки шуои сарди истиқлол
Бар дидаву дил мисоли ханҷар буд.
Сад ҷӯя зи хуни гарми мо мерафт,
Домони фалак зи хуни мо тар буд .
Гум гашта сари калобаи тадбир,
Иблис бар одамӣ музаффар буд.

То ин ки раҳи наҷот дарёбем,
Он рӯз зи кушта пуштаҳо кардем.
Дашному сақат ба ҳамдигар гуфтем,
Нафрину дуои куштаҳо кардем.
Парвардаи як замину як модар,
Баркушта яке, кушанда дигар буд.

Ҷабре, ки ба ҳамдигар раво дидем,
Бегона накарду карда натвонад.
Ошӯбу бало, ки аз миён бархост,
Борони ҳазорсола наншонад.
Ин рӯзи сиёҳу шӯри пешонӣ,
Ё ин ки қирони наҳси ахтар буд.

Он рӯз само ба сони ман бигрист,
Ҳар резаи кӯҳу пушта афғон кард.
Мурғе, ки ҷилои ошён бинмуд,
Ғамбори ғами маро дучандон кард.
Аз бори ғами ҷаҳони беҳосил
Ҳарчанд ғами дилам фузунтар буд.

Дар сина умеду орзуҳо мурд,
Дар дидаву дил ғубори ҳасрат монд.
Гулҳои ҷавониям рабуд он рӯз,
Хокистари пириям ба сар афшонд.
Бо рафтани рӯзи рафта, донистам,
Рӯзе, ки гузашт, рӯзи маҳшар буд.

## ХИРМАНИ ХОТИРАҲО

Имшаб аз раҳгузари хотири ман
Сарви болои ту болида гузашт.
Аз биёбони дилам дасти хаёл
Гули ғамҳои маро чида гузашт.

Боз андоми гули нозуки ту
Гашт дар пеши назар ҷилвагарам.
Ба куҷоию чӣ ҳоле дорӣ?!
Эй, ки дурию зи ту бехабарам.

Барадам ёд ба он соҳили дур,
Ки маро давлати бедоре буд.
Бо ту ҳамсӯҳбату ҳамдам будан
Тӯҳфаи бахти мададгоре буд.

Эй хушо, он ҳама айёми накӯ
Ҷумла бигзашту ба дил доғ бимонд.
Гул хазон дид, вале накҳати ӯ
Дар ҳавои чаману боғ бимонд.

Эй, ки дурию зи ман бехабарӣ,
Бувад оё, ки зи ман ёд кунӣ?
Бувад оё, ки ба ёди мани зор
Хирмани хотираҳо бод кунӣ?

## ДИЛИ ОЗУРДА

Эй дили хастаю озурдаи ман,
Кош бо ҳам туву ман мебудем.
Бо саропои ҳама ғарқаи хун
Лолаи дашту даман мебудем.

Нимашабҳо ба сари мо зи само
Маҳи хиргаҳзада тобиш мекард.
Ҷилваҳо дода ба ҳар сӯ моро,
Панҷаи бод навозиш мекард.

Бомдодон ҳама дар сурати мо
Ранги хунии шафақ медиданд.
Ошиқон сархушу сармасти ҳаёт,
Бӯсаҳо аз лаби мо мечиданд.

Ҳар баҳор аз дили бедори замин,
Боз боло шуда месабзидем.
Умри худ дода дигарбора ба бод,
Ҷилваи лоларухон медидем.

## *ХУСРАВ*

### ЭЙ НОНАВИШТАҲО

Дар ман шино кунед,
Эй нохудо маро,
Эй нонавиштаҳо.
Ман бо Шумо ба океани нур меравам,
Ман бо Шумо сафар кунам
То баҳрҳои ранг.
Наздик мекунад маро
Анфози сабзатон
Дар бешаҳои нур,
Балки ба кӯчаҳои пурэҷод мебарад.

Дар ман шино кунед,
Пажвокҳои ман,
Эй нонавиштаҳо,
Ҳар як садоятон набзи садоқате
Дар қалби рӯзҳост,
Ҳар қитъаи вуҷуди ман
Лабрез бо Шумост.
Ин дастҳо в-агарна бекоранд,
В-ин чашмҳо ҳавсалаи дидан надоранд.

Танҳо Шумо қоиқҳои манед,
Дар ҳолати шино,
Ва аксҳои фарёдед,
Ки инъикосатонро мепоям.
Биёед, ба коргоҳи қалам,
Дохил шавед ба зарфи калимот.

## ТУВУ МАН

Ёдам омад
Акси ту гоҳи шабона,
Ғамзаат дар ман тапиду
Ваҳ, ки мепиндоштам ман:
Аждаҳое гушна асту тӯъмаи худ менамояд
Пайкари сарди маро.

Дар нигоҳам шишт овои дароят,
Гӯиё аз дар ту меоӣ фақат,
Ногаҳон дар хотиротам
Тугмаи дар мешавад боз,
Тугмаи дил ҳамчунин.

Раҳнаварде бодро бар ман наёрад,
То ба зулфи бодҳоят об резам,
Шона созам бо сари ангушти худ.
Як нафас бо ман намондӣ,
Лек номи ту ба ёдам монд,
Ғамзаҳоят дар нигоҳам.

Хонаат ободд,
Ҳар шоме ба он чашмони туркона
Фиребам додаӣ,
Бо ҳамон мижгони тоҷикӣ
Халидӣ дар вуҷудам,
Синаро хуншор кардӣ
В-ин дили ман шуд шаҳиди роҳи Ишқ.

Бемуҳобо, дар танӯри чашми ту
Рӯзҳо обу гилам ҳезум шуда.
Сӯхтӣ, хокистарам додӣ ба каф.
Рӯи авроқи сафед ин лаҳзаҳо
Ҳарфҳои будани ман гум шуда.

Эй шуда дур аз нигоҳам,
Мешавад рӯзе,
Ё набошад, ақаллан, сонияе,
Ман туро мебинаму бар ҳоли ту
Лабханд мерезам.
Чун гулӯгират шавад шарму ҳаё,
Нағз медонам, бароям фанд мегӯӣ,
Ман бароят аз муҳаббат қанд месозам,
Боз мегӯям,
Бароят қанд мерезам.

## ДОРУИ НАҶОТ

Ай пизишки танҳоӣ, хотироти ман мурда-ст,
Дасту пои хомӯшӣ дар гиреҳ бибояд баст.

Доруи наҷот овар аз гиёҳи чашмонат,
Ин саломатиҳоро сардии ғаме бурда-ст.

Бахри ишқ кун ҳар шаб лаҳзаро майистоне,
То диҳам худамро май, то кунам худамро маст.

Гиря оҳи матрук аст, дури дур бод аз мо,
Хандаи самимиро бо лабат намо пайваст.

Ҳеҷ ранги имкон не, то ба лавни ғам шӯрад,
Ҳеҷ номаи ошиқ то ба нимараҳ наншаст.

Сарди сард мебошад ин фурӯғ дар зеҳнам,
Чун табобати рӯҳам ишқ андаке карда-ст.

## ҶАВОБ

Дар таноби ҷурмҳо печида дил,
Боядаш озод кард аз ин хато.
Ҷойхобам монд бе гармии ту,
Сард гашта дар гулӯи ман садо.

Чун ба сарфаҳми ҳақоиқ омадам,
Аз дари ойинаҳо пешам макун.
Мон, ки дар ойина бинам айби худ,
Ин қадар дилхаста аз хешам макун.

Дар талоши ишваҳоят ҳар шабе
Чашмҳоям бишканад қонуни хоб.
Аз лабонат завқ мебахшо маро.
Дӯст медорам зи лабҳоят ҷавоб.

Фақат як кулча рӯи гарм.
Чароғи дӯстӣ дар хонадони
Ҳар яке то рӯшанӣ бахшад,

## *СУБҲИЯ*

### СУБҲ

Ман ҳамон субҳам, ки механдам,
Бар рухам шабнам зи боронҳо.
Ман ҳамон субҳам, ки механдам
Аз тулӯи шеди армонҳо

Ман ҳамон субҳам, ки аз рӯям
Покию нуру сафо резад.
Аз шамими чанбари мӯям
Атри гулҳо бар ҳаво хезад.

Ман ҳамон субҳам, ки месӯзад
Доманам аз оташи уммед.
Дона-дона шеър мекорад
Бар замини дафтарам хуршед.

Ман ҳамон субҳам, ки танҳоям
Бо худу андешаҳои худ.
Ку сазоворе, қарин хонам
Бо дили дардошнои худ.

### БИЁ

Биё, баҳор меравад,
Ва меравад маро ҳавас.
Биё, баҳор меравад
Аё ҳабиби ҳамнафас.

Дар осмони шеъри ман
Ту аввалин фариштаӣ,
Ту тухми ишқу ошиқӣ
Ба марзи сина киштаӣ.

Биё, ки бе ту соате
Ба ман шуда чу моҳу сол.
Даме ки бо ту будаам,
Гузашта чун шаби висол.

Биё, фақат барои туст
Сурудаҳои хоми ман.
Биё, зи сар бадар намо
Хаёли нангу номи ман.

Биё, ки бе ту зиндагӣ
Наёварад маро ҳавас.
Биё, баҳор меравад,
Аё ҳабиби ҳамнафас.

## ДАРГОҲИ ПАДАР

Аз дур чун рӯъёи нур
Ҳастӣ ба чашмам ҷилвагар.
Ҳар гаҳ, ки ёдат мекунам
Месӯзадам ҷону ҷигар.

Эй ошёни кӯдакӣ,
Эй манзили наздику дур,
Бо ту будам ёри қарин,
Ҳабдаҳ баҳори пурсурур.

Кай донаме савдои умр
Як ишқи ҷонсӯз асту бас.
Духтар ба даргоҳи падар
Истораи рӯз асту бас.

Шоме, ки рафтам аз барат
Тифлӣ зи домонам гурехт.
Оҳам самоятро гирифт,
Борони ашкам сел рехт.

Ҳарчанд дар боғи дигар
Нахли умедам реша ронд,
Меҳри ту чун меҳри падар
Дар синаам ҷовид монд.

## БАРФӢ

Гардун шукуфарез аст
Аз барфи реза-реза.
Ояд садои поят
Аз пуштаки тиреза.

Эй воҳ, ин чӣ ово,
Эй воҳ, ин чӣ савдо.
Рози ниҳони сина
Хоҳад шуд ошкоро!

Аз тӯри резабофи
Барфи сафеду симин
Дорад ғизоли чашмат
Сӯям имои ширин.

Гардун шукӯфарез аст
Аз барфи реза-реза.
Ёр интизори барфӣ
Дар пуштаки тиреза.

*Хушомади АЛИДОД*

## ДАРАХТИ МУҲАББАТ

Дар зери соябарги чанори қади ту дӯш
Масти хумор ҳамчу яке шабнами саҳар,
Тифлона сар ба синаи барги ту судаам,
Аз умри лаҳзаинаву аз хеш бехабар.

Пиндоштам, ки зиндагии кӯтаҳам дигар
Андар канори сабзи туам ҷовидона аст.
Чун гӯшвор зери баногӯши барги ту
Умри дурӯза бо ту маро пурфасона аст.

Аммо, дареғ, шӯълаи уммеди ман шикаст,
Аз он ки дар ҷаҳони висолат ягонаам.
Дидам, ки пурситора ҳама баргҳои туст,
Андар миёни ин ҳама як қатрадонаам.

Он гаҳ хазида нарму зи мижгони сабзи ту
Оҳиста сӯи олами хокӣ раҳо шудам.
Бо ишқи осмонияму якшабонаам
Дардо, ки аз канори ту охир ҷудо шудам.

Инак, ба зери пои ту барчош гаштаам,
Лабташнагӣ зи ман бишикан-ин сазои туст.
Азбас дарахти ташнаи ишқу муҳаббатӣ,
Ҷонам фидои туст, ки ҷонам фидои туст.

## ДАР САРИ ТУРБАТИ МОДАР

Рафтӣ зи мо ба сӯи шабистон, шабат ба хайр!
Бо дидаҳову қалби пурармон, шабат ба хайр!

Эй шаҳсавори маркаби чӯбин, куҷо шудӣ?
К-аз пушти ту замона пурафғон, шабат ба хайр!

Монанди ғунчае, ки ба айни ҷавониаш
Боди аҷал намуда парешон, шабат ба хайр!

Чун ганҷ оқибат ба заминат нуҳуфтаем
Аз чашми марду зан ҳама пинҳон, шабат ба хайр!

Будат ба сина гарчи сияҳдоғи зиндагӣ,
Чун лола доштӣ лаби хандон, шабат ба хайр!

Умре ҷудо зи ишқи заминӣ будию лек
Будӣ пур аз муҳаббати Яздон, шабат ба хайр!

Будӣ фириштае, ки заминаш на ҷой буд,
Ҳуре шудӣ миёнаи ҳурон, шабат ба хайр!

Кардӣ ба тан либоси арӯсони нозанин
Эй наварӯси равзаи ризвон, шабат ба хайр!

Аз дарди хеш нола накардӣ дамею лек
Будӣ зи дарди мо ҳама нолон, шабат ба хайр!

Рафтӣ, вале мабош ғамин, рӯзи растахез,
Ёди ту монда дар дили ёрон, шабат ба хайр!

Дар шеъри ман ту зиндаию ҷовидонаӣ,
Эй модари азизи дилу ҷон, шабат ба хайр!

*Сулаймон СУЛТОН*

## БЕДОРӢ

Эй субҳ, эй покизагӣ, бингар, ки бедори туям,
Пазмони покиву сафо, пазмони дидори туям.
Эй нури нури нур, боз о, ки анвори туям,
Эй орзуи ҷовидон, ҳар шаб харидори туям.

Шояд, ки аз ин зиндагӣ обе нахурдам то ҳанӯз,
Бояд, ки мемурдам зи ғам, аммо намурдам то ҳанӯз,
Ҳар як нафас беҳуда буд дар кунҷи ин меҳнатсаро.
Аммо ба уммеди висол онро шумурдам то ҳанӯз.

Ҳарфи дурӯғини туро хоҳам шунидан аз дигар,
Бар қадри ҳар як ҳарфи ту хоҳам расидан аз дигар.
Эй нахли боғи қоматат шӯре фиканда дар ҷаҳон,
Аз себи рухсори тарат хоҳам чашидан аз дигар.

Омад баҳору ёр ба саҳро баромадаст,
Аз мурдахок сабзаи ғавғо баромадаст.

Хуршед дасти поку сафобахши шафқат аст,
Гӯё зи остини Масеҳо баромадаст.

Чун духтарони деҳа гули лоларо бубин,
Болои бом баҳри тамошо баромадаст.

Бо мӯву зулфакони сияҳ абри даргузар
Дар даст кӯза ҷониби дарё баромадаст.

Юсуф зи кунҷи чоҳ на аз баҳри салтанат,
Танҳо барои ишқи Зулайхо баромадаст.

ꕥ

Ҳар киро пову саре ҳаст, ғами дил набувад,
Ҳар касеро ҳунаре ҳаст, ғами дил набувад,

Ҳар киро ганҷу заре ҳаст, ғамаш бисёр аст,
Ҳар киро хушку таре ҳаст, ғами дил набувад,

Он, ки ошиқ набувад, сад ғами дигар дорад,
Ҳар касеро шараре ҳаст, ғами дил набувад,

Бедилу беҷигаронро ғами дунё беш аст,
Ҳар касеро ҷигаре ҳаст, ғами дил набувад,

Аз ғами мӯкамарон дар сари мо мӯй намонд,
Ҳар киро мӯкамаре ҳаст, ғами дил набувад.

## *ХУБОНГУЛ*

### ИШҚИ ТУ ДАР ДИЛАМ

Гул ба таронаҳои лаб, шоми дилам саҳар кунӣ,
Ғунчаи бебаҳои ман, бар гули рӯ назар кунӣ,
Ман ки пайи вафои ту бедару бехабар шудам,
Ишқи ману вафои худ дар ҳама ҷо хабар кунӣ.

Шабнами рӯи ғунчаро бар дилу дидаҳо задам,
Аз нигаҳи шаби сияҳ ҷастаму пушти по задам,
Ҷор ба рӯи оламе бо аламӣ вафо задам,
То ту гули вафои ман, бар ғами ман зафар кунӣ.

Шабнами гул ба рӯи гул маст шавад зи бӯи гул,
Хаста дилам зи ишқи ӯ дар ба даре ба кӯи гул.
Булбули номуроди ман майл бикун ба сӯи гул,
То ғаму ғуссаро даме аз дили ман бадар кунӣ.

Пораи санги манзилам, қатраи оби соҳилам,
Лолаи кунҷи боғи ту, ғунчаи дасти бисмилам.
Ёри туям, азизи ман, ишқи ту бод дар дилам,
Субҳдами умеди ман бар шаби дил сафар кунӣ.

### БАР ЁД МЕОЯД ҲАНӮЗ

Ишқи ту ҳар дам маро бар ёд меояд ҳанӯз,
Ваъдаҳоят то само бар ёд меояд ҳанӯз.

Ман ба аҳду ҳам вафо пеши ту будам устувор,
Аҳди ту, эй бевафо, бар ёд меояд ҳанӯз.

Гар барад роҳат маро то кӯчабоғи ошиқон,
Қоматат нахли вафо, бар ёд меояд ҳанӯз.

Чун биафтад гул зи дасти беғаме бар зери по,
Рафтанат, эй бехудо, бар ёд меояд ҳанӯз.

Дидамат, озурдаӣ бо ваъдаи фанду фиреб,
Аз ту сад хори ҷафо, бар ёд меояд ҳанӯз.

Ман будам Ширину беаҳдӣ мароми ман набуд,
Кӯҳкан аз ман ҷудо бар ёд меояд ҳанӯз.

## *ШАҲЗОДА*

### МАВҶИ АНДӮҲ

Бод ресмони ҳамешагии хешро
Аз миёни абрҳои вилгард
Чун таноби раҳнамо кашидааст.

Панҷараи ман,
Равзани торику танҳоӣ
Равшан аз ин оё
Манзарае дидааст?

Риштае ҳаст,
Риштае ҳаст ин ҷо дар дили ман:
Абрҳоро мебарад,
Абрҳоро меорад
Ва дар пои имрӯз
Печидааст.

### БАРОИ ТУ

Пушти девори сукути ваҳмноки чашмонат
Панҷарае боз аст.
Бар эътимоди сабзи оҳувони эҳсоси ман,
Чи гуна гӯям ки фароғат ин ҷост
Дар кафи бози насим ?
Ва роҳат
Бари сабзаҳои худрустаи боғ.
Дарҳо бозанд,
Деворҳо паст.

Оҳувони гаҳ маст, гаҳ рому ороми ман
Ҳеҷ раҳ начӯянд
Ба фаросӯи ин чаман.

Пушти девори сукути ваҳмноки чашмонат
Биҳишти нуҳуфтаест
Ки гунҷишкони бисёр дорад.

## АЗ ҶИНСИ МАМНӮЪ

Духтаре
Оғушта дар шеър
Дар кӯчаҳои Регистон
Дар ҷустуҷӯи хеш
Хазонҳоро дар пои дарахтон
Ба оғӯш мекашад.

Ӯ хазонрезро
Ва обҳои ларзон аз ламси Моҳро
Дӯст медорад
Ва ин ҳама гуноҳ кам нест,
Ки ман
Дӯсташ дорам.

## САМАРҚАНД

Эй шаҳри маҳзун,
Эй шаҳри ғамҳои талхи ман.

Эй шаҳри сангу сангу санг,
Эй гӯри зебои фарҳанг,

Имрӯз пайғамбарат кист?..

## *Муслимаи БУРҲОНДУХТ*

Эй ниюшандаҳои ғофил то кай?
Садои шикасти имонро
Маҷоли истиқбол доред?

Аз роғи ҳар кӯчаи шаҳр
Ва аз пушти ларзидани ҳар барги дарахт,
Сукути маноре сабзу мустаҳкамро
Чашмони мутаассифам молиш медиҳанд…

Эй ишқ! Дар ниҳояти сӯзиш
Бар сар ҳарири дудӣ бияфгандам
То ғайри чашми ёр набинад арӯсиямро.

Тозабаҳор омада ба ҳар диёру ҳар даре,
Дар дили ман биё, бубин, тозабаҳори дигаре.

Бо пари мурғакони боғ дар вараҷи замини сабз,
Ту ба баҳор шеър гӯ, ман ба баҳороваре.

Сӯҳбати гул ғанимат аст, ғунча шукуфа мешавад,
Ту бари ғунчае нишин, ман бари ғунчапарваре.

Панҷаи парпари сабо, мӯи ман оҳиста кушо,
Дил ба қафас бикун раҳо бо пару боли кафтарӣ.

## *Махфират ЮСУФӢ*

### ЁД

Дар ин шоме, ки аз дарди ту месӯзам,
Надорам ҳамдаме то лаҳзае бахшоядам таскин.
Чу нӯшидам шароби заҳри танҳоӣ,
Ту бар ёдам расидӣ боз, эй дилдодаи дерин.
Чу бар ёдам расӣ ту
Рӯзгорам мешавад рӯшан,
Зи нури ёди ширин
Шоми торам мешавад рӯшан.
Шарори хашми ман рӯзе бисӯзад пайкаратро,
бевафои ман!
Яқин дарёи чашмонам чу селобе
Барад рӯзе туро, эй пурҷафои ман.
Намедонам чӣ мехоҳӣ
Ту аз ин олами зебо,
Дил пуришқу пурмеҳре
Ва ё шӯру шару савдо?
Бидон, эй ҷони ман, к-андар ҷаҳон ҳаргиз
Ба мислам бовафоеро нахоҳӣ ёфт,
Ки ҳар саҳву хатояшро
Бигӯяд пеши рӯи ту.
Ба роҳи ишқу поки худ
Шавад сарсони кӯи ту.
Ман аз танҳоии дилгир месӯзам,
Ту аммо нестӣ танҳо.
Дареғо, эй сапедандоми ман,
Кардӣ сияҳрӯзам.

Бирезам ашк баҳри ишқи худ чандон,
Ки гардӣ ғарқ дар чашми тарам охир,
Миёни оташи ҳасрат чунон сӯзам,
Ки созад кӯр чашмони туро хокистарам охир!

## ОРМОН

То кай туро, азизи дилам, ёд мекунам?
То кай фигору ғамзада фарёд мекунам?
То кай ту бо нигоҳи сари роҳ сархушӣ
То кай ба гиря душмани худ шод мекунам?
Аз рашк сӯхт ҷони ману оташи дилам
То кай ба остини алам бод мекунам?
Мурғи дили худ аз қафаси синаам дигар
Дар осмон ба сӯи ту озод мекунам.
Дар рӯзгори тоза кушоям дари умед,
Даргоҳи ишқи поки худ обод мекунам.
Бо сӯзи дил таронаи ширин барои ту
Аз сарнавишти талхи худ эҷод мекунам.

## ГУЛИ ЁС

Орзую ҳаваси хуфта манам,
Ишқи покизаи бинҳуфта манам.
Дар лаби боди сабо нарму маҳин
Рози деринаи ногуфта манам.
Дар дили баҳри ғами ишқ ниҳон
Донаи гавҳари носуфта манам.
Дар куҷоиву кай оем ба ҳам,
Бе ту, эй ёр, дилошуфта манам?
Чун гуле аз дараи Алмосӣ
Ба раҳи ишқи ту бишкуфта манам.

## *Сӯҳробшоҳи ФАРРУХШОД*

Кай шавӣ хомӯш як дам, эй дили пуршӯри ман?
Куштаӣ худро ба тири душмане, эй зӯри ман.

Зулмати шабҳои ҳиҷрон мекушад охир маро,
Бар само кай мебароӣ, эй маҳи пурнури ман.

Мо дари ҳамсояҳоро бар ғалат бикшодаем,
Интиқоматро бигир аз дидаи шабкӯри ман,

Доду вовайлои ман гӯши фалакро кар кунад,
Кай ба гӯшат мерасад, эй ошиқи раҳдури ман?

Оташе дар сина дорам, вой бар аҳли қубур,
То ба рӯзи Ҳашр хезад оташе аз гӯри ман.

Шӯре зи нав ба по бикунам аз нидои худ,
Аз дӯст баҳрае набарам ҷуз вафои худ.

Умре ба ҷони хеш фақат ҷабр мекунам,
Афтад ба дом кабк мудом аз садои худ.

Худро ба рӯи об шумурдам чу хору хас,
Бикшода чашм дидаам акнун ҷилои худ.

Дунё чу аждаҳост, ту бозӣ макун ба он,
Боре чунин бикардаму дидам ҷазои худ.

Тоҷи шаҳаншаҳӣ бар сарат гар намерасад,
Умре бикӯш, то ки бимонӣ гадои худ.

Навбад ҳалол умри худодода баҳри ту,
Сӯҳроб, мекунӣ чу ту ҷонро фидои худ.

Оташ ба ҷаҳон мезанад охир, шарари мо,
Оина шавад хира гаҳе аз назари мо.

Дар маҷлиси ушшоқ бигӯ лаб накушоянд,
Мотам накунанд аҳли ҷаҳон аз гузари мо.

Оё гуҳари мо шуда обӣ, ки нашармем,
Ё об кунад шарм зи нақди гуҳари мо,

Тоат ба саги нафс гунаҳ аст, валекин
Мерос ба мо монда гунаҳ аз падари мо.

Ишқ аст навою дили ман Борбади ӯ
Кас нест, сад афсӯс, ки бинад ҳунари мо.

## БОРОНИ ХАЗОНРЕЗ

Нола дорад осмон шаб
Аз ғами фасли хазонрез.
Қалби ман ҳам нола дорад
Аз ғами айёми гулбез.

Як шабе дар зери борон
То саҳар будем як ҷо.
Лек имшаб зери борон
Мондаам танҳои танҳо.

Рез борони хазонрез
Аз сару рухсораву лаб
То насозам ман фаромӯш
Ҳеҷ гаҳ борони он шаб.

*Робиаи ХОЛМИРЗО*

## ОМАДАНҲОИ ТУ…

Омаданҳои ту чи зебо буд
Аз диёри ғазал ба сӯи ман.
Ба худам борҳо ҳамегуфтам,
Хатм дар туст ҷустуҷӯи ман.

Ту ба лаҳне, ки буд боронӣ
Хабар аз шаҳри ишқ овардӣ,
Ояти ишқи ту наҷотам дод
Аз тилисми сиёҳи бедардӣ.

Ё ки ношукрие зи ман бигзашт,
Ё ки тақдири мову ту ин буд.
К-охири кор заҳр гашт ба ком,
Рӯзгоре, ки хубу ширин буд.

Баъд аз ту ғазал намегӯям,
Ки ғазалҳои ман ту будӣ, ту.
Лек дорам умед, к-ин ҳиҷрат
Ба зиёни ман асту суди ту.

Эй сароғози гуфтугӯи ман,
Эй саранҷоми ҷустуҷӯи ман,
Омаданҳои ту чӣ зебо буд,
Аз диёри ғазал ба сӯи ман…

## ВАСИЯТ

Баёзи гӯри ман чун боз гардад,
Дар ӯ чун мисраи фардам гузоред.
Намехоҳам, ки дар ин байти охир
Бари ман мисраи дардам гузоред.

## БА БАҲОР

Баҳор ҳам расиданист,
Баҳори ошнову роздони мо расиданист,
Ба базми ошиқони пир,
Мусоҳиби ҷавони мо расиданист.

Биё барои ҳурматаш
Зи ишқ гуфтугӯ кунем
Ва байтҳои хуфтаро,
Зи кунҷи зеҳн ҷустуҷӯ кунем.

Баҳор, эй дугонаи азиз, эй Баҳор,
Қасам ба ҳурмати Худо,
Ки бе ту ранг дар замона нест,
Бидуни ту дубайтиву фасона нест,
Ҳузури ту далели он бувад,
Ки ишқи поку рости фасона нест.

Баҳор, эй дугонаи азиз, эй Баҳор,
Ба боғҳои хушку зиндагӣ,
Биёву накҳати фасонаро биёр!!!

## **ҒАЗАЛ**

Ба баёзи осмонӣ шавад интишор найсон,
Ғазале барои хуршед, ғазале барои борон.

Ба Худо, Камони Рустам чу баёзи ранга бошад,
Ки тавон бихонд дар он ғазали саҳеҳи Яздон.

Ва агар дуруст гӯям, чу баҳор шоире нест,
Зи гул асту лола оре, ҳама вожаҳо ба девон.

Чу баҳор аст имрӯз, суханони нарм мегӯ,
Сухане, ки сард буда, бигузор бо зимистон.

Чу бунафшаҳои ғамгин дили ман малӯл бошад,
Назаре ба ишқ мекун, ба худ ой, ҳой инсон!!! …

*Эраҷ ЛАТИФ*

## ДУБАЙТИҲО

Ҷавонӣ аз бари гул зор мондаст,
Баҳоре дар дилам чун хор мондаст.
Аламгар бар шуурам амр дорад,
Умеде боз бар он ёр мондаст.

Ту шамси дил зи аввал дур кардӣ,
Сипас маҳтоби шабро кӯр кардӣ.
Ту бар ҷонам, валекин боз охир,
Ҳавои беситора ҷур кардӣ.

Худоё, як бубахшо, сад бубахшо,
Зи дил ҳар он чӣ рафт, омад, бубахшо.
Ҳазорон гуфтаму кардам хатоҳо,
Ба ин, гар хубаму, гар бад, бубахшо!

Зи баъдам ашку ханда бетафовут,
Агар мирам чу банда, бетафовут.
Зи одам он ҳама дигар дурӯғ аст,
Ба ҷуз некӣ ба банда, бетафовут.

Ба коғаз мебарам ҳар гаҳ қаламро,
Зи қалбам мекашам дунёи ғамро.
Чунон дорад гузар даврон зи чашмам,
Бубинам сурати танҳо аламро.

Дили бебоки ман озод мирад,
Замири поки ман обод мирад?
Нагаштам қаҳрамони давр аз ишқ,
Вале бо хоки ман фарёд мирад.

## ХОБИ ХОБ

Хоб дидам.
Ҳазор сол аз бари чашмам гузашт.
Нигоҳам буд чун ҳаво.
Ширин набуд – мисли ҳақиқат.
Гаҳ чун саҳифаи холие,
Гаҳ чун оина.
Беш сард, хаста, ранҷида,
Агарчӣ ин ҷаҳонро мегирифт.
Лаҳзаҳо чун солҳо зи миҷгон мераҳиданд.
Ҳамчунон, мисли марбут ба як ғам…
Ва ман медавидам дар ҷойи худ
Марову вақтро раҳ зуд мебурд…
Гӯё аз наззораи ҳодисаҳо…
Оҳ, мани танҳо чун вақт, боз …
Ба ҳар сурат,
Ҳар лаҳза дигар мешудам…
Ҳар лаҳза аз дастам мерафт ҳазорон эҳсос…
Ҳар лаҳза аз дилам мерафт ҳазорон дида гавҳар,
ҳазорон дурри ашк.
Ҳар лаҳза аз шуурам мерафт ҳазорон истгоҳи
дилкушоду пуртабассум,
Ҳазорон мақсади маънии пурсавоб,
Ҳазорон субҳи содиқу пурҳавое…
Ман, аммо намеистодам, намеистодам, намеистодам…
Хоб дидам, ки хоб будаму бедор шудам,
Дидам, ки ҳама аз хоб роҳат ҷӯянду
Маро афгор намуда.
Зеро, ки мерафтам ҳама дам,
Мерафтаму мерафт ин умр…

## ДИЛАМ

Нигоҳи худ рамидаӣ,
Ба даври худ ҳамидаӣ,
Ҷаҳони расми ошиқӣ,
Мисоли худ надидаӣ.
Туро дигар, чу қоилам,
Бубинама – ки соҳилам,
Ба баҳри дидаӣ парӣ,
Дили дилам, дилам, дилам.

Зи ақл гаҳ канораӣ,
Ва гар ҳазор пораӣ,
Барои он дами Ҳисоб,
Вале ту як шумораӣ.
Зи асли ту, ки ғофилам,
Миҷози туст мушкилам,
Бикун ту мағфират маро,
Дили дилам, дилам, дилам.

Ба шеър гар баҳонаӣ,
Ту оқибат баҳонаӣ,
Замир, гар зи ишқ монд,
Дареғи ту – равонаӣ…
Ту обу оташу гилам,
Ҳавои ранҷи комилам.
Агар чунин тавон бигуфт,
Дили дилам, дилам, дилам.

Ба роз Мавлавӣ тӯӣ,
Ба соз маснавӣ тӯӣ,
Ба сӯз ту Ҳилолиӣ,
Ба назм хусраве тӯӣ.
Хаёли туст ҳосилам…
Маҷоли туст роҳилам
Маро туву туро Худост,
Дилам, дилам, дилам, дилам…

## *Худодод ЗАЙНИДДИНЗОДА*

### МАН ДОНАМУ ТАНҲО ХУДО

Дарҷ аст оёти сафо дар дафтари ҳуснаш, хушо,
Ҷавлони рангаш аз фазо ҳамчун саводи сураҳо.
Байти нигоҳаш аз азал, бо шеваи шаҳди ғазал…
Ман донаму танҳо Худо ин ояҳо, мастураҳо.

Хатми намоз овардаам бар хонақоҳи рӯйи ӯ,
Шӯри ҳавас овардаам аз миннати абрӯйи ӯ.
Умрам равон беихтиёр андар суроғаш ҷӯ ба ҷӯ,
Бандам зи шаббӯи рухаш гулдаста кай аз бӯсаҳо?!

Дар туст асрори ҷаҳон, эй моҳ, нури нуриён,
Бемеҳрӣ аст охир мудом оғозу фарҷоми замон.
Девони меҳрашро даме дар гӯши ахтарҳо бихон,
Нози варо барчош кун дар чорсӯи кӯчаҳо…

### ИБРОЗ НАДОРАМ

*Ҷуз хотира имрӯз даре боз намонда*
*(Низом)*

Сад ғам ба дилу қудрати иброз надорам,
Сад роз ба дил дораму ҳамроз надорам.

Озурдаву дилмондаам аз одаму олам,
Ланг аст дилам, тоби даву тоз надорам.

Оре, нигаронам ҳама дам нуқтаи фарҷом,
Дар сина ба ҷуз сӯз зи оғоз надорам.

Бишкаст зи санги раҳи ғам шишаи армон,
Чун мурғи қафас шеваи парвоз надорам.

Гуфтам биравам пар бикашам ҳамчун уқобон,
Эй вой ба ман, болу пари соз надорам.

Аз ман чӣ бичӯӣ ба навохонаи айём,
Овоза басе дораму овоз надорам.

## ТУРО БО ШЕЪР МЕБӮСАМ

Хушо, шеърам дилатро об кардаст, об чун чашма,
Ки ин чун рӯз аз ранги нигоҳи содаат пайдост.
Чаро нозӣ, чаро нозӣ ба ин ҳусни фиребоят?
Туӣ, барҳақ, мададхоҳе, ки ғарқ андар дили дарёст.

Мусофир дар диёри ишқи ман ҳастӣ, намедонӣ,
Чу гул дар базмҳои хеш мегардонамат ҳар шаб.
Агарчи дурӣ аз ҳар лаҳзаи бедори раҳпӯям,
Ҳаме дар соҳати андешаӣ, эй ояти матлаб.

Миёни шаъшаи нилуфарии субҳ,
Ба рӯи бистари руъё
Туро бо шеър мебӯсам…

*Нуралӣ ЯЪҚУБ*

## ДАФТАРИ ХОТИРА

Чун кушоям дафтарамро ёди ӯ,
Дар дилам субҳи мунаввар мешавад.
Байтҳои ёдгорӣ дар назар
Чун гули саҳро муаттар мешавад.

Мекунад парвоз мурғи хотирам,
Аз паси акси чу гул хандони ӯ,
Мебарад рӯҳи маро файзи хаёл
Бо навозишҳо таги айвони ӯ.

Як нафас осуда нагзорад маро,
Дарду доғи ишқи бесомони хеш.
Ман намедонам чи сон тоб оварам
Бар нигоҳе, ки диламро кард реш.

Акси ӯ бар ман бимонад ёдгор,
Дар дили аз сӯзи ишқаш беқарор.
Байтҳоям ҳамчу ахтар, кош-кош,
Равшанӣ бахшанд дар шабҳои тор.

## ФАРЁДИ ДИЛ

Эй баҳори дил, барору нобарориҳои ман,
Эй ғами дил – ҳамдами шабзиндадориҳои ман.
Эй гули бахту саодат, олами асрори ман,
Дар кучоӣ, ки баҳори умр аз ман меравад.

Эй хумори ту мар обо шеър карда ошно,
Эй хаёлат карда манро ёри дунёи сафо.
Эй ки гаштӣ дар талоши зиндагиям муттако.
Дар кучҷоӣ, ки баҳори умр аз ман меравад.

Эй ки бахшидӣ ба ғурбат ин дили бекинаро,
Тоза кардӣ бори дигар захмҳои синаро.
То фаромӯшӣ бибурдӣ ҳамдами деринаро,
Дар кучҷоӣ, ки баҳори умр аз ман меравад.

Дардбахши дардҳоям, як даво бахшо маро,
Карда мафтуну адоям муддао бахшо маро.
Бе ту афтад муттакоям, муттако бахшо маро,
Дар кучҷоӣ, ки баҳори умр аз ман меравад.

*Гулрухсори ХАТЛОНӢ*

## СУКУТ

Ман монда зи роҳу фурсатам рафта зи даст,
На барги умед монда, не тоби шикаст.

Чун мӯр ба доми анкабуте биравам,
Пирузӣ азон маро наояд бар даст.

Ин боғ баҳори сабзи ман кафш накард,
Он ҳам зи хаёли дили ман гӯям раст.

Хуршед рамида рафт аз рози ниҳон,
Нашнид маро аҳди қадимӣ бишкаст.

Паргораму гирди хештан мегардам,
Моҳигирам, лек надорам як шаст.

Аз омаданам дили пушаймон дорам,
Дилро ба умеди рафтанам бояд баст.

Ашк зи гарди доманат соғари гул чашиду рафт,
Ишқ зи боғи рӯи ту боғи биҳишт диду рафт.

Ғунча ба хилвати саҳар арзи вафои ёр кард,
Бод зи ҷоми дилбаре бӯи хуше шамиду рафт.

Чашми шафақ чу хун гирифт, тир шикофт қалби ман,
Вой надида ишқро аз ман дил буриду рафт.

Шоми сафои дилбарон субҳи умеду ноз дод,
Бонги хаёл аз сукут пои равон кашиду рафт.

Ахтари ишқ рост гӯ, ёр чаро зи мо бурид?
Чурм буд, охир, аз фалак, лек зи мо рамиду рафт.

***Устовалӣ ИСМАТЗОДА***

## ПАНД

Ҳар ки шеъру шоириро дӯст дорад,
Ӯ дилозори касе нест.

Ҳар ки ишқу ошиқиро хор дорад,
Ӯ сазовори касе нест.

Ҳар ки дар умраш дилеро дод озор,
Умри худро дод бар бод.

Ҳар ки буд неку накӯӣ дошт бо халқ,
Ҷовидона монд бар ёд.

Чӯҷаи кабке рабуд он ки зи модар,
Ҳамдиле аз ӯ ҷудо гашт.

Ҳар ки ҳар ҷое ятиме даст бигрифт,
Дӯстдори ӯ худо гашт.

Ҳар касе бар миллати худ доғ орад,
Эътибораш чун касе нест.

Дар ҷаҳон ҳамчун ғарибони ватангум
Хору зору бекасе нест.

Росткорон дар ду олам растагоранд,
Аз бузургон монда ин панд.

Ростравҳо мерасанд охир ба мақсад
Бо ризоии Худованд.

Фасли баҳору ҷоми шаробу нигоҳи ёр,
Себаргазору сархушию наргиси хумор.
Боғи гулеву булбули мастеву шӯри ишқ,
Хуш накҳатеву савти ҳазору висоли ёр.
Баргӯ: – Зи ин дигар бувад оё таронае
Зебову дилфиребу қашангеву нағмасор.

Шабҳои тору дидаи бедору ёди ёр,
Нури чароғу ашки қатору фироқи ёр,
Таҳдиди ҷону оби равону ғами гарон,
Мурдан ба ишқу ғарқи хаёли сароби ёр.
Баргӯ: – Зи ин дигар бувад оё таронае
Ғамгину ҳам ҳазину фиребову ашкбор.

*Марям СОҲИБОВА*

## НАСИМИ БОМДОДӢ

Файзу эҳсон бар диёрам боз резон мешавад,
Навшукуфта ғунчае ҳам субҳ хандон мешавад.

Бо насими боидодию навои булбулон,
Офтоби Тоҷикистонам дурахшон мешавад.

Чашмаҳои пурсафояш аз дили гарми замин,
Сар ба сӯи Каҳкашони қалби ёрон мешавад.

Ҳам суруди ёр-ёраш дар мисоли руди Вахш,
Бар дари ҳар хонаи мардум шитобон мешавад.

Аз нигоҳи гарми ошиқ мешавам масруру шод
Кокулонам анбарафшону парешон мешавад.

## ШАБ ОМАД

Шаб омад
Сукути танҳои
Парвонаву шамъ
Ману дилгириву ёди ту.

Шаб омад
Пушти панҷара торикист
Торикии махуф
Деви шаб наъра мезанад
Ба гӯши дили маҳзун
Ба гӯши дили пурхун

Шаб омад
Боз ҳаво пурситора шуд
Ситораи ману ту куҷо бошад?
Шабчароғе сӯ-сӯ мекунад
Ҳо аз он тараф
Аз он тарафе, ки турбати ман
Дар он ҷо хоҳад буд.

Шаб омад
Садои об
Садои қатраи борон
Садои шаршараҳо

Шаб омад
Умқи торикӣ бархест
Ӯ, ҳамаи хабҳоро ламс мекунад

Шаб омад
Садо
    садову
        садову
            садо
Садои форам
Шояд
Шамоли форам
        сим-сим мевазад.

Шаб омад
Ғанаби хоб
Хоби хомӯшӣ
Хоби мадҳушӣ
Шаб омад
То рӯз бисозад шоми ошиқонро.

*Равшан ИМОМЗОДА*

С полною чашей прильнул я ко стану желанной.
Нежно спросила: «Кто же ты в жизни обманной?»
«Я скалолаз, – ты скала, лишь взберусь на вершину,
Тут же другая манит вершиной туманной».

Помни, смертный, о грани дозволенного приличья,
Всё относительно в мире, не стынь же
в кругу безразличья.
Если ты допустил, что тобой негодяй помыкает,
Ты далеко от него не ушёл, и нет между вами отличья!

Мысли седые опутали – разум в тугой паутине,
Съежилась где-то душа, еще в юном порыве.
Как тяжело слить воедино молодость – мудрость!
Как отличить ложь от правды в этой рутине?

О морали немало я в книжках прочел.
Споров много, но в сердце свое я возвел:
Низок тот, кто продался за деньги, нуждаясь,
Ниже тот, кто за деньги почет приобрел.

Мы хаоса часть, – наша жизнь это миг.
Достойный беречь свое время привык.
Уйдя за порог ты подумай: «зачем?»
Придя же – о том, чего за день достиг.

Счастливая семья, как крепкая держава,
Жена в ней крепость, муж же – рать и слава
Беда вернуться в крепость, ставшую чужой, –
Тогда и лавры хуже пораженья, право!

В беде и в радости учись себе быть другом –
Так одиночества ты сможешь избежать.
Но важно то, чтоб крепок был ты духом:
Тогда другому другом сможешь стать!

Не важен взгляд, что брошен был прохожим на жену.
Важней, в желании к кому была она в плену.

*Хосият КАСТ*

## МИМО СЧАСТЬЯ

Не влюблена и не любима, –
Без солнца жизнь её прошла,
Вставала утром, уходила,
Все исполняла, как могла.

Весны цветенье знойным летом
Сменялось, как заведено,
И в гимне жизни недопетом
Все отмечталось, все прошло.

ꕥ

Хризолит твоих глаз манит издалека,
В одиночестве жизнь не легка, не легка,
Я сплетаю канву судеб близких, чужих,
Узелочки вяжу – островки для двоих.

ꕥ

Зари несмелой отблески ловлю –
Счастливый день счастливого начала!
Я тихо песню радости пою,
Что сквозь века мне Ева завещала.

ꕥ

Как грустные мысли откинуть подальше,
Дождаться тебя не потом, а чуть раньше
И, поступь твою услыхав за стеной,
В душе ликовать – о, опять ты со мной!

ꕥ

Дверь настежь тебе отворю второпях,
О, друг! Потону в этих милых кудрях,
Твоею – моя оживится душа,
Войдешь в мою жизнь, как всегда неспеша.

ꕥ

Мудрость гор и седину веков,
Ветерка прохладного дыханье
И молчанье зимних вечеров
И мое горячее желанье
Из ладоней отдаю своих
В твои руки сильные, живые.
Этот мир, он создан для двоих –
Знала я, но поняла впервые.

*Нина ПАНОВА*

## СОЛО ДЛЯ СКРИПКИ С БАРАБАНОМ

Прорвись, прорвись ко мне
Хочу тебе помочь я.
Я разобью стекло
Я добегу, я достучусь.
Пусть разорву одежду в клочья,
Стократ ударюсь или расшибусь.

Прорвись ко мне,
Пока ещё во мне
Есть сердце
Пока ещё не выскочило
Прочь
Прорвись сквозь
Вязких снов виденья
Сквозь ужас немоты,
Беснующийся в ночь.

Прорвись, прорвись ко мне,
Ты слышишь !!!
Прорвись!
Молчанье. – Тише, тише…
Но тишина так громко режет слух!
Быть может, ты меня
Совсем не слышишь?
– Что? Не пойму? – Я глух.

Завершился этап.
Завершился «досрочно».
Где и когда
Поставлю я точку?

Перепуталось всё,
Ценности все
Сокровенные
Остается лишь боль –
Память неверная –

Память страдалица
Память – предательница
Пусть пустота от тебя
Останется
Память – насмешница,
Гадкая карлица,
Дай мне уснуть без тебя
В беспамятстве,

Дай умереть,
Но уже возродиться
В мудрости камня,
В полете птицы

Расплавиться в солнце
Разлиться в море
Разбейте, скалы,
В обломки горе!..

Не унять
        Дрожь
Не понять
        Злость,
Будто
        В глотке
Поперёк
        Кость.
И с трудом –
        Шаг

И в борьбе –
Штрих
Победи
Мрак,
Захоти
Жить,
Излучи
Свет!
Растопи
Лёд!
Пусть пожар
Душ
Воскресит
Бог!..

## ПРОБУЖДЕНИЕ

Подожди меня, Весна,
Подожди, я не готова,
Подожди совсем чуть-чуть,
Хоть минутку, хоть полслова!

Не боюсь Тебя принять,
Просто так хотелось влиться
В буйство света, синеву,
Потонуть и раствориться.

Быть Тобою, быть частицей,
Приносящей это чудо:
Пробуждение Весны.

Значит, – жизнь.
И жить я
Буду!

## *Андрей СМЕТАНКИН*

### Я – ПЕРЕСТУК СЕРДЕЦ ВЛЮБЛЕННЫХ

Я – не толпа, а капля многих,
Не одиночка – сотни лиц,
Замшелый камень при дороге
И слух расхожих небылиц.

Я – прах времён и дождь созвездий,
Свободный дух и быт веков –
Во мне таятся плод соцветий
И перезвон колоколов.

Как целый космос – только атом,
Как полный мир, в себе – ничто:
Раскинусь полем, встану садом,
Поскольку бог и вновь никто!

Я – перестук сердец влюблённых
И мудрость жизнью опалённых.

Цветок и я, мы – суть одна,
Одной земли, планеты дети –
Её любви не видно дна,
Когда встаём мы на рассвете.

И я – цветок: плоды труда,
Души и сердца поколений –
Во мне людей, эпох руда,
Лицо столетий и мгновений.

Цветок увял, но я живу
В огне энергий, оптимизма,
И дух стремится в синеву,
Ведь жизнь – работа, а не тризна.

Что надо поэту? Терпенье,
Упорство таланта и труд –
Все беды они перетрут
И явят собой вдохновенье.

Чтоб помыслы сердца и духа
К поступкам тебя привели,
Трудись от рассвета земли
До сердца последнего стука.

Творит человека стремленье
Любовью весь мир охватить
И век свой достойно прожить –
Величие духа в гореньи.

Не бойся сгореть без остатка,
А бойся погаснуть – то гадко…

## ИМПРОВИЗАЦИЯ НА ТЕМУ БЕСПОКОЙСТВА

Я включаю свет в обесточенном доме,
Пробегаю вниз под бельмом потолка –
Мне слышится свист в револьверном патроне,
Мне грезится смерть в перевертнях шнурка.

Я вскрываю мир переменой всех действий,
Заклинаю день гардеробом проблем –
Мне чудится смех под дерьмом фарисействий,
Мне кажется стон полосованных тем.

Я бросаю в жар запятые и точки,
Вышиваю стих бесконечной строкой –
Мне грезится боль воспалённой почки,
Мне пишется быль неизвестной рукой.

Так было, так есть и так будет –
В Поэта бросают камнями,
Но ходит искрой между нами
И к чистым поступками нас будит.

В миру он богатства не ищет
И в людях не ищет он славы,
Но мыслей и слов ищет сплавы
–Стихи вдохновенные пишет.

*Анвар МУАЗЗАМИ*

## ОТЧИЗНА

Я купаюсь в лучах
Заходящего солнца.
В закоулках брожу, так до боли родных.

Всех сокровищ дороже
Мне родная Отчизна
Я для Родины милой
Слагаю свой стих.

И пускай мне твердят.
Будто там, за границей,
И пышнее луга, и синей небосвод.
Вы поверьте: другой мне не нужно Отчизны.
Мне привольнее там, где живет мой народ.

## КРИЗ…

Все падает куда-то Вниз,
Падают:
Планы, проекты, любовь.
Падает, так долго висевший карниз.
Из рук все падает и все валится.
Даже кошка и та не влюбляется.
Дверь настежь и не закрывается.
Посуда падает и разбивается…

Криз прошел.
Утро.
Все!
День начинается.

Мы расстались с тобой
У последней черты.
Ты ушла, не простившись,
Взяв с собою мечты.
И так жалко глядели
Вслед тебе те цветы,
От которых так просто
Отказалась вдруг ты.

*Муродалии ҶАББОР*

# БОРИ НАНГ

*Лучӣ ба хона, шикам ба дарҳо.*
*(мақоли халқӣ)*

Дигар маҷоли хестан ҳам надорам. Рӯи ин бистар чӣ қадар хоб рафта бошам? Хаёлам, ҳар лаҳза кӯрпачаҳо тунуктар мешаванд. Устухонҳоям аз дард намемонанд. Пештар дорую дармон гуфтанӣ чизҳо буд. Ҳоло бошад... Дигар бе давоӣ гаштан ҳам душвор. Ҳм-м, одамизодро бинед-а. Дар ин синну соле, ки ман дорам, боз мехоҳам тойча барин дар ҷасту хез бошам, бедарду ғам зиндагӣ ба сар барам. Хайр, ку ками дигар биистем, аз офаридгор чӣ меояд.

– Саид, ҳо Саид! – ҷеғ зад мӯйсафед. Касе ҷавоб нагуфт. – Ба куҷо рафта бошад? Меомад ягон ҷо мефиристодамаш. Саид-ку меравад, вале Хайём?. . Писари калон шудааст, шарм медорад. Бечора ҳамсояҳо ҳам дар ҳамин тангдастӣ хело кӯмак карданд. Ба худам чизе нагӯянд ҳам, ба кӯдакҳо гуфтанашон мумкин.

Паси хона садои мошине шунида шуд. Мӯйсафед мушавваш гашт: кӣ бошад? Медаромада бошад? Хешу табор-ку кайҳо наомадаанд. Э, аз даромаданашон ҳам дар ташвишам. Вақте кампир ҳаёт буд, доим меҳмон доштем. Ҳар рӯз касе меомад. Баъд аз кор, то як поси шаб сӯҳбату ханда… Парвои олам набуд. Ҳай дареғ, ҳай дареғ, маълум, ки пир шудем. Бе занак пирӣ боз гаронтар будааст. Болои ин...

– Бобиҷон! – гуфт Саид аз дар даромада. – Оҳ, хайрият чашмонатро кушодӣ. Ҳозир як чой монам, – баромаданӣ шуд.

– Дар дастархон чӣ қадар нон мондааст? – пурсид бобо.

– Нон овардам, аз хонаи амаки Расул ёфтам.

– Хайём куҷост?

– Дар мактаб.

– Боз каме сабр кунем, чӣ гуфтӣ?

Саид бо ишораи «намедонам» лабу абрӯ ҷунбонд.

Рӯзҳои охир ҳаёти вазнину зиндагии тоқатфарсо як лаҳза мӯйсафедро ором намегузошт. Пеши тақдир чӣ гуноҳе аз ӯ гузашта буд, ки дар поини умр ин гуна зарбаву хориро насибаш гардонд. Аз рӯзе, ки худашро шинохт, паи кору ташвиши рӯзгор аст. Ҷавониаш ба солҳои душвори пеш аз ҷанг рост омад. Он замон айни ҷӯшу хурӯши бачагӣ сухани касеро пас намегардонд. Ҳаёти коллективӣ мардумро маҷбур месохт, аз субҳ то шом дар саҳро ҷон коҳонанд. Ва албатта на ҳар кас зери офтоби тамузи тобистон тоқат карда метавонист. Занону мӯйсафедон бо дамҳака аз Ғайрати навча кӯмак мехостанд. Аз рӯи меҳру миннатдорӣ яке домод, дигарӣ почо мехондаш. Духтаракон шарми ӯро дида шердил мешуданд: «Ҳа, Ғайрат, замона дигар шудай. Гап-гапи пиро нест, дили ҷавонҳора ёб...»

– Бобӣ, чой ҷӯшид, Хайём ҳам дер кард. Гушна намонӣ? – хотироти мӯйсафедро пароканд Саид.

– Ҳеч гап не, то хестанам шумо гурусна намонед шуд.

... Ана баъд ҷанги хонумонсӯз оғоз ёфту он ҳама ба орзуҳои бачагӣ бадал гашт. Аз ин шаҳр ба он шаҳр, аз ин ҷанг ба он ҷанг. Нӯҳ сол, ҳамеша дар сафи пеш. Чӣ ҷойҳоеро надиду чӣ набардҳоеро нагузашт дар ин нӯҳ сол. Ва ҳар лаҳза ҷон дар каф. Аз чӣ бошад, ки як лаҳзаи мудҳиши он рӯзҳо зуд-зуд аз пеши назараш мегузарад. Ин фикрро ба хотир оварду бори дигар он сафҳа варақгардон шуд. Пеш ё қафо охирҳои ҷанг бо истилогарони фашистӣ буд. Аскарони Шӯравӣ аллакай ба хоки Гирмон ворид гашта буданд. Гурӯҳи махсусеро бо сардории Ғайрат Аҳмадов барои таҳқиқи

мавқеи душман ба деҳае фиристоданд. Онҳо чаҳор нафар паи иҷрои супориш шуда бо чолокӣ худро зери ғарами бедае гирифтанд ва якпаҳлӯ зада аз дур мавқеи душманро омӯхтанд. Шаб даромад. Ҳама ҷо ором, тахмин соатҳои панҷ-шаши субҳ ногоҳ сарвари даста мӯйсафедеро дид, ки оҳиста-оҳиста ба онҳо наздик меояд. Бо усуле яке аз сарбозон ба ӯ фармони итоат карданро дод. Ва мӯйсафед ҳам бо ишораи нозук фаҳмонд. ки ҳам кар асту ҳам чашмонаш камнур. Ва боз ҳамон тавр палмосида-палмосида гашта рафт. Ғайричашмдошт пас аз лаҳзае танке наъракашон сӯи разведкачиён омад. Мӯйсафеди бадбахт аллакай корашро карда буд. Фурсати фармону дастурҳои иловагӣ набуд. Ғайрати ҷавон ба камарбандаш даст бурд: «чор граната». Танкро нишон гирифта, гулулаҳоро якбора ҳаво дод. Таркиши онро диду...

– Бобӣ, шояд Хайём то бегоҳ наояд. Саломатиатон вазнинтар шуда истодааст, – ҳаяҷону зуд-зуд нафаскашиҳои бобиро дида, ҳаросомез гуфт Саид.

– Боз камтар сабр кунем? – бо табассуми дардомез посух дод бобо. – Охир...

... Чашмонашро кушодан замон хабар доданд, ки афсаронаш ба худ омадани ӯро интизоранд. Худоё, чӣ шудааст? Наход бачаҳоро асир гирифта бошанд? Ва ё ҳамаашон... Не, не, ин тавр шуданаш мумкин нест. Афсарон фурсати аз ин беш андешидан надоданд ва як-як ба палата ворид гардиданд. Ғайрат бо дидаи ҳайратбор ба чеҳраи онҳо менигарист.

– Старшина Ғайрат Аҳмадов, шумо барои шуҷоату мардонагӣ дар ҷанги зидди фашизм бо ордени «Ситораи Сурх» сарфароз гардонида шудед. Хоҳишмандем ин қадрномаи олии Ватанро аз номи партия ва ҳукумати Иттифоқи Советӣ қабул намоед... – боз чиҳое ҳам гуфтанд, вале гӯшҳояш гӯё кулф заданд...

– Орденҳо... Ё онҳоро фурӯшам? Зиндагӣ душвор, саломатӣ ноҷӯр. Бо ҷон харидориаш мекунанд. Ҷавобгарӣ набошад. Эҳ, замона, замона. Ҳама чиз дар

даври худаш. Пеш онҳо қимат доштанд, қадри инсонро меафзуданд. Ҳоло чӣ? Ин чапдастони муттаҳам чӣ медонанд, ки ҳар яки ин «оҳанпораҳо» бар ивази ҷон ба даст омадаанд. Ман чӣ тавр метавонам як узви баданамро ба савдо бигузорам?...

– Хайём дар ким-куҷо шикам чарронда мегардад, шумо бошед, ғами ӯро мехӯред, – ғурунгид набера.

– Не-е, вай ин хел нест.

– Охир чой хунук шуд, шумо касал, боз мегӯям вазнинтар мешавед.

– Агар якеи шумо гурусна бошед, аз гулӯи ман чизе намегузарад. Дар зиндагии ман фақат дуи шумо мондаед, мефаҳмӣ? Дигар хеҷ кас!

Саид борҳо дар ин хусус ҳарфҳои дардноки бобояшро шунида буд ва ин навбат низ, ба гиря моил оби даҳонашро фурӯ бурд. Гарчанде хурд буд, қисмати талхашро хуб медонист. Аз ин рӯ дар ин боб суханро ба дарозо набурд.

Ҷойгаҳи дароз, нафаскашиҳои берабту ғур-ғури гоҳ-гоҳи бемор фазои хонаро тобеи худ карда буд. Саид ногоҳ мушоҳида кард, ки аз кунҷи чашмони бобояш об мезаҳад. Ёрои пурсидан надошт. Ғамҳояш зиёд, намедонист ин лаҳза бобояш сари кадоми онҳо меандешида бошад. Ва бархосту оҳиста берун шуд. Мӯйсафед бо дарду аламҳояш монд. Зарбаҳои тақдир афгораш карда буд, вале тан намедод. Ӯ намедонист хуб аст, ё бад, ки сарнавишт дар ин пириву бемаҷолӣ тақдири ду кӯдаки бегуноҳро ба дӯшаш вогузоштааст. Падарашон бемории модарро далел оварда якбора ҳам аз баҳри зану ҳам фарзандон гузашт. Мӯйсафеди Ғайрат ҳарчанд паи маслиҳат бо домод дар гуфтугӯ шуд, аммо вай сар печида, ҷавобро калтаву кӯтаҳ дод: «се... «. Ва ғуруру виқори мардӣ дигар гардан надод аз падари набераҳо нафақа, ҷиҳоз, хонаю замин талаб кунад. Дарзамон як ҳуҷраро барои духтару набераҳояш ҷудо намуд. Кампир чун ин ҳолро дид аз баҳри касалии хеш баромад ва ба нигоҳубини духта-

раш пардохт. Дард хурӯҷ мекард. Табибон натавонистанд ба захмҳои духтар марҳаме бубахшанд. Ва оҳиста, бехигӯшӣ аз муйсафед сабру таҳаммул хостанд…

Саҳнаи зиндагӣ бобои Ғайратро чарх додаю чарх пеш мебурд.

Мӯйсафед чанд рӯз аз хона набаромад, силоҳдорон бо зӯри ярок маҷрои дунёро ба коми хеш гардонида буданд. Парон-парон, лату кӯб, ғоратгарӣ имкон намедод, хабаре аз ёру ошно дошта бошӣ. Бегоҳирӯзие нафаре аз маркази ноҳия ба деҳ баргашта, хабар овард, ки ягона писари бобои Ғайратро силоҳдорон куҷое бурданд. Бо авзои парешон ва дидаҳои хунбор роҳи хонаи писарро пеш гирифт. Аз он ҷо ба маркази ноҳия ва маркази ҷумҳурӣ. Сад дарро куфту сад ҷо оби дида кард. Ба вазъияти ҷангӣ нигоҳ накарда, аз рӯи имкон тамоми шароитро барои ҷустуҷӯи писари гумномаш муҳайё сохтанд. Ҳамарӯза кофтуков мекард. Хобу хӯр надошт. Билохира баъди ҳабдаҳ рӯзи расо хабаре омад, ки аз соҳили дарёи Душанбе... ... Модар «О-о-оҳ-ҳ!!!»-гуфту афтод...

– Куҷо мегардӣ? – пурсид Саид аз Хайём, ки тоза вориди ҳавлӣ гашта буд – бобим саҳар боз роҳи туро мепояд, чизе ба даҳон намебарад.

– Хонаи Алӣ-саркор рафта будам. Хоҳиш кардам, маро ҳамроҳаш Росия барад. Маслиҳат шуд, роҳпулӣ аз ҳисоби худаш.

Саид чизе нафаҳмида, ҳайрон аз ақиби бародараш вориди хона шуд.

– Чӣ гуфтӣ? Боз такрор кун, – гуфт мӯйсафед ба наберааш.

Набера арзи ҳол кард.

– Ба ҳеҷ куҷо намеравӣ! Охир ту ҳоло кӯдакӣ, понздаҳро пур накардаӣ, мефаҳмӣ? Ҳавояш хунук, либоси гарм надорӣ, азоб мекашӣ. – ба насиҳат гузашт бобо.

– Дигар илоҷ нест. Худатон мебинед-ку захираи хӯрока ягон хел надорем, либосӣ ҳам. Шумо касал, ягон сӯм кор карда биёрам, он тарафашро мебинем, – фаҳмонданӣ шуд набера.

– Камтар сиҳат ёбам, худам як бало мекунам. Ту ҳоло напухтаӣ, ҳавои сард, кори вазнин зӯрат меорад, мефаҳмӣ?

– Мефаҳмам, бобиҷон, мефаҳмам, – якравӣ мекард Хайём. – Дигар илоҷ нест. Рафтан зарур!..

Ва Хайём рафт. Дар хона Саид монду мӯйсафеду олами дардҳояш...

– Аз афташ ин беморӣ хеле маро азоб медиҳад. Ба ҳаминаш ҳам шукр, ки сӯзиши устухонҳо камтар шудааст. Сулфа кайҳо боз азобам медиҳад, нав нест. Паи ҳоҷат бе ёрмандӣ рафта метавонам. Саид ҳам аз мактаб хеле ақиб монд. Хайём партофту рафт. Дар чӣ ҳол бошад? Хабари расиданашро шунидему дигар ҳеҷ. Ин беинсофҳо нафақаро ҳам сари вақт намедиҳанд. Пеш шикоят буду ҷазо буд. Ҳоло чӣ? Шикоятгар ҳасту шикоятшунав не, хандахариш мешавӣ. Баъзеҳо рост ба чашмонат писхандомез мегӯянд: «Умре хизмати давлату партия гуфтӣ, ба куҷо расидӣ? Ҳа-а, мӯйсафеди Ғайрат зери бори рӯзгору зарбаҳои тақдир дамдузду камҳавсала гаштааст, вагарна кӣ метавонист ба ӯ чунин ҳарф бизанад? Оҳ-о, ба қавли худаш, забонашро дар даҳонаш кӯргиреҳ меандохт.

Ин ҳама як сӯву ғами зиндагӣ як сӯ. Чӣ кор бояд кард? Ҳамдеҳагон низ мисли ӯ рӯзгоре ба сар доранд. Ба ҷуз шаш-ҳафт нафар, ки шарм медорад аз рафтан. Хонаи хешу табор?. . Уф-ф!!! Чӣ кор кунам, чӣ чора андешам?

Тамоми шаб мижа таҳ накард мӯйсафед. Фикрҳои бесару нӯг майнаашро мефишурданд. Рӯяшро ҷониби тиреза гардонд, диққаташро пардаҳои сафеди зардгашта ба худ кашиданд. Ба хотир овардан хост, ки бори охир кӣ ва кай онҳоро шустаю дарзмол карда бошад. Вале гӯё ҷои сари ӯ сари кадом як кӯдаки навзодеро

гузошта бошанд, ки чизеро ба ёд оварда натавонист. Оҳиста аз тиреза ба берун нигоҳе афканд. Насими тирамоҳӣ маҳин-маҳин мевазид. Дарахтон гӯё аз ин таҳрик дастафшон табли шодӣ менавохтанд. Хун ба сараш зад? «Мисли одамони сер гардиш мекунад-е. Атрофи ҳар як шоху навда раққосаҳо барин чарх мезанад, баргҳоро нихта-нихта карда, хир-хир механдад. Гӯё ғайри ҷавлон задан дигар коре надорад «ноптуд»-беихтиёр дашном дод. Паҳлӯ гашта нафаси чуқуре кашиду пичирос зад: Эҳ худо, ман чӣ кор кунам, ман?!.

Андешааш дигарбора тамоми кӯю барзанро сайр кард. Ҳама идораю муассисот, кору машғулият, имконияту зӯри бозувони хешро пеши назар овард. Ҳеҷ яке ба завқаш чӯт намедод. Ё номӯс намегузошт ва ё аз ӯҳдааш намебаромад. Билохира, ба ҳамон хулосае омад, ки кайҳо дар қалбаш буд.

Ҳанӯз ситораи субҳ набаромада мӯйсафед аз ҳавлӣ берун шуд. Бозори марказӣ, ҳама саргарми кор. Аз шарму ҳаяҷон гулӯяш фишурда шуд. Ба ду-се нафар аз наздик нигарист, чизе гуфтан хост, овозаш набаромад, сараш чархид, дунё дар назараш тираю тор гашт. Бори дигар сар боло карда ба роҳгузарон дида дӯхт. Аз нигоҳашон ба худ рамуз гирифт: Онҳо ба ҳолам механданд, ба либосҳоям назар карда, шубҳа мебаранд, ки қашшоқию гуруснагӣ ба зиндагиам панҷа зада бошад. Охир, ин хел... намешавад... наметавонам.

Оҳиста-оҳиста ба канор рафта, болои бетоне нишаст. «Ин кор аз дасти ман намеояд, қувваи бозу ҳам нест, ки ароба кашам ва ё бор фарорам?», – гуфт дар дил.

– Бобӣ, намехезӣ, ки ма борома монум, – гуфт ҷавонписари кӯлоҳбасаре. – Ҳозир савдо сар мешава. Як рӯз, ки наёмадем, даррав ҷомона соҳиб шиден.

– Ҷоят ба худат насиб кунад, писарам. Ман каме дам гирифтам – гуфту бархост. Даруни бозор сар-сарӣ каме гардиш кард, фурӯшандаю харидоронро наззора кард. Аз байн чӣ қадар вақт гузашт – надонист. Танҳо

ҳаминро пайхас кард, ки ҳар дақиқа атроф серодам мешавад ва ҳар касе паи кори худ мешитобад. Бо табъи гирифтаю қалби ларзон сӯи истгоҳ рафт. Нигоҳи бефарқаш яке ба кампири рӯи роҳ нишаста афтод, ки зораю лобакунон аз роҳгузарон садақа мепурсид:

– Фарзандакои азизам, қурбонатон шавам, ба ин кампири сарсахту бесоҳиб раҳм кунед. Илоҳӣ садсола шавед, – мегуфту ашки чашмонашро бо рӯймоли гардии сурхи гулдор, ки аз ҷилои ранги садбарги сафедаш қариб осоре намонда буд, пок мекард.

Ба сару либос, пойҳои то зону бараҳнаву сиёҳгардида, ҳаракату пулҳои наздаш буда мутаҳайир нигариста дар худ ларзид, ба пӯсташ мурғак давид. Дар дил аз раъяш гашт. Лаб зери дандон, сархаму малул, ғарқи андешаҳои худ аз қафои кампир гузашта рафт. Ба истгоҳ расида мунтазири мусофиркаш рӯи курсӣ акнун нафас рост карданӣ буд, ки овози ғафсу гирои мӯйсафедеро шунид:

– Дар ҳамин саҳари чоршанбе худо ҳама муродатона ҳосил куна, баракати касбу коратона тия, канӣ, омин...

Ба ин мардум касби қабилавист. Аз ӯҳдааш моҳирона ҳам мебароянд. Дуояшон пайваста мисли шеър. Ин шабу рӯз сафи ин тоифа чунон бисёр, ки... ба хаёлам аз чашми инҳо касеву ҷое дур намемонад. Боз ба ҳаминаш ҳам шукр, ки ҳама гузарон, кам нестанд, вагарна ҳолашон чӣ мешуд?

Бо чунин саргумию авзои пареш ба нақлиёт ворид шуда худро ба гӯшаи дигари шаҳр гирифт. Дилаш дар ҳалқаи гургони гуруснамонда буд, ҳар лаҳза аз неши дандони гургон бо қалби хуншор андеша мекард. Ҷои ношинос, шояд тавонад. Дар назараш ҳар роҳгузар ба мисли худаш тиҳидаст намуданд. «Беҳтараш ба мағозаҳо дароям».

– Писарам... барака ёбӣ... – ларзидаю шармхӯрда ва бо лакнат дуое ба забон овард. – Ҳузури фарзандонро бинӣ, давлатат кам нашавад.

Фурӯшандаи олуфтанамо бе он ки дар чеҳрааш дигаргуние падид ояду чизе бигӯяд, ба қуттие даст бурда, як бистсумаи дарида дароз кард.

– Духтарам, умракат дарозу зиндагиат бардавом бошад, ҳузури фарзандонро бубинӣ...

– Бачем, барака ёбӣ, зиндагӣ пур аз пастию баландӣ будааст...

– Илтимос, барои як бурда нон...

Дигар чӣ сухане аз забони мӯйсафед мебаромад, барояш фарқ надошт. Аз мағоза ба мағозае, аз дӯкон ба дӯконе хело гашт. Пулҳои ҷамъкардааш барои чанд дона нон мерасид. Акнун ба хона баргардад ҳам мешавад.

Дар ин ҳол чеҳраи ӯву ваҷоҳати осмон ҳамрангӣ доштанд. Ин монандӣ ба дилҳо асар гузошта, завқҳоро димоғӣ мегардонд. Такони дилаш ҳеҷ басанда намешуд. Ба назди мағозаи бошукӯҳе расида «инашро ҳам бубинам, аз дил гузаронд, шояд барои як нон пул бидиҳанд». Бо сари хам якто-якто қадам гузошта аз зинаҳои мармарини даромадгоҳ боло шуд. Боло шуду қабл аз вуруд як дам пойҳои дардмандашро дошта истод. Аз дохил садои баланди мунокишаомез шунида мешуд. Тафреҳро хотима дода акнун вориди бино шуданӣ буд, ки ҷавонмарди чорпаҳлӯе машғалакунон берун баромад. Пешгоҳи дар мӯйсафеди хамидақомату бечораҳолеро диду таваққуф кард.

– Ба куҷо, старик! – бо чаҳл абрӯ гиронд.

– Бачаҷон, барои як бурда нон, камакак садақа...

– Канӣ нест шав, ай иҷа, соята каш, тез!!!

– Бачам, мани мӯйсафед...

– Нафаҳмидӣ?!

Мӯйсафед ақибнокӣ рафт, чашмаш сиёҳӣ зад, дилаш беҳузур шуд. Чӣ ҷавоб гуфтанашро ҳам надонист. Зинаҳои бо азоб баромадаашро гашта фаромад

– Ин чӣ гап аст? – худ ба худ ҳамоно ғур-ғур мекард мард. – Сарҳисоби коратро наёфта якташ ба зӯрӣ

мегирад, дигариш медуздад, инаш металбад. Гӯё барои ҳаминҳо кор мекарда бошем!

Пиракӣ чӣ тавр нон харидану ба хона расиданашро дигар надонист. Бастаро назди тиреза гузошту болои курпача дароз кашид. Иштиҳояш баста, гулӯяш фушурда шуд, сулфа як лаҳза оромишаш намедод. Аз шарм буд, ё аз дард сару пояш меларзид. Хориаш омад, вале ғурури мардӣ гардан надод, оби ҳалқазадаи даври чашмонашро пок кунад.

Чанд рӯз зайли пешин пакару хастаҳол рӯи бистар хобид. Орому бесадо ба гиру мони наберааш нигариста, эҳсоси дигаре решаи ҷонашро ларзонд. Андоми Саид бештару бештар зоҳир гашта, лоғарӣ ба қоматаш панҷа мезанад. Яқин бемории ман бар дӯшаш вазнинӣ мекунад. Лозим меояд бархезам, вагарна...

... Ба «касби нав» дасташ пеш намерафт, аммо чӣ илоҷ? Модом, ки заррае ҷон дар бадан боқист, бояд чизе пайдо карду хӯрд. Шабонгоҳ чун суфраи андешаҳояшро ғундошт, баҳри омодагӣ ба соати девории рӯ ба рӯ, ки чиқ-чиққунон доимо бо ӯ ҳамрозу ҳамнаво буд, чашм давонд. Ақрабакҳо дигар аз мусобиқаи пештозӣ даст кашида буданд. «Эҳ бевафо, – аз дил гузаронд. – Ту ҳам дилгир шудию маро дар ин тангӣ партофтӣ! Ҳа-а, дуруст, аз чунин зиндагӣ кӣ ба танг намеояд?» Бо ҳамин хаёлҳо миёни чаҳор девори тақдир каме ғунуда, хурӯсчеғи рӯзи дигар боз сӯи бозор роҳ пеш гирифт.

– ... Умраки ҳамин фарзандат дароз шавад...

– Азизу авлиёҳо мададгоратон... Раҳмат, бачем...

– Худо ин рӯзро ба сари ҳеҷ кас наорад. – Ӯ дигар ашки чашмонашро дошта наметавонист. Сулфа ҳам имконаш намедод, ки арзи ниёз кунад. Болои асфалти роҳрави бозор бо қомати чангзада базӯр худро дошта меистод. Дард зӯрӣ кард магар, ки ба зону нишаст, тани пурдарду шиками гуруснаи Саидро бори дигар пеши назар оварда, нафаси гиреҳхӯрдаашро зӯр зада ку-

шод. Бо дидаҳои чор аз чашмони раҳгузарон ба ҳасрат нигарист. Шояд ба ҳолаш раҳме намоянд.

Мардум саргарми рӯзгори худ поину боло мешитофтанд. Ва ҳамоно яке ҳиммат мекард, дигаре нафрат, саввумӣ фориғболу чаҳорумӣ шояд бо ҳавас ба кафи пулҳои гадои рӯи роҳ нишаста чашм медавонд

Мӯйсафед бо чеҳраи намгирифта мадори охиринашро ғун дошта:

– Илтимос… – гуфту парӯ афтод ва кафи ба андоми ба замин пахш шудааш чанде ларзид…

## ТАЛВОСА

Мӯрча даруни банка афтод. Рӯи хуморӣ, ҳасратбору афсунияш ин лаҳза чиҳое, ки дар худ мунъакис намекард. Дунёи рӯшану зебо, сарзамини пуротифа, зиндагии мусаххару қалби мусаффо, тиннати беолоишу рӯҳи хирасозаш ба сони тундар ба ҳам заданду чун чахмоқак аз чашмонаш алангаи андӯҳ шарора пошид. Ҳама рӯзгоре, ки тули ин умри кӯтоҳ ба сар бурда буд, зангӯлазанон чун турнаҳои баҳорӣ яке паи дигаре дар осмони тахайюлаш гузар карданд. Турнаҳои сафедбол бо завқ дар синаи осмон якмаром парвозӣ буданд. Аммо зиндагии вай дур аз онҳо – рӯи замин мегузашт. Шебу фарозҳо дошт. Ва ӯ рӯи ин тахту пуштаҳо мехазид. Солор, пуртамкин, фурӯтану ботаҳаммул пай месипард. Нуқле меҷуст, вале ин ҷустуҷӯ ҷаҳонгардие дошт дар ниҳод. Зиндагӣ месохт бари худ, лекин ба таври худ, бо салиқаву завқи худ. Ҳама рангорангии ҷаҳонро аз бунаш менигарист. Гӯиё бунёдашро меомӯхт, ки ҳамвора бо решаҳо роз мегуфт. Аз решаҳо ғизо мегирифт. Ҳарчӣ бештар баҳра мебардошт, фурӯтанӣ ниҳодашро фарогир мешуд. Аз баландию бузургии кӯҳ тамкин мегирифт, аз дарахтон сабзиш, аз хок серҳосилию аз хазандагон созиш. Ва дили бузургу беназирашро мекашид даври домони ҳаёташ…

Акнун ин ҳама рангобарангӣ барҳам хурд. Чаро? Ҷаҳонашро мехоҳанд аз нав бисозанд? Ба завқу салиқаи хеш мутобиқ намоянд? Охир, дунёи ман кайҳо тарҳрезӣ шудааст-ку? Наход, ки…

Ӯ сарозер меомад. Дасту пойҳо парешон. Чеҳра ҳамоно ҳаросон. Шояд ин дам низ аз сарнавишташ меандешид? Аҷабо, аслан чунин мағок тантанагоҳи торикист, вале ин парвозро дар дунёи равшан асрор чӣ бошад?

Ин дам якбора омаду уфтод бар замин. Замини сангистон, яхистон, дурахшону пурҷило. Вале ба каронаҳо на мисли замини хокӣ паҳно. Самояш низ ҳамчунин. Аҷиб дунёе! На тангу тор, на даҳшатноку дилгир, аммо ҳама чиз ба сони сурат намудор аст: зебо, вале дастнорас. Дунёи афсонаборе, дидан ҳасту хӯрдан не. Атроф озода, ҷамоли баҳру бар пеши дида. Бигиру бихӯр, бипӯш, ба сар бипош, табли шодӣ бизан. Ин ҳама нӯшу неъмат баҳри туст! Чу пойандоз зери қудумат парниён! Марҳамат!..

Пой бардошт, лағжид, пасу пешро муойина кард. Дастёрҳои мобайниро устувор карду дасту пойҳоро ба ҳаракат даровард. Хело хазид. Худро лаби марза гирифт. Девори шишагине ӯро аз дунёи ошно ҷудо мекард. Бидиду гулӯяш хушк шуд. Ташна монд. Бо назари умедворӣ ба даври худ чашм давонд. Ҳатто бӯи об ба машом намерасид. Баракатро дар зулфи ҳаракат баста, давр заду давр зад. Гирдгардон саҳни ин бодия хело чархид. Умедаш низ лабташна пушти дари ноумедӣ дармонд. Баландию пастиҳои тайкардаашро як раҳ ба хотир овард. Ҳм, ҳатто шебу фарозаш низ беҳиссу бесадоянд. Нишони зиндагиро ҳам надоранд. Ва лаби «девори чинӣ» нишасту ба дуриҳои дур назар дӯхт. Гӯё накҳати ҳаётро аз ҳамин масофаи дастнорас шамидан мехост. Бо ҳасрат хаёли раҳпояшро кушода нигоҳ медошт. Ба дунёи рӯшан рӯ гардонида, даҳонаш об кушод магар, ки бо талвоса зуд онро фурӯ бурд. Қатраҳо дар гулӯи биёбоносояш намиеро эҳсос кар-

данду бас. Ва ин таровиш ташнагиро дар замираш на танҳо нашкаст, балки хурӯҷ дод. Колоҳои паси девор дар рӯи обгирифтааш рӯшану саҳеҳ чеҳра намуда, ба сони мусаввадаи пурнақш садранг ҷилва медоданд. Сабзаву гиёҳ, пуштаю саҳро, гулу раёҳин ҳама гӯё ҷавлон мезаданд. Ғуборе дар пардаи латифи чеҳраашон ба дид намехӯрд. Сафое дар зиндагии паси девор тантана дошт. Дар садди шишагин гӯиё он як бар даҳ меафзуд. Рангҳо босафо, аксҳо пурвусъат, назокати чеҳраҳо хушнамо, диданиҳо дилрабо. Мардум шаҳди ин ҳамаро он ҷо мечашанд. Мехазанд, мекашанд, мебаранду боз меоянд. Шӯри ҳаётро мебинию дилат бехудӣ меорад ин ҷо. Садояшонро бубин, шавқу шӯрашон завқи касро бол мебахшад. Хурӯши зиндагонӣ кулли сарзаминашонро фаро гирифта. Рӯи ин чамани бодхӯрда, ки сангистоне беш нест, танҳо шамоле ҷавлон мезанад, ки зӯзаи шағолонро дар биёбон ба зеҳн мерасонад. Садои булбулосою симои мусаффои онҳо ба чашму гӯш мерасаду туғёнеро дар замир ба ҷунбиш меорад. Ва ман низ овои ҳамсадоӣ мезанам, то ҳамрангашон шавқи зиндагиро дар худу церри худ бунёд кунам…

Аз ниҳонхонаи дил нерӯе бо тамоми завқ хурӯш мекунад: Данг-дан-дан-дан-дан…

Ин ниҳеб дар сарзамини «шишагин» ончунон аксе бармедиҳад, ки ҳамсадоиш пардаи назифи сомеаро ба таркиш мувоҷеҳ месозад. Ин ғулғула зилзилае буд, ки дунёи берӯҳу яхбастаашро гӯё барҳам зад. Чашмҳо дар қабзи торикӣ, гӯшҳо мамлӯи садо, ҷисмаш паррандае дар осмони қандилӣ. Бо дастҳо роҳи садоро зер кард, аммо аз ин амал фоидае ба тан нарасид. Ночорӣ вуҷудашро фаро гирифт, дили хуморию ҳасратбораш дар худ ашкро халта мезанонд. Бо назари умедворӣ фаросӯи марз нигарист. Ҳама овораи кори хеш буданд. Садояш ба ҷое нарасидааст. Бори дигар ҷеғ фиристодан хост. Зарби аввал ба хотир омаду гузашт аз баҳри ин хоҳишаш. Зеро фарёдаш азони дар кӯза хондаи му-

аззинро мемонд, ки акси онро ҷуз худи азондеҳ каси дигар намешунид. Чӣ кор кунад? Бехурӯш бонг бизанад? Овои марғуладораш, ки нарасид, инаш ба он сӯи дастнорас пайванде мегирад? Ва нидое бад-ин сурат саршикаста оё ба дарде мехӯрад? Аз садое, ки ба гӯше нарасад, чӣ манфиат аз баландию пастиаш?

Он ҷо зиндагие рӯи майдон чарх мезад, ки метавонист сарзамини рӯъёии ҳар дидаи бедор бошад. Рӯзгоре буд, ки рӯҳро парвоз медод, дилро нишот, ҳаёти хуррамонае буд, ки орзуяш аз дил зудуда намешавад. Ҳамчунон, ки замоне буд озода, шоиста, фароҳзо ва дар худ зистанҳо. Афсона меборид аз бому дараш, ки гоҳе шак мерасад бар дил зи мавҷудияташ. Бе каму кост, ҳамсони хишти қолабёфта, гулхандае дар лаби соҳибзамонон. Афсонаи ширине буд дар хоб, ки ҳамболи орзуҳои рангин париду рафт…

… Буд чунин айёме…

Дилаш заъф кард, панҷае равонашро дар вуҷуд мефишурд. Гардан тофт, чашм ба осмон дӯхт, хешро ларзонд, таконд, лек аз ҳолат нараҳид. Хотираҳои мозӣ рӯҳашро бештару бештар фишор медод. Роҳи нафасаш танг мешуд. Нигоҳаш имдодҷӯёна ба бурҷҳо медавид. Ёрие истиқболаш нагирифт.

Аз ҷабри ҳолу баҳри наҷот ҳарду пои ақибашро ба замини беҳису булӯрин устувор намуд. Бо дастҳои пешу дастёрҳои байн ба осмон хез заду наъраи шеронае ба гунбади афлок раҳо кард.

– Данг-дан-дан-дан-дан…

Шарораҳои рӯшан пардаи сиёҳи шабрангро лаҳзае мунаққаш сохтанд. Дунёи фиребо низ аз назарҳо ғайб зад. Ҷои замзамаҳои зебоию хаёлоти афсоназои ҳаёт ноқӯси калисо якмаром зарби пурдаҳшати хешро ба мағзи беҳиссу беҷони мӯр мекӯбиду мекӯбид…

…Обе ба сар омад, шӯру туғён кард. Ҷисми мӯр зеру рӯи ин дарёи шӯхшанг пасту боло шуд ва дар тахтапушти амвоҷи саркаш миёни мурдобе ҳаво хӯрд…

# ТАҶОВУЗ

Пилтачароғро шӯри зиндагӣ ба сар гузоштанд. Оташ гиронда рӯшан сохтанду нури дидааш карданд. Вуҷуди орому узлатнишинаш ба домони худафрӯзӣ ҳавола гардид. Як – ду маротиб забонаш гиреҳ хӯрда латма ёфту пасон бомаром навои пуршӯри зиндагиро ширадор сурудан оғозид. Аз ин замзама замину замони атроф ба худ омад, ранги гарми ҳаёт дар чеҳраи пурнақши эшон мунъакис мешуд. Батадриҷ симои ашё низ ранги сурху сафеду сабзу кабуду зарду сиёҳро ҳалқа-ҳалқа ҷудо карда гирифт. Гӯӣ ин ки рӯи оби ором қатраҳои рӯған чакидааст. Ин шӯр набзи ҳаётро дар мусаввадаҳои гирду пеш ба таппиш андохт. Чашмак мезаданд, чеҳра мекушоданд, истиғною тафохуре доштанд аз ин шукуфоӣ.

Дасте омад пуротифа ва меҳрубоние кард бар ғизои ӯ. Аз ин дасти шафқат чашмонаш тароват ёфту чаҳрааш нур. Ба ҳадде, ки айнаки чашмош ин зиёро вусъати хонаводагӣ бахшид ва адсти фараҳро рӯи майдони тантана мададгор шуд. Зиёи зарди хуршедӣ руи майнааш низ гармию ҷило овард. Шодмонӣ вуҷудашро ба резаларзиш кашид. Шӯру қиёме бархост он ҷо ки ниҳодро ба инфиҷор тела медод. Хурӯши мастӣ аз сар то ба пояш фаргир шуд. Таҷаммули ин фурӯғ ба ҳадде нафаскушо гардид, ки дар назар пушту пеши равоқҳоро ба ҳам мусовӣ гардонд. Аз ин бехудӣ гардани ихтиёр аз даст дод. Ба қавле банди зулфаш аз каф рафт. Нигаҳдорандааш ба гирдбоди мастӣ пеш хӯрд. Сармасти нӯши ҷоми озодӣ пой мекуфтанду сар ба осмонҳо мекашиданд, завқ мебурданду лаззате меёфтанд, ки нӯшаш ҳам ба хешу ҳам ба атроф файзе меовард фаровон. Меболиданду қарс мекӯфтанд, садо мезаданду бонги тараб мепарроканданд…

Забонаи оташ ҳамсанги шавқунҳо боло мегирифту ҳаллос мезад.

Бо ҳазору як тобиш нағмапардозӣ мекард. Худафрӯзиҳое дошт дар майдони тараб. Мерақсид, ҷилва медод, ишваю ноз мефурӯхт. Бо ин гуна рафтору тобиш ва ҷилою анбаре, ки аз худ ба оламиён эҳдо медошт, ҳушу ёди зимомдоронро аз ихтиёрашон рабуда буд.

Рӯшанӣ милтирос мезад. Сапедию софӣ ҳукм меронд.

Забон ба андозае даврон дошт, ки гирди сар мечархиду ба маснаде расидан мехост. Ва дами ин амал гӯё аз раъйи хеш пушаймон гардида, теғи забон бозмекашид. Мебурду меовард, теғ мекашиду ба рӯй медавонд. Чун осори дастранҷи хеш медиду ҷавлони худ, лаззат меёфт…

Ҳамагон сармасти ин ғулғула…

Равшании дида гӯё рашки забони албонию белаҷомро овард. Ханҷари хешро чанд раҳ сӯяш боитоб чарх занонд. Шишаи чашмон рам хӯрд. Ҷилои теғи забон чашмашро хира сохт, вале таҳаммулро пеша намуда, бо фурӯтании азалӣ пойбарҷо истод. Забон теғ мебурду меовард, мебурду меовард, то оне, ки чашмон сиёҳ назаданду бехудӣ наёварданд.

Ҷилавдорон дар қайди мастӣ даври ин раққосаи танноз даҳон маза медоданд…

Забон билохир чашми нобиноро низ дида натавонист, ки якмарому бераҳмона ба он теғ мезад. Ва чашмак ба ин ноаҳлии решапайвандаш тоб наёварду бо тирагии ҳузноваре инфиҷор ёфт…

Боди гарданда ба решаю устухони чароғ пайки ҳаводисро хотирнишон сохт. Вазиду шӯру шаафи забони сурхи бозингарро ҳамраҳаш чун хори биёбон ғелонду бурд…

*Матлуба ЁРМИРЗОЕВА*

# ПАРВОЗ

Писарак аз лой хонача месохт. Писарак бо лой бозӣ дошт. Бозии зебо, бозии беғаши кӯдакона. Вай ба дунёи хеш фурӯ рафта буд. Вай лойбозӣ дошт ва аз лой гаҳе хона месохту гаҳе нон ва гаҳе хаёлан орзу дошт, ки аз лой мошинчае бисозад. Вай пешорӯйи хеш мошинчаи зеборо тасаввур кард ва беихтиёр лабонашро ба ҳам фишурд. Орзуи ширин ӯро бо худ бурд. Чашмони мешиаш ба нуқтаи номаълуме дӯхта шуданд ва чашмонаш ӯро раҳ бурд.

Писарак беихтиёр пешорӯйи хеш мошинчаеро бидид ва кӯдакона, беғашона давид ҷониби он. Бо панҷаҳои лойолудаш даст ба дари мошин расонд. Бехабар монд, ки дари мошин лойолуд гашт, аммо писарак дар дунёи орзуҳои хеш ғарқ буд. Вай аз тамошои мошини нави «Некси» завқ мебурд. Ва ширин табассум мекард. Мехост сари рул нишаста бошад ва мошин мисоли бодбараке, ки писарак ҳар замон дар хоб медид, ба парвоз ояд ва писаракро дур барад. Ба дуриҳои дур, ба дуриҳое, ки вай тамоман ғайб занад ва танҳо ҳамон вақт баргардад, ки падараш фарёдаш бикунад.

Писарак беихтиёр гирист. Бо панҷаҳои лойолудаш ашки чашмонашро пок кард. Рӯяш низ лойолуд гашт, аммо писарак парвое надошт. Писарак аз лой кулча сохт. Ба пиндораш дари сафеди мошин гӯё танӯри тасфон бошад, ба он кулчаашро часпонд ва аз кори худ қаноатманд бо завқ хандид, вале лаҳзае пас аз назди мошин дур рафт. Вай лойбозӣ дошт. Мехост хона-

чае созад ва даруни хоначаи сохтааш паноҳ барад. Ончунин паноҳ барад, ки ҳеҷ кас ӯро наёбад. Вай хеле овора шуд ва хоначае сохт аз лой. Аммо хоначаи сохтааш ончунин хурдакак буд, ки писарак ба риққат омад. Афсӯс хӯрд, ки наметавонад даруни хоначаи сохтааш паноҳ барад, то ӯро дигар назананд, аммо хонача мисоли қуттии гӯгирд хурдакак буд ва писарак аз дил гузарнд, ки чаро мисоли донаи гӯгирд хурдакак нест.

Вай боз пеши мошин омад ва хост кулчаашро ба даст гирад, аммо ин лаҳза ҷавоне бошаст аз ҳавлиашон берун шуд ва тез-тез қадамзанон наздики мошин омад. Дари лойолуди мошинро диду бо панҷаҳои пурқувваташ аз китфони писарак дошт ва бо ҷаҳл ва бо тамоми қувва мисоли халтаи пурборе писаракро сӯйе ҳаво дод. Сари писарак ба санги лаби ҷӯй бархӯрд ва аз дард фарёд кашид.

– Буввааа…

Писарак аз зарбаи ногаҳонӣ фарёд кашид. Нолааш ҷонгудоз буд.

Мард меларзид. Беихтиёр чашмонашро пӯшид ва бо панҷаҳояш сарашро дошт.

– Худро ба даст гир, – мегуфт ба худ.

Вай чашмонашро кушод ва нигоҳаш ба писарак афтод. Аз сари писарак фаввора задани хунро диду ҷонибаш тохт ва бехудона писаракро оғӯш кард. Панҷаҳояш хунолуд гашт.

Писаракро ба мошинаш савор кард ва ҷониби беморхона роҳ гирифт.

Писарак бо чашмони пӯшида гоҳ-гоҳе нолиш мекард. Ба пиндораш гӯё мошин мисоли бодбараке, ки дар хобаш медид, парвоз мекард ва ӯро ба дуриҳои дур мебурд. Ба дуриҳои дур, ба дуриҳоие, ки вай тамоман ғайб мезанад ва танҳо ҳамон вақт бармегагдад, ки падараш фарёдаш бикунад.

Аз пешонии писарак хун фаввора мезад.

Падару модараш низ расида омаданд.

Зан бехудона ба ҷавон дарафтод.

– Сипар, бачаамро куштӣ, маро ҳам куш…

– Охир, ҳоло вай зиндааст, Суман, – илтиҷо дошт Сипар.

Духтур ба назди онҳо омад.

– Хунаш бисёр рафтааст. Тезтар бояд хун гузаронд.

Аммо хуни падару модараш мувофиқ накард бо хуни писарак.

– Эҳтимоли хуни ман мквофиқ ояд, – овози Сипар оҳанги тарсро дошт. Духтур боз пеши онҳо омад.

– Хуни шумо мувофиқат кард, аммо… аллакай дер шуд.

– Чӣ?

ᏍᎠᏓ

Пешорӯйи мард панҷаҳои хунолудаш мисоли шабаҳи ҷисми мурда гӯё таннозӣ дошт. Вай хомӯш буд. Сукути ӯ мисоли ҳавои сарди фасли барфрез сард буд. Панҷаҳояш меларзид. Вай беихтиёр панҷаи хунолудашро ба биниаш наздик бурд.

Бӯйи шиносро дар вуҷуди ларзонаш эҳсос кард.

– Нeee, – фарёд бардошт вай.

Фарёди вай бинои сангину сарди беморхонаро ба ларза овард.

Аммо писарак ба дуриҳои дур парвоз кард. Ба дуриҳои дур, ба дуриҳое, ки вай тамоман ғайб задааст ва падараш фарёдаш бикунад ҳам, бозгард намеояд.

ᏍᎠᏓ

– Судяи меҳрубон, аз шумо хоҳиш мекунам, иҷозат диҳед охирин бор қабри фарзандамро зиёрат бикунам.

ᏍᎠᏓ

Қабри навкандаи хурдакак мисоли дигар қабрҳои мурдахона нафаси сард дошт, ҳарчанд андарунаш ҷисмеро бо ноз пазироӣ дошт, аммо мурдахона сукут дошту тайи хомӯшии он оҳанги ҳазин танин меандохт.

Сипас ба қабр наздик омад. Нишаст. Посбонон ӯро наззора доштанд.

Сипар қабрро оғӯш кард. Ашк ҳалқа зад дар чашмони ӯ. Тайи андешаҳои Сипар симои беғаши писарак ҷилва дошт ва фарёди ҷонгудозаш таъқиб мекард, мисоле, ки ин нидо ӯро ба чангол гирифтаву асираш карда буд. Тайи гӯшҳояш овози писарак садо медод.

– Бувввааа…

Сипар ба худ ларзид.

Хост «бачем» бегӯяд, аммо забонаш нагашт.

– Маро бубахш.

Писарак пешорӯйи чашмони Сипар лойбозӣ дошт. Кулча месохт, хонача месохт ва гӯё мегуфт:

– Дадо…

Сипар ба худ омад. Пешорӯйи хеш посбононро диду лабони ғафсашро газид. Вай ашк мерехт.

– Ман модаратро дӯст медоштам, аммо очаю бобот ба тӯйи мо розӣ набуданд, чунки ман як бачаи камбағал будам. Ба хотири пул кор кардан ба Руссия рафтам. Чор баҳор он ҷо мондам. Аввал фаррош будаму баъд гӯрков шудам… Пули бисёр кор кардам, зеро дар қубур зиндагӣ доштаму бо бурдаи нон қаноат мекардам.

Ба ватани хеш баргаштам. Аммо шунидам, ки Суманро баъди рафтани ман ба шавҳар додаанд. Ин шумхабар маро кушт. Ин қадар сарсону саргардон будам, аммо ашк нарехта будам. Ман мисоли кӯдакҳо зор-зор гиря доштам, зеро Суман зиндагии ман буд. Вуҷудам исён мебардошт, дилам фишор мехӯрд. Охир ман ба рӯҳи Суман, ҷисми Суман ниёз доштам. Будани дигар занҳо бароям моҳияте надошт.

Зафарҷони ман ту ҳоло хеле хурдӣ, барои ҳамин маро намефаҳмӣ. Ман ҳеҷам, зеро Суманро аз даст додам. Намедонистам, ки ту ҳастӣ… Охир, ман туро бо ин дастоне, ки барои мурдаҳо гӯр мекофт, куштам.

– Нееее….

Посбонон Сипарро ба ҳоли хеш вогузор карданд. Вай гоҳе мегирист, гоҳе механдид.

Симои писарак гӯё таъқиб дошт Сипарро.Фарёди вай чангол мезад хотираҳои ӯро.

Писарак лойбозӣ дошт ва инро медид Сипар.

Писарак кулча месохт.

Писарак орзу мекард: кош мисоли бодбараке, ки шаб дар хобаш мебинад, парвоз мекард.

Ва Суман мегуфт:

– Рав, аз ин ҷо, Сипар. Ҳозир шавҳарам меояд. Агар вай туро бинад, маро мезанад, Зафарҷонро мезанад. Рав, илтимос. Вақти омадаш шуд. Рав… Сипар бо алам тарк гуфт ин манзилро. Алам мисоли оташ дар вуҷудаш гӯё аланга мезад. Пешорӯйи мошин писаракеро бидид ва алами хеш ситонд.

– Нeee….

Фарёди Сипар дар фазои сукути қабристон меларзид. Қабрҳои то ин лаҳза хомӯш гӯё баробар фарёд мебардоштанд ва акси нидои Сипар танини мурдахона дошт.

– Охир, ман чӣ гуноҳ доштам.

Писарак фарёди падарро эҳсос мекард, аммо вай дар дуриҳои дур буд. Дар дуриҳои дур, дар дуриҳое, ки тамоман ғайб задааст, аммо Сипар писарашро ҷустуҷӯ дошт ва мехост мисоли бодбарак парвоз бикунад ва ӯро биёбад.

Шаб бодбарак меҳмони хоби писарак буд.

Ва Сипар ба ҷустуҷӯйи ин бодбарак рафт.

Бодбарак мисоли хоби писарак дар парвоз буд.

Посбонон ҳайрон монданд….

*Ҳанифаи МУҲАММАДОХИР*

# НИҲОЛИ ШИКАСТА

*Ба ёди шаҳидони Ҷанги Бузурги Ватанӣ*

Барф меборид. Барфи бемаҳал. Лашкари барф ҳама ҷо, болои бому девор, шоху навдаҳои хушкидаи чормағзи пир, катаки холию даричааш кайҳо шикастаи мурғон, оташдони деворҳояш фурӯрафта, каҳдону оғили валангор, рӯйи ҳавлӣ, боғчаю дархтонаш ва ҳотаро низ пӯшонда буд. Аз долони баланди хонаи Саидабегим дашти Занбӯр бараъло менамуд. Лолаҳои арғувонии ин дашт, ки миёни сабзаву гиёҳҳои навруста то дирӯз дар нозу истиғно буданд, акнун аз тарси ин лашкари бераҳм сар боло намекарданд. Кӯҳи Мулк ҳам, бо қуллаҳои пурҳашамати сангини баланд ва теппадоманҳои сурххокаш, ки умре чун посбон бовиқор болои деҳа меистод, ин дам гӯё асир ва пойбанди пероҳани барфин шуда буд. Бодомзори домани кӯҳ ҳам сафедпӯш буд. Сукуте дошт бодомзор. Теппаи дигар, ки аз домани кӯҳ ишкам дамонида баромада буд, бодомзорро аз бод панаҳ медошт. Ин буд ки бодомҳо мисли дигар дарахтон албонҷ намехӯрданд. Беҳаркат чун мурғакони кӯчаке, ки чӯҷаҳояшонро рабудаанд, хомӯшу ғамзада менамуданд. Гӯё медонистанд, ки гулу муғчаҳои барфпечонидаашон дигар бор намеоранд. Шояд дар решаю пайвандҳои дар хок нуҳуфтаашон чун шарёни хуни инсон бо эҳсоси модарӣ наздик чизе метапид. Шоху навдаҳояшон гӯё сӯи осмон панҷа шуда имдод мехост. Бодомзор ангор мотамзадаеро мемонд. Ё шояд дар нигоҳи Саидабегим чунин менамуд. Дӯлонаи миёнкаҷи миёни бодомзорро, ки ҳамдеҳагон «дӯлонаии каҷаки Саидабегимаш» мехон-

данд, барф қасди миёни хамидаашро шикастан дошт. «Дӯлонаи качак» гӯё ба тақдир тан дода буд, миёни кузпушташ бо шохаҳои пурбарфаш сархам чун бодомҳо оҳанги ҳазини сукут мехонд. Шохаҳои пурбарфи он аз ҳамли зиёд заминбӯс гардида ё пеши сипоҳи тунди сармо аз тарси ҷон сари таъзим фуруд меовард. Шояд шунида буд дӯлонаи пир, ки гардани хам шамшер намебурад, сар хам мекард, то миёни хамидааш дуним нагардад. Шиғдевори гирди ҳавлӣ, ки пойгаҳи бузу гӯсфандҳои мардум шуда кариб валангор гашта буд, ками дигар монда буд, то онро ба номи аслиаш дигар нахонанд, аз барфи зиёд ба заин фурӯ ӣ ӣ ӯқӯҳо дучори макру хиёнат гадид. Мансабталошии зимистон то ҳадде шуда буд, ки ӯ бе амри олиҳаи замон тахти ҳукми айёмро аз баҳор рабудан хоста, дасти таарруз сӯяш дароз карда буд. Баҳор домони пироҳани исмати нозаш дарида, чун асире зери панҷаҳои сарду дурушти фасли сардиҳо дар наҷво буд.

Барфи бемаҳал шохаи пургули зардолуро ҳам сархам карда буд. Тундбоди беҳаё шоху навдаи дарахти ҷавонро ҳар сӯ бозӣ медорад. Кампир аз долон фуромада оҳиста – оҳиста ба асои худ такя карда сӯи навниҳоли зардулу рафт. Дастниҳоли бачаҳояш буд он… дастниҳоли шаҳбачаҳояш… навниҳоли соли саввум буд, ки гул мекард. Вале модар аз меваи он ҳанӯз даҳон ширин накарда буд. Мехост аввал фарзандонаш сӯи меваи он даст дароз кунанд… Бо ҳамин умед интизор буд… Даст ба тани дарахти ҷавон бурд. Бо дастони шахшӯлаш қадре барфро аз он тоза кард…

Дастниҳол дар лаби ҷӯй – дар хати мазрае, ки ҳавлиро аз ҳота ҷудо мекард, ҷой дошт. Аслан модар мехост ин ҷо тут шинонанд фарзандошан. Боз як бедонаи дигар. Ҳам фасли гармо ба хавлӣ соя меафканд. Ва ҳам меваашро ба серӣ мехӯранд, барои зимистон мехушконанд. Ҳа, солҳои каҳтӣ тут, ки мепухт, тамом, мардум сер шуд, мегуфтанд.

Аммо ҳар се бачааш аз кӯдакӣ қоқи зардолуро беҳад

дӯст медоштанд. Қасд кардагӣ барин, ҳар се дарахти зардолуи боғашон ҳамон сол хушкид.

Як субҳи барвақт пеш аз сар кашидани офтоб Қурбонмуҳаммад ин ниҳолакро, ки он вақт хеле борик ва нозук буд, аз хонаи Ҳасани боғкор оварда бо додаронаш нишонд. Ҳа, модар он ҷо, дар он оташдони акнун деворҳояш фурӯрафта алав монда шир мепухт.

Алавро ҳар дам фурӯзонтар мекард, то пеш аз он ки бачаҳояш ниҳолаки зардолуро шинонанд, шираш пазад. Бачаҳояш бе наҳорӣ ба кор нараванд…

Ана, акнун зардолу хӯрда сер мешавем, ҳазломез гуфт Нурмуҳаммад дастони хоку лойолудашро дар новадони ҳавлӣ шуста истода…

Модар бачаҳояшро сарҷамъ бори охир ҳамон руз гирди ҳамин дастниҳол дид…

… Чанд рӯз гузашт аз шинондани ниҳолаки зардолу… Ҷанг сар шуд… Се рӯз пас Қурбонмуҳаммадро бурданд… Баъди он ду бачаи дигараш ҳам як-як даъват шуданд… Ҳамагӣ нӯҳ нома ба модар расида буд. Вай онҳоро дар токчаи кулбааш нигоҳ медошт. Ва ҳар субҳу шом онҳоро ба чашмонаш молида мебӯсид, мебӯид номаҳоро. Хонда натавонист ӯ, писарбачаи ҳамсоя меомад, барояш он чаҳор номаи Қурбонмуҳаммад, ду номаи Нурмуҳаммад ва се номаи Одинамуҳаммадашро хонда медод…

… Ин ниҳолак барояш ба сони ин номаҳо азиз буд… Дар ин дастниҳол низ чун номаҳо нақши дастони фарзандонашро медид… Имсол ниҳол ниҳоят сергулу муғча шуда буд. Аз чӣ бошад, Саидабегимро ин фоли нек набуд. Шояд меоянд шербачаҳоям… Ё лоақал ягон хатту хабарашон мерасад… Ана, бачаи Савсан омад ку.. Рост, ки як чашмаш нест… Ё бачаи Маҳмадрасул Нуралӣ ҳам… бо як даст бошад ҳам омад… Аз Нуралӣ ҳам вақтҳои охир хатту хабаре набуд. Қурбонмуҳаммади ӯро надидам, мегӯяд… Чаро надидааст бачаи ӯро… Охир ҳарду дар як рӯз рафта буданд…

Ҳа, нахустфарзандашро се рӯзи баъди ҷанг бо бачаи

Маҳмадрасул ва боз чанд нафари дигар бурда буданд… Бачаи Султон Ғаффур ду рӯз пеш омад.. Мегӯянд, мелангад… Дард мекардааст пои захминаш. Роҳ гашта наметавонистаст… Ҷӯраи писараш Ғаффур… Ҷӯраи Нурмуҳаммадаш… Аҷаб шӯх буданд, аҷаб бозиҳо доштанд ҳар ду…

Мулло Абдусамад ҳар дуяшро дӯст медошт…

– Маро аз бало халос карданд, – мегуфт…

... Саидабегим ҳам ёд дорад он ҳодисаро

Кадом худобехабаре бо ҳукумат хабар дода буд, ки Мулло дар хонааш таробеҳ мехонад. Мегӯянд, кори Имдод, он Имдод парторг будааст. Лекин тири гурсӯхта хок хурд…

Идораи колхоз дар шафати анбор буд. Боми анбори колхоз, ки ҳар аввали тобистон бо фармони раис ҷамъ шуда лойандовааш мекарданд, хеле дароз буду ҷои бозии кӯдакони деҳ. Ғаффуру Нурмуҳаммадро, ки болои ин бом бозӣ мекарданд, баъди пардаи торикӣ фуромадан ҳам хона ҳеҷ ба ёд намезад.

– Ин бачаи тую бачаи Султон аз ҳеҷ бало наметарсанд – мегуфт Истадбону.

Саидбегимро аз ин сухан дилаш хорхалида мешуду чизе намегуфт. Чӣ ҳам гӯяд охир. Худо инсоф диҳад ба Истадбону. Мардум беҳуда Ситезабонуяш ном накарда буд…Ҳа, Истадбону дӯст намедошт ин бачаҳаки ӯро..

Чанд боре бо бачаи Султон-Ғаффур шабҳангом аз боғи Мулло-Абдусамад мурӯд куздиданашро дидаанд…

Ҳаққи «бар лаб хомӯшӣ задан»-и хешро ҳам ситонидаанд аз ӯ. Вале фосилаи «бар лаб хомӯшӣ» задани ду наврас то тамом шудани мурӯдҳо буда метавонад. Ҳа аҷинаи шабгард аз ҳеҷ баду бало наметарсид. Ё бало ҳам аз вай ҳазар мекард. Шабҳо боғи мардумро кашонда меовард… Мегӯянд, шавҳараш хар харидани шудааст, ҳамсояаш–Заҳир гуфтааст:

– Акаи Муллонаим, хара чӣ мекунед шумо, модахари хонаатон бас аст. Ин хел хара дигарон орзу мекунанд…

Ҳа, бори ду хара озод мебардошт Истадбону.

… Бачаи Саидабегиму бачаи Султон борҳо шоҳиди duздиаш буданд…

… Бачаҳо бо шавқ болои боми анбор буҷулбозӣ доштанд. Рӯз бегоҳ мешуд. Яке барои бузғолаю баррачаҳояш, дуввумӣ барои гови «дайдуашон» аз бом фуромада бозиашро қатъ кард. Носири манқа ҳам дид, ки агар пояшро ба пои ин ду нафар дароз кунад, шаб ҷойи таом дар хона шаллоқ хоҳад хӯрд, аз боми анбор ба боми оғили усто – Низоми намадрез парида аз он ҷо худро ба замин ҳаво доду сӯи хонаашон рафт. Болои бом Нурмуҳаммад монду Ғаффур. Онҳоро гӯё на ғами гову ғӯсола буду на бузу бузғола…

Вале ин тавр набуд… Нурмуҳаммаду Ғаффур ҳам чун дигар ҳамсолони кӯҳзодаи хеш поҳо аз «навозиш»-и хору сангрезаҳои кӯҳу теппа чун чарми гову гӯсфандон, ки ҳини сар буридан аз тан ҷудо карда чоруқ ё пӯстин медӯхтан ва ё ҷои бурё ба замин паҳн мекарданд, сахт шуда буду дасту панҷа аз обилаҳои бори гарони банди ҳезуму коҳ шахшӯл шуда буд…

… Меҳнатӣ буданд бачаҳои ӯ… Нурмуҳаммад ҳам бачаи бепадар калон шуда, рӯзҳои сахти модарро дар ёд дошт…

… Мавсими дарав мешуду ҳама даравгарон Нурмуҳаммадро барои чусту чолокиаш таъриф мекарданд… Сурх намешуд он вақт аз ин таърифҳо. Кӯдак буд охир. Ба кӯдак таъриф мефорад… Шерак шуда мазраашро тезтар медаравид…

Ҳа, Саидабегим бо бачаҳаконаш дарав мерафту дарав мекард… Қурбонмуҳаммад доим дар бараш буд. Бо тамкин буд ин бачааш. Дарав карданаш ҳам ҳамин тавр буд. Саросема нашуда медаравид то хӯшаҳо нарезанд. Одинамуҳаммадаш аз қафо буд. Фалакӣ мехонду медаравид…

… Оҳ, Худоҷон… даравгарҳома биёр пешам…

… Мазраам нодаравида монда… Меҳнатӣ буданд бачаҳояш…

Қурбонмуҳаммадаш тез бозиҳои кӯчаро аз ёд бурд…

Тез «калон» шуд нахустфарзандаш… Нурмуҳаммад дигар хел буд. Шӯху беқарор. Дилаш доимо моили кӯча. Шаб фаро мерасиду аз ӯ дараке намешуд. Хавотир мекард модарро. Аз бародар шаттаю шаллоқ мехӯрд…

– Ин бачаатон ҳеҷ ақлаш намедарояд, оча-, мегуфт Қурбонмуҳаммад боз ба ҷустуҷӯи додараш рафтанӣ шуда.

Модар монеъ мешуд.

– Мон, худаш меояд-, мегуфт.

Медонист, ки ҳозир гирёнда – гирёнда меорад Нурмуҳаммадро.

Ғазаби акаашро меовард бо сабуксариҳош. Дар асл Қурбонмуҳаммад беозор буд. Дӯст медошт ҳар ду додаршро …Нурмуҳаммад шаш-ҳафтсола буд он вақт. Кайҳо подачарон шуда буд. Рӯзе, ки навбати подачаронии Гулмурод буд, Гулмурод ӯро аз модар хост. Саидабегим не нагуфт. Нисфирӯз Нурмуҳаммадро рӯи дастони Бароти ҳисобчӣ беҳӯшу беёд оварданд. Модар надонист, ки чӣ фиғоне кашид, чӣ гуна мӯю рӯ канд. Дар подахобрав бачаашро мор газида будааст. Мор аз куҷо омад, ки сағираи ӯро заҳр зад… Он заҳри чашми мардум буд…

Мулло-Абдусамад омад. Болои сараш дуо хонд. Бо теғи тафсон ҷои моргазидаро бурид. Боз чӣ кор кард, Саидабегим намедонад, ӯ аз ҳӯш рафт. Занҳо ба рӯяш об пошида ба ҳӯш оварданд. Дид, ки меҷунбад бачааш. Зиндааст… Худоро шукр кард…

Ҳамин вақт буд, ки Қурбонмуҳаммад гирёну саросема омад. Он рӯзҳо Ҳалими подабон бачаашро дар ферма бо худ гӯсолабон гирифта буд. Қадаш баланд бошад ҳам, ҳанӯз кӯдак буд. Чун марди хона ба кор даромад бачаҳакаш…

Дасту рӯяш харош хӯрда, шалвараш дарида, аз кулчаи зонӯяш хун мешорид. Давон омадааст. Кадом бачае гуфтааст ба ӯ. Аз фермаи колхоз то ин ҷо, то деҳаи Суфаи Булур чӣ қадар роҳ, дар хаму фарози роҳ афтидаю хеста зонӯяшро хуншор карда худро расонида буд. Омада худро ба бағали модар партофта ба гиря даромад…

… Он соле, ки ин бачаи моргазидааш аз чормағзи

бибӣ – Фотима афтида пояшро шикаста буд, ҳар рӯзи Худо Қурбонмуҳаммад ӯро пуштора карда мактаб мебурду меовард…

… Беҳад дӯст медошт додарҳояшро… Лекин ҷаҳлаш ганда буд. Метарсиданд ҳар ду аз ӯ. Ёд дорад модар, барои тухмҳои мурғи курки Истадбонуро duздиданашон чӣ хел сахт зада буд ҳар дуяшро. Ҳатто Ғаффур ҳам беҷазо намонда буд он вақт. Истадбону аз болои бомаш баромада доду бедод карда буд:

– Саидабегим сари роҳи дуздбачаҳота бигир! Дод аз дасти сағираҳои беваи Саидабегим!

Ҳарфе дар ҷавоби ин зани шаттоҳ нагуфт ӯ. Бори аввал буд, ки модар тарафи ду бачаи хурдиро нагирифт. Қурбонмуҳаммадро ба онҳо монда худ сӯи боғаш рафт. Рӯзи дигар бачаи калонӣ дар тоқиташ 9 дона тухм гирфта рӯ ба сӯи хонаи Истадбону овард. Ҳа, метарсиданд аз акаашон. Аз модар дида аз ӯ метарсиданд. Вале бо вуҷуди ин Нурмуҳаммад то бевақтӣ дар кӯча бо бачаи Султон бозӣ мекарду боз хона аз ёдаш мерафт. Рафта – рафта Қурбонмуҳаммад ҳам одат карда монд. Чизе намегуфт дигар…

Ситораҳо осмони тирафомро зеб медоданд. Моҳ кайҳо аз хонаи худ сар бурун карда равшанӣ мебахшид. Нурмуҳаммаду Ғаффур бозиро қатъ карда болои бом покашол менишастанд. Сӯҳбат доштан ҷӯраҳо. Акнун он гапҳоеро мегуфтанд, ки фақат ба якдигар гуфтан мумкин буд.

– Медонӣ, очаи Сангинмурод шӯй кардааст, – хабари тоза шунидаашро расонд Ғаффур.

– Кӣ гуфт? – пурсид Нурмуҳаммад.

– Момои Ғубор. Пеши бибиам чархресӣ омада буд. Ман шунидам. Сангинмуроду хоҳараша пеши амакашон партофта рафтааст.

– Сангинмурод медонад?

– Медонад. Худаша ба нодонӣ мезанад.

– Ду чӯҷаи мана рӯбоҳ бурд-, баъди қадре хамӯшӣ оғоз кард Нӯрмуҳаммад.

– Рӯбоҳ не, чӯҷабарак бурдааст, – ислоҳ кард ӯро ҷӯрааш.

– Намедонам, рӯбоҳ бурд, чӯҷабарак бурд, шағол бурд. Чизе бурд, бурд. Ана, ҳамон ду хурӯсчӯҷаи фарбеҳаки суп – сурх бурдааст,-оҳе кашида ғамгинона ҷавоб дод Нурмуҳаммад.

… Шояд агар гурусна намебуданд, боз менишастанд покашол болои боми анбор. Боз мегуфтанд дидаву шунидаи хешро ба ҳам. Аммо назди шиками холӣ ноилоҷ монда аз ҷо хеста роҳ сӯи хона пеш гирифтанд. Аз ҳамон ҷое, ки покашол нишаста буданд, худро ҳамту ба поён ҳаво диҳанд, мешуд. Болои хоки кулоли Ойшаи кӯзагар мезаданд. Ва ё ба тарафи муқобил рафта бо бедонаи душоха мефуромаданд. Роҳи саввум ин боми оғили Усто-Низоми намадрез ҳисоб мешуд, ки бо боми анбор часпида буд. Аз боми оғили Усто – Низом худро ба кӯча гирифтанд. Вале Ғаффуру Нурмуҳаммадро роҳҳои осонбарою осонфуро хуш намеомад. Ба онҳо дарахти баланде бошад, ки як пушти анбор часпида аз як шох ба шохи дигар фуромадан гирифтанд. Ба тани дарахт расида гуфтугӯи шубҳаомези ду нафарро мешунаванд. Бачаҳо ҳарчанд диққат диҳанд ҳам, соҳибони овозро намешиносанд. Нимторикии сояи девор ба ин монеъ мешуд.

– Ҳа, ҳар шаб дар хонаи худаш ҷамъ карда мехонад-, мегуфт яке ба шахси дуюм, шахси рӯ ба рӯяш, ки бачаҳо баъдҳо ин ҳодисаро муҳокима карда ӯро «Хабаркаш» ном карда буданд.

– Киҳо мехонад боз, медонӣ? – овози шахси дуввум омиронаю воҳимаангез буд.

– Ҳа, ҳамашро худам рӯйхат кардам ин ҷо.

Хабаркаш дасташро дароз карда шояд ҳамон рӯйхатро ба шахси дуввум дод ва боз илова кард:

– Мулло Абдусамад худаш таробеҳхон, мардуми сари деҳ ҳамааш ба ҷуз Машраби муаллиму Шарафи камсамол иштирок мекунад.

Нурмуҳаммаду Ғаффур дам ба дарун зада ҳарфҳои онҳоро мешуниданд. Агар ин ду нафари дар поён буда

сарашонро каме боло бардошта нигоҳе мекарданд, ҳатман суроби ду танро болои шохи дарахт медиданд.

– Ҳатто сағераи Мӯъмини кафшдӯзро ҳам мебурдааст…

Нурмуҳаммад номи падарашро шунида дилаш сахт меларзад. Шохи доштаашро сахтар медорад. Ин дам нигоҳаш ба ҷӯрааш бармехӯрад, ки болои шохи рӯ ба рӯи ӯ покашол истодааст. Агар пояшро гирад, садо бароварданаш мумкин, агар нагирад, пояш қариб ба сари онҳо мерасад.

… «Сағераи Мӯъмин». Нурмуҳаммад фаҳмида буд, ки Хабаркаш бародари ӯ – Қурбонмуҳаммадро мегӯяд, зеро аз Мулло Абдусамад ҳар се сабақгиранд. Маҳз ӯ намозхону таробеҳхон шуда буд.

Суробҳои ношинос аз ҳам дур шуданд. Яке Хабаркаш ба пушти анбор гузашта нопадид шуд. Дуввумӣ сӯи идораи колхоз рафт. Нурмуҳаммаду Ғаффур баъди тамоман нопадид шудани онҳо худро ба поён гирифта сӯи хонаҳои хеш чорхез заданд. Баъди чанд лаҳзаи дигар Мулло Абдусамад аз гуфтугӯи ин ду шахси номаълум алаккай огоҳ буд. Даст ба ришаш бурда нигоҳи нимкофаш сӯи сутунҳои хона чӣ хаёлу андешаеро ӯ аз сар мегузаронд, Қурбонмуҳаммад оҷиз буд…

Шаб одамони ҳукумат ба хонаи Мулло зада даромаданд, то ӯро дар сари гуноҳаш дастгиранд. Вале ҷойи саҷҷодаю таробеҳхонӣ Ҳафизи ҳангӣ бо дуторчааш «Ленин – бародар раҳнамо» мехондааст. Ҳатто дар дастурхонаш мусаллас ҳам будааст. Меҳмонҳои нохонда нӯшидаанд. Мулло худаш ҳам меҳмонҳо катӣ задааст мегӯянд. Саидабегим бовар намекунад. Хайр, агар нӯшида бошад ҳам, аз тарси ҷонаш нӯшидааст. Агар наменӯшид, мисли Искандари шавҳари Ойша бурда ӯро ҳам мепаронданд. Барои як китоби арабӣ бечораро куштанд. Ба гуфти Мулло Абдусамад вай китоби арабӣ динӣ ҳам набудааст. Китоби табобатӣ будааст. Лекин аз хонаи Мулло Абдусамад ягон китоб наёфтанд. Ҳамон шаб китобҳояшро дар хурҷинҳо бор карда болояшонро алаф

пӯшонда бо дасти Қурбонмуҳаммад ба хонаи Саидабегим равон кард. Ду сол китобҳои Мулло дар каҳдони ӯ мехобиданд…

Баъди ҳамон шаб Имод Абдусамадро байни мардум «Муллои майзада» меномид. Гумон кард беобрӯ мешавад Мулло. Лекин мардум ҳамашро медонист. Муллоро беобрӯ накард, аммо худаша Худо зад. Шабе дар роҳи деҳаҳои миёни Ҷӯйборон ва Суфаи Булур аспаш пешпо хӯрда пояш шикастааст. Гургон бо аспаш талааш карданд… Аз дасту забони ӯ дар деҳаҳои гирду атроф мулло он тараф, қариб намозхоне намонда буд… Ҳа, оқибат сагмур шуд Имод. Саг барин мурд. Мулло – Абдусамад монду халос. Дигар мулло набуд дар деҳаи Чордара...

Баъди он ҳодиса эҳтиёткор шуд мулло. Сабақ доданро бас кард. Шогирд надошт дигар. Фақат пинҳонӣ бо Қурбонмуҳаммад илм меомӯзонд. Писар надошт ӯ. Се духтар дошту халос. Бачаҳои Саидабегим доим дар хизматаш буданд. Лекин меҳраш ба Нурмуҳаммадаш зиёд буд. Нияташ буд ӯро хонадомод кунад. Хушрӯ буд Нурмуҳаммадаш. Сафедпӯст буду зардмӯй, чашмонаш каб-кабуд, қадаш паст. Ба раҳматӣ хушдоманаш монанд. Лекин хислату хӯяш намедонад модар ба кӣ рафтааст… шӯху беқарор. Хушчақчақу сӯҳбаторо буд бачааш. Аз Василу занаш Олия таркторрони омӯхт. Ҳа, бачаҳакаш якумин кас дар деҳаи Суфаи Булур, ки таркатор меронд…

Мегӯянд духтари Мулло, духтари сеюмаш – Шоиста овози тракторашро шунида бо баҳонаи оббёрӣ болои чашмаи Даҳани Ғӯ баромада тракторрониашро тамошо мекардааст. Саидабегим баъди ба ҷанг бурдани бачааш фаҳмид, ки онҳо рустӣ-рустӣ во мехӯрдаанд. Хушрӯ буд бачаҳакаш. Қурбонмуҳаммадаш ҳам хуб зебою қадбаланд, чашму абрӯяш сип-сиёҳ, пушти лабаш нахӯдбарин холи сиёҳ дошт. Мезебид ба бачааш. Ба падараш рафта буд нахустфарзандаш. Худораҳмати шавҳараш ҳам ҳамин тавр мулоимтабиату нармгуфтор буд… Саидабегим ҳаргиз гапи сахташа нашунида буд…

Одинамуҳаммадаш аз ҳама хурдиаш. Қоқинаандом. Қадаш не пасту не баланд. Қомати миёна дошт. Чашмонаш калон – калони гӯсфандӣ. Лабу даҳону биниаш гулбуридагӣ барин ба кулчаи рӯяш зебанда менамуд. Дар кӯдакиаш «гул» гирифта буд ин бачаашро. Сиҳҳат шуду аз рӯяш доғи кучитак нарафт. Рӯи бечурми писараш дигар шуд…

Почакҳои дарози борик дошт. Кампири ҳамсоя, худораҳматии Назокат, ҷояш ҷаннат бошад, «Санговдавак» ном карда буд ин бачашро. Аз болои бомаш фарёд мезад кампир:

– Саидабегим, ҳо Сайидабегим, ҳамон санговдавакат куҷост, ки як оби хунук биёрад аз чашма…

Акнун ҳар гоҳ, ки ин паррандаи почакдарозро бинад, дилаш як гум мезанад, гӯё бачаашро дида бошад. Боз ҳамон ҳарфи кампири ҳамсоя ба ёдаш меояд. Давон рафта барои ӯ об овардани бачааш, бачаи гапдарою чаққонаш пеши рӯ меояд…

Овозаш беҳад форам буд… Ҳай, фалакӣ мехонд бачааш… Овозаш аз баландии Лашан то деҳа мерасид…

Модар мешуниду дигар дар он пероҳани суфи дарбеҳзадааш намеғунҷид. Хушсадою ширадор буд овози бачааш. Худаш ҳам роҳат мекард аз шуниданаш. Аммо боз меҳаросид. Аз чашми мардум. Лекин бача кучо парвои чашми мардум дораду забони мардум.

– Ку, бачаи Абдумӯъмин, як фалакӣ бихон – , мегуфтанду хондана сар мекард…

Мехонд ӯ … Барои даравгарон вақти дарав… барои хирманкӯбон сари хирман… Барои ҳамдеҳагон дар маъракаҳо… Барои Розия боли бом… Сари девор …

…Дӯст медошт ҳамин духтарро … Аз кӯдакӣ меҳраш ба ҳамин Розия буд. ..

…Овози бачааш боз дар гӯшаш садо дод. Гӯё он аз болои бом ба гӯшаш мерасид. Лаҳзае дар назари модар чунин намуд: бачааш дар ҷанг не, болои бом рӯ сӯи хонаи ҳамсоя барои фиреби Назар-тайлоқ ва занаш Гуланори бадзабон худро ба бод кардани гандум андармон

сохта суруд мехонад. Бо нигоҳ аз ҳавлии ҳамсоя духтари ҳамсояро мечӯяд.

Болои бом фалакӣ мехонаду ба духтар рози хеш мегӯяд бачааш.

– Э, ошиқ шудаам ба духтари ҳамсоя…

– Э, духтари ҳамсоя мана ёр бигир…

Ҳа, акнун биёяд дилозурда мешавад Одинамуҳаммадаш. Розияро шавҳар доданд. Бурдандаш деҳи ҳамсоя… Модар чӣ кунад. Аз дасташ чӣ ҳам меомад…

Аслаш бо Гуланор хеш шуданӣ ҳам набуд. Забонаш ганда. Дар ғайбаш Гуланор нею Заҳримораш мегӯянд.

Лекин ба хотири фарзандаш ба духтар «даҳан зад» модар.

– Аввал бачааш биёяд аз дами бало-, ҷавобаш додааст Гуланор…

Ин ҳарф ҷигари Саидабегимро сӯрох – сӯрох кард…

Лекин Моҳбегим духтари Валии осиёбон роҳи Қурбонмуҳаммади ӯро мепоид… Ба тӯй тайёрӣ медиданд, ки ҷанг сар шуд…

– Ба ғайр аз ӯ ба дигар кас намерасам-, гуфтааст Моҳбегим…

Кош тезтар меомаданд….

Модар шаҳбачаҳояшро тӯй мекарду арӯс мефуровард… Ормон мешикаст модари зор…

Барф болои кампир тӯри сафед мепартофт… Кафшҳои сӯрох-сӯрохаш кайҳо намдор шуда буд. Сӯзиши поҳои сармохӯрдаашро ҳис намекард. Ҷомаи сатини кӯҳнае, ки аз болои куртаи карбосии обшустааш пӯшида буд, ӯро наметавонист аз ҳавои сарду боди тунд ҳифз кунад… Вале ҳавои сардро эҳсос намекард модар …Ӯ хунукиро дар рагу пайванд, дар гулу муғчаи ин дастниҳоли бачаҳаконаш ҳис карду дар ҷисму ҷони худ не…

Шохаҳои дарахти навбар аз барфи зиёд, ки беист мебориду меборид, торафт пурбор ва сархам мегаштанд. Тундбод меафшонд шохаҳои пурбарфро…

Гӯё он ҳам бо ин дастниҳоли бачаҳаконаш бозӣ дошт. Тундбоди берӯ…

Домани ҷомаи пиразанро, лаби сарбанди сафедашро бод ҳар сӯ мебурд … Ҷуфти гунҷишкакон бо чашмони майдаҳаки худ аз болои қафаси холии дар сақфи айвон овезони кабк сӯи Саидабегим менигаристанд. Шояд пиразан бо он ҳоле ки дошт, муҷассамаҳои сангини болои кӯҳи Мулкро ба ёди ин ду ҷонварак меорад…

Оре, Саидабегим ин лаҳзаҳо ба он муҷассамаҳои сангине, ки қарнҳо боз болои қуллаҳои Мулк вуҷуд доштанд монанд буд. Фақат аз дидаҳои Саидабегим ашк мерехту ашк рехтани он муҷассамаҳоро касе ёд надошт…

Кампир оҳиста ниҳолро афшонд. Барфҳо ба замин рехтанд… Вале гумонаш ҳама гулу муғчаҳо бо барф аз ниҳол канда шуда ба замин омад…

Дили модар ҳам гӯё барфоб шуда бо гулу муғчаҳо ба замин рехт… Болои сарандозу ҷомаи кӯҳнаи танаш ҳам аз ин гулу муғчаҳо гулкорӣ шуда буд…

Дилаш намешуд барфи ба сару рӯяш рехтаро афшонад… Гулу муғчаҳо низ мерехтанд…

Қомати дарахти навбар рост шуд… Аз барф халос хӯрд… Аз гулу муғчаҳояш ҳам…

Ҷуфти гунҷишкакон ҳанӯз нигоҳи хеш аз кампир намекананд. Шояд он ки модар буд, дарди Саидабегимро бо дили кӯчаки модаронааш эҳсос мекард… Ва ё онҳо дар андешаи сер кардани шиками чӯҷаякони худ, ки ҳар дам аз лона, аз сӯрохии болори айвон сари хеш бароварда сӯи волидон ҷириқ-чириқ садо медоданд, фурӯ монда буданд. Барф дари ризқи ин ҷонвараконро низ сахт баста буд…

– Ин чӣ офате буд, омад…

Кампир сӯи кулбааш раҳсипор шуд. Пеш аз дарро кушодан баргашта бори дигар ба дарахти ҷавон назар кард… Бори дигар нигоҳаш ба дарахту муғчаҳои рӯи барф бархӯрду оҳ кашид.

Барф шиддат гирифта буд…

... Ҳанӯз ҳам ҳарорате дошт оташи хомӯшшуда, ки сари субҳ духтари ҳамсоя Нозукмо фурузон карада буд. Сандалӣ ҳароратро нигоҳ доштааст. Шарфаи пои кӯдаки

ҳамсояро шинохт Саидабегим. Барояш атолаи гарм оварда буд…

Худо хайраша диҳад, Ситора зани савобҷӯст…

Худаш бачу качадор, боз аз ҳоли ӯ хабар мегирад…

Кампир аз болои ҷойнамоз ва ҷойгаҳаш тире пӯсти гӯсфанди сафед хеста даст сӯи таом дароз кард. Аз бемадорӣ дастонаш меларзиданд. Атола ба даҳонаш нарасида аз қошуқ мерехт.

Нигоҳи кунҷковонаи духтарчаи панҷсола гоҳ сӯи кампир мешуду гоҳ сӯи атола. Пиразан боз дароз кашид…

Агар аз модар бим намедошт, духтарак косаи таомро, ки оварда буд, худ дам мекашид: аз ду сар бибӣ хӯрда наметавонад…

Чумчаи чӯбин дар даст, кӯдак ба модар хӯрокхӯрии кампири ҳамсояро тақлид кард… Ғайри чашмдошт модар нахандид, балки осема сӯи хонаи кампир роҳ гирифт…

Ситора Саидабегимро рӯи ҳавлӣ паҳлӯи ниҳоли шикастаи пургулу пурбарф хобида дид.

– Дастниҳоли бачаҳаком…

Ин охирин сухане буд, ки ӯ ба забон овард…

Фардо аз сари субҳ ҳаво софу беғубор шуд. Ханҷарҳои зарҳалини хуршед худои сардиҳоро зи тахти ҳукми замон фурӯд овардаю қасди баҳор зи ӯ меситониданд. Барф аз саҳар ба об шудан оғозид…

Тобути Сайидабегимро аз ҳавлиаш берун карданд…

…Ҷуфти гунҷишкакон бо чириқ-чириқи пурташвиш барои чӯҷаякони худ рӯи шохҳои шикастаи зардолуи ҷавон тӯъмае мекофтанд…

*Баҳманёр МУРОДӢ*

# ПОЙАФЗОЛИ ЧИНӢ

Падарам, ки он қадар одами сарватманд набуданд, доимо ба ман пойафзоли чинӣ меоварданд ва ҳар бор таъкид карда мегуфтанд, ки эҳтиёт карда пӯшам. Чун одат ман онро ду-се рӯзи аввал эҳтиёт карда мепӯшидам. Сонитар бо он пойафзолам гоҳе футболбозӣ мекардаму гоҳе обу лойро фарқ намекардам. Аз ин сабаб пойафзол ба ман беш аз як моҳ дошт намедод. Падарам маро сарзаниш мекарданд, ки ман пойафзолро нағз пӯшида наметавонам.

– Охир, худи пойафзоли чинӣ дошт надорад, – гӯям, дар ҷавоб мегуфтанд:

– Чаро дигарон пойафзолои чиниро ҳам се – чор моҳ мепӯшанду ту наметавонистаӣ? Пойҳоят каҷанд ё ягон нуқси дигар дорад?

Ба ин савол ман ҷавоб дода наметавонистам, зеро дар ҳақиқат медидам, ки дигар бачаҳо пойафзоли чиниро низ чанд моҳ мепӯшанд.

Охирҳои моҳи август, пеш аз оғози соли нави хониш, падарам ба ман боз пойафзоли чинӣ оварданду таъкидам карда гуфтанд:

– Боэҳтиёт пӯш! Қимматашро овардам! Боз инро ҳам дар як моҳ надаронӣ! Ман аз гап гардонӣ тарсидаму чизе нагуфтам, вале баъди ба кӯча рафтани он кас диламро ба модарам кафонидам.

– Боз ба ман пойафзоли чинӣ овардаанду «қимматашро овардам, эҳтиёт карда пӯш» мегӯянд. Ин пойафзол дошт надорад. Беҳтараш, ман онро намепӯшам.

Модарам маро тасаллӣ доданд:

– Агар пойафзолро напӯшӣ, падарат аз ту меранҷанд. Аздусар ба ту пойафзоли дигар намехаранд. Имрӯз боз димоғашон сӯхтагӣ. Агар ин намешавад, дигарашро харед, гӯям, ҳам маро хафа мекунанд, ҳам туро.

Ман ноилоҷ ба пӯшидани пойафзол розӣ шудам.

Ду рӯзи аввали дарс пойафзоламро эҳтиёт кардаму тоза нигоҳ доштам. Рӯзи дигар чун одати ҳарвақта, ихтиёрам аз даст рафт. Дар танаффуси калон ҳамсинфҳоям бо ҳаё-ҳӯй сӯи майдончаи футбол давиданду маро ҳам кашолакунон бо худ бурданд, чунки ман дар байни онҳо яке аз бозингарони зӯр будаму бе иштироки ман ягон бозӣ намегузашт.

Ман то анҷоми танаффус аз паси тӯб ин сӯ – он сӯйи майдон давидам. Ба дарвозаии ҳариф ду тӯп задам. Ба обу арақ ғӯтида аз ҳама охир аз майдон сӯйи мактаб рафтам. Ваногоҳ ба гӯшам садои паст-пасти ҷаранг-ҷаранг ба ҳам задани тангаҳо расид. Бо тааҷҷуб пасу пеш нигаристам. Аҷабо дар гирду атроф касе набуд. Дар ҷоям истодаму кисаҳоямро тагу рӯ кардам. Аз танга нишон набуд. Чанд қадам ба ақиб рафтаму пеш омадам, бо диққат рӯйи заминро кофтам, аммо бенатиҷа.

Ҳамин дам ҳамсинфонам фарёд карданд, ки тез биё дарс сар шуд. Бо шаст қадам бардоштаму… Ё тавба, боз ҳамон садои ҷаранг-ҷаранг. Чанд қадам мондам. Садо гоҳ аён мешуд, гоҳ ноаён.

Дар синф менишастаму фикр мекардам, ки наход майнаам ҳамин қадар монда шуда бошад. Наход гӯшҳоям худ аз худ садо диҳанд?

Баъди анҷоми дарс ба хона омадам. Вақте ки пои рости пойафзолро кашидам боз ҳамон овози ҷаранг-ҷаранг ба гӯшам расид. Ин сӯ он сӯ ҷунбонидам, ки дар ҳақиқат овоз аз он мебарояд. Ҳайрон мондам.

Ҳамин вақт падарам аз кор баргаштанд ва маро пойафзол ба даст дида пурсиданд:

– Ҳа, Беҳзод, боз пойафзолатро дарондӣ?

– Не, надаридаст, – хандидам ман.

Чун падарам либосашонро иваз карданду ба хона даромаданд, «ин мӯъҷизаро бинед» – гӯён пойафзоламро наздашон бурдам. Чанд бор онро ҷунбониданду ба садои пасти ҷаранг-ҷарангаш он қадар эътибор надода гуфтанд:

– Афти пойафзолро бинеду? Шояд имрӯз хуб футбол задӣ! Мехчаҳои пойафзол баромадаву бо ҳамдигар бархӯрда садо медиҳад. Бурда тоза карда, дар берун мону эҳтиёт карда пӯш!

Баъди таоми шом ба хонаи дарсхонӣ гузаштан хостам. Падарам боздошта, гуфтанд, ки пойафзоламро биёрам. Овардам. Пойафзолро чанд бор ҷунбонида боз садои ҷаранг – ҷаранг шунида гуфтанд:

– Пойафзоли дигар дорӣ?

– Ҳа, пойафзоли кӯҳнаамро боз ду-се рӯз пӯшидан мумкин.

Рафта, кордро биёр. Бубинем, ин ҷо чӣ сирре ҳаст?

Норозиёна сӯяшон нигаристаму «ҳар чи бодо бод, боз худашон навашро мехаранд» гӯён рафта, кордро оварда, наздашон гузоштам. Таги пойафзолро канданд… Худоё!... Он ҷо дар сурохӣ, дар таги астар ду тангаи зарду як порчаи коғаз.

Ба чашмонам бовар намекардам. Падарам тангаҳоро гирифта, хуб ин сӯ он сӯяшро гадонида диданд. «Тангаҳои тилло барин», гуфта бо дандонҳояшон низ санҷиданд. Порчаи коғазро гирифта, хеле ба он назар андохтанду аз ман пурсиданд:

– Дар деҳа касе бошад, ки хати чиниро хонда тавонад?

– Не, ҳеҷ кас хати чинӣ намедонад.

– Хайр майлаш, худам пагоҳ ба Хуҷанд меравам, ягон шахси забондон меёбаму мехононам.

Тамоми шаб хобам набурд. Ба гумонам, но шаб падарам ҳам то саҳар аз ин паҳлӯ ба он паҳлӯ мегаштанду хобашон намебурд.

Бегоҳӣ падарам аз Хуҷанд бо чеҳраи хандону халтаҳои пурбор баргаштанд:

– Беҳзод, ана инро хон!

Ба ман коғазеро дароз карданд. Ман хондам:

«Ман, Чан Си Чун, сокини кишвари Чин, сардори заводи пойафзоли шаҳри Шанхай. Барои кафолати гуноҳҳои худ назди харидорони хеш қарор додам, ки ҳар сол як бор даруни пойафзоле ду тангаи тилло гузорам. Насиби касе гардад, гуноҳамро бубахшаду дуои хайр кунад».

Падарам як ҷуфт пойафзоли нави чиниро назди ман гузоштанд.

## ҚИССАИ ДАСТИ БОБОЯМ

Аз рӯзе, ки ман худро мешиносам, дасти рости бобоям аз оринҷ поёнаш набуд. Дар оилаамон дар ин бобат ҳеҷ кас ҳарф намезад. Чанд бор дар ин бора ба падарам савол дода бошам ҳам «ҳамту, худаш ҳамин хел» – мегуфтанд. Бо вуҷуди кӯдакиям пай мебурдам, ки ин ҷо сирре ҳаст.

Дар як рӯзи истироҳат модаркалонам ба куҷое меҳмонӣ рафтанд. Ман хостам аз ин фурсати муносиб истифода барам. Бобоям дар боғ машғули коре буданд. Тозон рафтаму каме ба корашон зеҳн мондам. Ба дасти чап каландро дошта онро болои дасти нимтаашон рост монда бехи дарахтонро нарм мекарданд. Ин тавр каландзанӣ басо мушкил буд. Аз ғояти хастагӣ зери обу арақ монда буданд. Хостам аз дасташон каландро гирам, боз мулоҳиза кардам, ки ту ҳоло хурдӣ гуфта розӣ намешаванд. Мақсади наздашон омадани ман дигар буд. Аз чӣ сар кардану чӣ тавр пурсидани ин муамморо намедонистам. Метарсидам, ки боз бобоям наранҷанд. Хайр, ҳар чӣ бодо бод, лаҷоми суханро сар додам:

– Бобоҷон, чаро аз оринҷ поёни дастатон нест?

Бобоям ба ман як назар карданду хандиданд. «Ҷони бобо дастамро дар ҷанги Гермон бой додам» – гуфтанду ҳис кардам, ки нигоҳашонро аз ман гурезониданд. Дар бораи ҷанги Гирмон аз китобҳо бисёр хонда будам. Медонистам, ки дар ин ҷанг одамони зиёде ҳалоку маҷрӯҳ гаштаанд.

– Биё, каме ба корам ёрӣ деҳ – гуфтанд бобоям. – Бисёр монда шудам.

Ман ки мунтазири ин гап будам,зуд ба наздашон рафтаму ба корашон ёрӣ додам. Рӯзҳо пайи ҳам чун оби наҳрчаи деҳа гоҳе аёну гоҳе ноаён мегузоштанд. Рӯзе аз мактаб омада, дари ҳавлии бобоямро пуродам дидам. Диламро гургон тала карданд. Ба ҳавлӣ даромадам. Ин хоб аст ё бедорӣ?! Чаро мардум ашк мерезанд?

– Эй мардум, чаро гиря мекунед? – фарёд задам. Касе гӯё маро намедид. Касе намегуфт, ки ин ҷо чӣ гап аст. Ҳамин дам падарам аз байни мардум баромаданд:

– Беҳрӯз, чаро шах шуда истодаӣ? Тезтар биё, ки бобоятро мебаранд, дигар бобоятро намебинӣ. Биё, ки дидори бобоят ба қиёмат монд. – Падарам ашкаш шашқатор маро ба оғӯш кашиданду бо овоз гиря карданд. Ман ҳам «бобоҷон» гӯён гиристам. Ҳама аллакай ҷомапӯшу миёнбаста буданд. Модарам аз байни занҳо гирён баромаду ба ман ҷома пӯшонда минёнамро бастанд. Бобоямро ҳамроҳи дигарон то қабристони деҳа гусел кардам.

Рӯзҳо мегузаштанд. Он гуфтугузоре, ки байни ману бобоям гузашта буд, фаромӯш шуд. Воқеае сабаб шуду муаммоми ин масъала кушода гашт.

Дар мактаб иди Ғалабаро ҷашн мегирифтанд. Ба он ҷо иштирокдорони ҷангро даъват карда буданд. Зиёда аз 10 нафар мӯйсафедоне, ки синнашон аз 70 гузашта буд, гирди мизи идона нишаста буданд.

Ман аз байни онҳо бобои Сафарро зуд шинохтам. Ӯ марде буд миёнақад, кушодачеҳраву хушрафтор. Риши кӯтоҳаш мошубиринҷ. Сари синааш пури ордену

медалҳо. Дилаш кошонаи меҳру шафқат. Ӯро ба минбар даъват карданд. Баромаду ҳозиринро ба иди Ғалаба табрик гуфта қиссаҳои ҷангиашро ҳикоят кард. Аз қиссаи ин ҷанговари шуҷоъ ҳама ба ваҷд омада кафкӯбӣ карданд.

Маъмурияти мактаб ба онҳо тӯҳфаҳо супурд. Тӯҳфаҳои иштирокдорони ҷанг, ки дар қайди ҳаёт набуданд, насиби писарону набераҳояшон шуданд.

Ман ҳам мунтазир будам, ки ба хотири бобои раҳматиам маро даъват карда, дар қатори дигарон тӯҳфа месупоранд. Аммо интизории ман беҳуда буд. Сафорой тамом шуду на боре номи бобоямро гирифтанд, на барояшон тӯҳфае доданд. Ба хона омада назди падар нишастаму ҳодисаро гуфтам ва худро дигар аз гиря боздошта натавонистам.

– Бобои ту дар ҷанг иштирок накардаанд. Дасти худро дар ҷанг бой надодаанд. Ин ҷо сирри дигаре ҳаст. Бинобар ин бобоят дар ин бора гап заданро дӯст намедоштанд. Агар касе дар ин бора ҳарф мезад ва ё суоле медод, сахт меранҷиданд. Замин хабар набараду руҳашон шод бошад, имрӯз, ки байни мо нестанд, биё қиссаашонро бароят ифшо кунам.

Баҳори соли 1935 ба бахти мардуми деҳа соли фаровонӣ омад. Шамсиддин он ҳангом 11 сол дошт. Падараш берун аз деҳ соҳиби боғи басо сабзу дилкушо буд. Онро мардуми гирду атроф «Биҳишти Мурод» мегуфтанд. Дар ҳақиқат он боғ ба биҳишт шабоҳат дошт. Аз себу зардолу то бодому чормағз ҳама чиз мерӯйид. Дар боғи бобои Мурод як навъ чормағзе қомат афрохта буд, ки дар деҳа ва гирду атрофи он монандашро касе надидааст. Он навъро то имрӯз ҳама бо номи «Нухи[1] бобои Мурод» мешиносанд. Дарозии ҳар як донаи чормағзашон ба 5-6 см мерасид. Тобистон падар Шамсиддинро гоҳе ҳамроҳи худ ба боғ мебурд. Мефармуд, то дар сояи дарахтон нишаста китоб

[1] Нух – навъи дарозхонаи чормағз

хонанд, аз тамошои боғ ва ҳавои форами он лаззат барад, аз меваҳои боғтановул кунад. Аммо Шамсиддини шӯху гапнодаро, ки ба қавле ба замин занӣ, ба осмон меҷаҳад, на парвои олам дошту на парвои таъкидҳои падар. Меваҳои хомро меканду шохаҳои пурборро мешикаст. Падар то бегоҳӣ тоқат мекарду рӯзҳои дигар кӯшиш мекард, ӯро ба боғ набарад.

Ҳамон сол ҳаво гарм омаду зардолуҳо дар моҳи май зард шуданд. Шамсиддин шаб зардолуро хоб диду пагоҳӣ хеста, аз падарам хоҳиш кард, ки аз боғ зардолу биёрад.

– Хуб, аз зардаш чида меорам, гуфт падар.

Шамсиддин одате дошт, ки гапу кори гуфтаашро накунонад, намемонд. На аз дӯғи падар метарсиду на аз зории модар.

Бегоҳӣ падар аз боғ хаставу шалпар баргашту Зардолу наовард.

– Фаромӯш кардаам, пагоҳ меорам, – гуфт ба суоли писар. Ин сухан гӯё оби сарде буд, ки ба сари Шамсиддин рехт.

Ранҷидахотир ба хонаи хоб даромад, аммо то дери шаб хобаш набурд. Ба хулосае омад, ки пагоҳ хеста, худаш ба боғ равад ва ба серӣ зардолу хӯрад. Пагоҳӣ, рӯзи якшанбе Бобо Мурод барвақт ба бозор рафтанду Шамсиддин ба касе нафаҳмонда ба боғ рафту болои дарахти калоне баромад. Гӯё ба зардолу нахӯрдани ӯ дарахти зардолу гунаҳкор бошад, шохаҳоро бераҳмона мешикаст ва зардолуҳои пухтаашро чида мехӯрду ба кисааш меандохт, хомашро ба замин мепартофт. Ба шохи дигаре гузаштанӣ буд, ки пояш лағжида ҳамроҳи шох ба замин афтид. Гӯё дарахт ҳам ба ин бераҳмии бачаи густохи якрав тоб оварда натавониста қасосашро гирифт. Аммо бача ҳоли табоҳе дошт. Баробари гурсос зада ба замини ноҳамвор афтидан нафасаш ҳам ба дарун афтид, чанд сония нафас набаровад. Баъди як лаҳза аз дарди ҷонкоҳе ба нолиш даромад. Баъди чанд соат роҳгузаре овози нолаашро шунида

ӯро аз зери дарахт ёфту ба бобои Мурод хабар дод. Бобо Мурод ҷигарбандашро зери дарахт оғӯштаи хун дида, ҳуш аз сараш рафт. Шамсиддинро ба бағал гирифту худро дошта натавонист ва ашк аз рухсораҳояш ҷорӣ гашт. Бо сад азоб Шамсиддинро ба хона оварду рӯи ҷойгаҳ гузошт. Шамсиддин аз ғояти дард бо овози баланд мегирист. Вақте ки падар ба дастони Шамсиддин ангушт расонд, ӯ баланд дод зад. Падар фаҳмид, ки ҳар ду дасти Шамсиддин шикастааст. Он вақт дар деҳ табибе набуд. Ҳамсояе доштанд ба шикасту банди ҳайвонҳо машғул буд. Бобои Мурод Шамсиддинро назди ӯ бурд. Усто дастони шикастаи Шамсиддинро бо гаҷ баст. Шаби сеюми гаҷбандӣ дасти Шамсиддин сахт дард кард. Ба оҳу фиғони Шамсиддин тоб наоварда, модар нимишаб об гарм карду дасти чапи ӯро аз гаҷ озод кард. Баъди аз дасти Шамсиддин гаҷро кушодан ҳам дардаш таскин наёфт. Рӯзи панҷум маҷбур шуданд, ки Шамсиддинро ба табобатхонаи Хуҷанд баранд. Бегоҳӣ бобои Мурод ароба ёфт. Онҳо пагоҳи ба роҳ баромаданд.Пизишкони Хуҷанд гуфтанд, ки ба дасти росташ хун нагузаштааст. Ҷуз аз оринҷ буридани дасти рост дигар чорае нест. Бобои Мурод дигар илоҷ надошт ва маҷбур буд, ки розӣ шавад.

Баъди як сол дасти Шамсиддин сиҳат шуд. Акнун бисёр вақт ӯ дар хона менишаст. Ӯро волидайн ба зорию зурӣ ба кӯча мефиристониданд. Аммо Шамсиддин дар кӯча зиёд истода наметавонист. Ғамгину маъюс links бармегашт. Ӯро бачагон таъна мекарданд, «якдаста» мегуфтанд. Шамсиддин аз ин муомала хашмгин мешуд. Аз бозию шӯхии пешинааш асаре намонда буд. Худро аз ҳамсолонаш канор мекашид.

Ҳамааш аз бесарии худаш сар зад. Ӯ аз оқибати ин рафттораш пӯшаймон шуда буд. Чун дастони солими ҳамсолонашро медид, оҳи бадард мекашид. Аз ғояти ғаму ғусса ба сараш сафедӣ афтид. Пӯшаймон мешуд, дилаш таҳ мекашид. Фикр мекард, агар кӯдакиашро баргашта медоданд, онро дигар хел мегузаронид.

Соли 1941 ҷанг сар шуду ҳамаи ҳасолони Шамсиддин ба фронт, ба ҳифзи Ватан рафтанд. Шамсиддин низ ба комиссариати ҳарбӣ муроҷиат кард. Аз сабаби набудани дасти росташ ӯро ба сафи Армияи Сурх нагирифтанд. Шамсиддин аз ин ғамгин мешуд, аммо чи илоҷ?

Ӯро ба фронт нафиристоданд. Зеҳнаш ки тез буд, курси кӯтоҳмуддати ҳисобчигиро хатм карду аввал ба ҳайси муҳосиби колхоз, баъд дар дигар идораҳои давлатӣ кор кард. Соҳиби обрӯю эътибори калон гашт, аммо… Ҳар гоҳ чун сухан дар бораи ҷанг равад ё дар бораи дасташ, ӯ худро ноҳинҷор ҳис мекард ва…

– Ана ин аст қиссаи дасти бобоят гуфтанд падарам. Дидам, ки ашк дар чашмонашон ҳалқа зад…

## *Гулнора УСМОНОВА*

# КАБӮТАРИ ВАҲШӢ

Самандар кунҷковона дӯконҳои қаторро тамошо мекард. Онҳо дар саҳни бозор чун замбӯруғҳои баҳорӣ ба чашм менамуданд. Имрӯз растаи дӯконҳо чун солҳои пешин батартиб не, балки ба ҳам омехта буданд. Акнун аз як раста метавонистед ҳам молҳои саноатӣ ёбед ва ҳам маҳсулоти хӯрокворӣ.

– Самандар, биё ба ошёнаи дуюм бароем, – садои модар риштаи хаёлоти писарашро канд. Ҳарду аз зинаҳо боло баромаданд. Ду тарафи зинапояро фурӯшандаҳо, гӯё замини меросиашон бошад, «забт» карда буданд ва ба ҳар каси ростомада дар меафтоданд:

– Саъва мехаред ё кабӯтар?

– Мурғ харед, арзон мекунам, арзон, кафолаташ қатӣ…

– Саъвача се сомонӣ, гиред, бенасиб намонед…

Самандар бо ҳавас ба паррандаҳои рангоранг нигоҳ кард. Дар як кунҷи растаи паррандафурӯшӣ қафасе меистод, ки фурӯшандаи бераҳм 30-40 саъвачаро дар даруни қафаси танг ҷойгир карда буд. Бечора ҷонваракон аз тангии ҷой ҳатто имкони ҷунбидан надоштанд, танҳо нафас мекашиданду халос. Ба ҳоли паррандаҳо раҳми Самандар омад.

– Ҳой, ако, чаро дар як қафаси танг ин қадар саъваи зиёдро зӯран ҷой кардед?

Аз ин саволи Самандар фурӯшандаи паҳлавонҷусса гӯши худро ба карӣ заду қафаси худро бардошта байни издиҳом ғайб зад.

Самандар нахуст гумон кард, ки дар бозори паррандаҳо ин мард ягона одами бераҳм аст нисбат ба ҷонваракон. Вале чун ба атроф чашм давонд, қафасҳои

ба ин монанд серпаррандаро бештар дид. Ҳайрон шуд. Ба ҳоли ҷонваракон дилаш сӯхт. Лаҳзае ба Самандар чунин намуд, ки агар Худованд ба онҳо забон ато мекард, ба ҳар роҳгузар бо оҳу шеван фарёд зада мегуфтанд: – «Моро озод кунед!»

– Чӣ гап, писарам, – пурсид модар хавотиромез.

– Оча, бубинед, паррандаҳоро дар қафаси танг азоб медиҳанд.

– Ҳа, бачам, ин фурӯшандаҳо дар сар танҳо андешаи пул кор карданро доранду халос. Имрӯз, ки зиндагӣ мушкил шудааст, баъзе одамон ба ҳар кори носазо даст мezананд, то рӯз гузаронанд. Раҳму шафқат барои онҳо бегона метобад, писарам. Аслан зиндагӣ дурушт аст.

Бо ҳамин гуфтугзори модару фарзанд басанда шуду ҳарду хомӯш бозори паррандаҳоро тарк гуфтанд. Аммо дар хаёли Самандар аҳволи ҷонваракони қафасӣ чун навори кино аз пеши назараш мегузашт. Яке ба хотираш омад, ки чанд сол муқаддам айнан дар ҳамин айём кабӯтаре ба хонаи онҳо парида омада буд…

Он айём сербориш омада бошад ҳам, офтоби субҳогоҳӣ аз миёни абрҳои тора-тора нурҳои хешро бедареғ ба атроф мепошид. Боди форам пардаи ҳариру сафеди ҳуҷраи хоби Самандарро алвонҷ медод.

– Самандар, хез, ки ба мактаб дер мемонӣ, – гуфт модар, ки субҳона тайёр мекард. Нидои модар маҷбур сохт, ки аз ҷойхоб хезад. Одаташ ин буд, ки баробари аз ҷойхоб хестан ба пешайвон мебаромад ва чанд лаҳза аз ҳавои тоза баҳраманд шуда, баъд дасту рӯй мешуст.

Ба пешайвон баромаду чашмаш ба кабӯтараке афтод, ки дар кунҷе қарор дошт. Аз рангаш пай бурдан мумкин буд, ки кабӯтари хонагӣ не, балки ёбоӣ аст. Самандар аз дил гузаронд, ки агар беэҳтиётӣ кунад, вай парида меравад. Бо ҳамин андеша ҷаҳида

кабӯтарро ба даст гирифт. Кабӯтар нолаи ҳазине баровард, дастони Самандар гармиеро ҳис кард. Пойи рости ҷонварак хуншор буд.

– Оча, ман кабӯтар ёфтам!

– Рост мегӯӣ?

– Мана, худатон бинед.

Модар кабӯтарро аз дасти писараш гирифта гуфт:

– Бечора кабӯтар аз кадом ҷонваре ҷароҳат бардоштааст. Бояд ба вай ёрӣ диҳам.

Модар кабӯтарро ба писар доду ба хонаи дигар гузашт. Бо матоъе пойи хуншори кабӯтарро бастанд. Кабӯтараки нодон ба чизе сарфаҳм нарафта мехост аз дасти писарак раҳоӣ ёбад.

Нигоҳаш имдод меҷуст.

– Оча, иҷозат диҳед, ман ӯро дар хона нигоҳубин кунам, – гуфт Самандар.

– Кори хуб мекунӣ, писарам. Кори савоб мешавад, ақаллан ин ҷонваракро аз марг наҷот диҳем.

– Аз пояш бастан лозим, то парида наравад.

– Медонӣ чӣ писарам, биё ба ӯ ягон ном мегузорем. Беҳтараш, Чубурген мегузорем, – таклиф кард модар.

Ном ба Самандар чунон писанд омад, ки аз хурсандӣ фарёд зад, кӯдаквор омада модарашро оғӯш кард.

Акнун Самандар дар хона бекор наменишаст. Ба кабӯтар обу дон медод, соатҳо бо Чубурген бозӣ мекард. Рӯзҳои аввал кабӯтар намехост дар хона бо пойи баста зиндагӣ кунад. Лекин рафта-рафта одат кард.

Моҳе пас кабӯтар шифо ёфта дигар намелангид. Вале Самандар ӯро аз ресмон раҳо кардан намехост.

Кабӯтар рӯ-рӯи қолини хона медавид, гоҳ-гоҳ парвози кӯтоҳ мекард, ҷастухезкунон худро ба ҳар тараф мезад. Мехост парвоз кунад, парвози баланд, дар осмони мусаффо болу пар занад. Охир вай ҳамҷинсҳояшро пазмон шуда буд. Аммо ресмон садди роҳаш буд.

Рӯзе дили модар ба ҳоли кабӯтар сӯхту ба Самандар гуфт:

– Писарам, биё кабӯтарро сар диҳем.

– Не, модарҷон.

– Бачам, оё ту медонӣ, ки ҷонварро дар кунҷе нигоҳ доштан гуноҳ аст.

– Медонам, лекин ҳама нигоҳ медоранд-ку?

– Ту ба дигарон тақлид накун. Беҳтараш як қиссаро шунав. Баъд аз он ихтиёрат.

– Солҳои ҷанг дар қатори дигарон бобои туро ҳам ба фронт гусел кардем. Ҷанг ба охир расид, аммо аз он кас дарак набуд. Дар деҳаи мо марди донишманд зиндагӣ мекарданд.

Онҳое, ки фарзандонашон ба ҷанг рафта буданду даракашон намешуд, рафта аз он кас маслиҳат мепурсиданд. Бобои ман, яъне бобокалони ту, бисёр парандадӯст буда, бедонаҳои чеғиву ҷангиро дар хона нигоҳ медоштанд. Рӯзе бобокалони ту ҳам рафта аз марди донишманд илоҷи дараки писарашонро пурсиданд. Дар ҷавоб он кас гуфтанд:

– О, ту ин қадар ҷонварро дар қафас нигоҳ медорӣ, боз умедвор мешавӣ, ки писарат аз ҷанг баргардад. Оё, намедонӣ, ки ҷонварро дар қафас нигоҳ доштан гуноҳ аст…

Раҳматӣ бобокалонат рост омада тамоми он бедонаву саъваҳои чеғиву ҷангии худро аз қафас озод карданд. Бовар мекунӣ, ки баъд аз як ҳафта падарам аз фронт омаданд…

Нақли модар ба писар чунон таъсир кард, ки ӯ чанд лаҳза чизе гуфта натавонист. Чашмашро аз кабӯтар намеканд.

– Модарҷон, ман парандаро дигар дар банд нигоҳ доштан намехоам, – гӯён рафта кабӯтарро аз банд раҳо карду ба пешайвон баромад.

Лаҳзае нагузашта овози патарросзании кабӯтар баланд шуд. Самандар ба ҳавлӣ баромада манзараи даҳшатнокро дид. Кабӯтари бечора дар даҳони гурба қанотак мезад. Гурба ҳаллосзанон ба поин гурехт.

Самандар дасту по гум кард. Намедонист чӣ кор кунад.

– Модарҷон, гурбаи ҳамсоя кабӯтарро гирифт…

Самандар тозон аз зинаҳо фуромада дари ҳамсояро кӯфт.

– Амак, гурбаатон кабӯтари маро хӯрд, – мегуфтуу ашк рӯяшро мешуст.

– Он тарафаш як кабӯтар будааст. Кӯча пури кабӯтар, – ҳамсоя бедард ва бепарво ғурғуркунон дарро ба рӯи Самандар пӯшид. Ӯ гиряро бас кард, гӯё оби дидааш ях баст. Берун тохт. Гурба аллакай кабӯтарки бечорaро куштаю пар канда буд, лаб мелесид. Самандар сангеро аз замин гирифта сӯи гурба андохт. Санг ба гурба неву ба тирезаи ҳамсоя бархӯрд. Ҷарангоси шикастани шиша Самандарро ба худ овард. Аламаш дуболо шуд. Вай инони гиряро сар дод. Модар тозон омада писарашро тасаллӣ дод:

– Хез, бачам, ҳоҷати гиря кардан нест, кори нашуданӣ шуд.

– Не, модарҷон. Ба ин ман гунаҳкор. Эҳтиёт карда натавонистам, ё гурбаро дораму…

– Не, писарам. Гурбаро задан қатӣ кабӯтар зинда мешавад?! Зиндагӣ ҳамин хел, гоҳ ширину гоҳ талх аст. Чӣ илоҷ, ки аз дасти ману ту ҳеҷ кор намеояд.

Самандарро суханони охирини модар сари андеша овард. Чӣ будани талху ширинии зиндагиро сарфаҳм нарафта бошад ҳам, дилаш ба кабӯтараки бечора хеле сӯхт. Вай бо вуҷуди хурдсол будан бори аввал ғамро рӯ ба рӯ шуд.

… – Самандар, ҳой Самандар, – фарёд кард модар ӯро аз байни издиҳом. Самандар, ки то ин дам ғарқи хаёлот буд, пай набурд, ки онҳо бозорро давр зада чизҳои зарурӣ харидаанд.

– Рафта истодаам, модарҷон.

Вай ба модар наздик омаду гуфт:

– Очаҷон, ман дигар ҳаргиз паррандагонро дар қафас нигоҳ намедорам.

# ШИНОСОИИ ФОСИЛАИ НОШИНОСӢ

Ғарқа бо хаёлҳои худ ҳастам. Дар тасаввурам парии обӣ оғӯш кушодаасту маро гарм истиқбол мегирад, вале наметавонам пеш биравам. Охир, намедонам, ки ба ин ҳақ дорам ё на? Оё касе маро ба ишқварзӣ манъ мекунад, мегӯяд, ки ту кайҳо аз ин сарҳад гузаштай.

Ман аз сарҳад мегузарам, аммо на аз сарҳадди ишқу ошиқӣ, балки ба ҳамон сарҳадде мерасам, ки он ҷо ба дилам оташак афтод ва алҳол аланга дорад.

Ман ба фармони дилам, кай дил ба фармони ман аст?! Ва қалам ба даст мегираму менависам.

«Салом хонумаи фариштахисол, ки маро намешиносӣ, аммо ман ними фосилаи умр бо ту ҳастам, бо ёди ту сар аз болини роҳат боло мекунам, вале ку ҳамон роҳат?

Ман дигар қарори худ гум кардаам ва ҳар саҳар ба офтоб менигараму мегӯям: салом, офтоби дили ман, салом! Салом, маънои зиндагӣ ва баҳонаи зинда будани ман.

Ман менависам, то ту хонӣ. Қалам дар дастам рақс дорад ва ҷилвагоҳи он рӯи коғази сафедест, ки ба ёди ту рангин мекунам.

Вақте ин номаро аз дасти духтараке мегирӣ, ман хатти сарҳаддеро убур карда, ҷониби сарзамине рафтаам, ки орзуҳои хуфтаи дили озурдаи ман он ҷо бедор гаштаанд, балки чун мурғи қавибол пар мезананд.

Оё боди сабо метавонад садои дили хастаи маро ба гӯши ту расонад ва хотири аз парниён нозуки туро парешон созад? На, на! Ту дар дуриҳои дур мондӣ ва ман бо дили ин қадар моил ба тую мафтун ба ҳусни расоят ҳамин масофаро дуртар кардам, агарчи фосилаи байни дилҳо кӯтоҳанду кӯтоҳ ва гумонам онро чун як пора оташ пеши поят партофтам, то ту мисли шаби тӯй бо орзуҳои накӯ гирдаш давр гардӣ.

Шояд ин хуб ҳам бошад? Не, ҳанӯз ба поёни хаёлҳои худ нарасидаам. Ба ҳар ҳол, номаро батамом бихон.

Лаҳзаҳои хуш дар зиндагӣ бешуморанд ва аҷаб не, гуна-гунаи онҳо кайҳо фаромӯш ҳам шудаанд, вале соатеро, ки бо ту рӯ ба рӯ шудам, оё метавон ба боди фаромӯшӣ дод? Он лаҳзаҳо чун нур вуҷуди маро гармӣ бахшидаӣ ва ман наметавонам гармии ин нурро имрӯз ҳам эҳсос накунам.

Бори аввал, ки туро дидам, хеле ҷавон, шояд наврас ҳам будӣ ба ҳадди понздаҳ ё шонздаҳсола.

Дари утоқи кори маро беҷуръатона кушодӣ ва риштаи хаёлоти маро ба якбор кандӣ.

– Бубахшед, шумо доктор Ислом Ғайратро надидед?

Агарчи нигоҳи худро як лаҳза гурезондам... тобу тавонам рафт ва мисоли лола ба қадди мавзун ва саропои нафис дигарбора намудор гаштӣ. Ҳусни ту ба офтоб ҳамрангӣ, овози форамат ба ҷаҳ-чаҳи булбул ё хониши қумрӣ ҳамоҳангӣ дошт. Чашмони чун олу сиёҳ ва ба сони дурахши ахтар пурҷозиба саволомез ба ман менигаристанд.

– Не...

Дарро чӣ хеле беҷуръатона кушодӣ, ҳамон хел оҳистаю беихтиёр пӯшидӣ. Гумонам дар як лаҳза моҳи мунир паси абр рафт ва хонаро торикии ҳузновар фаро гирифт.

Он дам ба чӣ ҳолат афтодам, тасаввур наметавон кард.

Тунду бо шитоб хеста, назди тиреза омадам. Барги дарахтонро бод сабук-сабук навозиш мекард, аммо насими атрогин, ки хонаро пур кард, дили маро шӯху бебокона ларзонд. Симои ту пеши назарам ҷилва дошт ва сигор байни ангуштони ларзон ба долон баромадам. Чашмнигарон дами дар меистодӣ ва нигоҳат рӯи роҳ сайр дошт.

Оташ ба сигор задаму гӯё он испанд бошад ва туро аз назари бад нигоҳ медорад, дудашро фағона занондам.

Тамоку дуд мекард, дар асл дилам гӯё мум бошад,

аз ҳарорати оташи нигоҳат об мешуд. Саволҳои печ дар печ чун ҳалқаи дуд вуҷудамро мепечонданду нафасам дар гулӯ банд мекарданд. На, на, наметавонам лаҳзаҳо дар ҳамин ҳол бимонам. Охир, гармии форам, гармии нигоҳи боназокатат чун офтоб бо панҷаҳои нуррез вуҷуди маро навозиш мекард.

«Худоё, ба ман чӣ шуд? Чаро мисоли кӯдаке, ки чӣ гуна доштани қаламро намедонад, лаҳзае моту ҳайрон мондам? Эҳсос кардам гармию сардии зиндагиро, ба қавле дасту поям банди рӯзгор аст, пас чаро аз як нигоҳ худамро бохтам?»

Худро дар дил сарзаниш кардам, аммо аз чеҳраи зебою нигоҳи дилрабои ту натавонистам гурезам. Ману хаёл бо ҳам чунон омехтем, гӯё моҳии ба соҳил партофтаи тӯфон бошад, дилам нидо дошт, аммо лабҳои тафсонам ноаён ба ҳам мехӯрданд. Нидои ман бесадо буд он лаҳза!

Маро гӯё сари ҷинояте даст гирифта бошанду акнун гуноҳамро ба дӯшам мегузоранд, суол мекарданд. Чӣ пурсишҳои хушку дағал?

– Духтур, тобатон гурехт?

– Магар тафс доред, ки хун аз рӯятон канд?

Пардаи гӯшҳоямро мехарошиданд ин пурсишҳо ва аз ин дилам фишор мехӯрд. Худро дар чоҳи чуқуру беобе медидам, ки наметавонам ҳалқи хушкидаи худ тар бикунам ва ё ба суроғи об равам Чӣ даҳшат! Даҳони чоҳ бо сахрасанге маҳкам кардаанд ва умеди раҳой аз ин варта нест.

Оё метавонам гӯям, ки ба дарди дигарон даво меёбам, аммо ба дарди худ не! Оҳ, дардошное меёфта бошам? Дилам мехост фарёд занад, ба олами ҳастӣ мужда диҳад, ки дар тани дарахти таҳамтан муғчае кушод, дар як лаҳза навда сабзонду барг баровард.

Охир, ту ниҳолаке будӣ, ман дарахте бо шоху шиппаҳои худ. Не, наметавонистам ҳамоно маҷрои зиндагиро дигар созам ва ману ту миёни обу оташ бимонем! Оё дарк мекунӣ ба гирдоби андеша афтодану

ҷон саломат доштан чӣ душвор аст. Душворе чӣ? Машаққати сангин.

Ту номаро то ба охир хон. Мабод, ки онро чун сухани пӯчу бебунёд байни кафҳои тафсонат ғиҷим кунию бо писханди тамом сӯе ҳаво диҳӣ!

Ҳа, бихон ва бидон, ки падар аз ман напурсид.

– Писар, оё касеро дӯст доштӣ?

Рӯзе, ки диплом дар даст шодона ба хона омадам, падар табрик нагуфт, фақат мужда дод, ки тӯй мекунад, бароям духтари дидадарою хушрафторе ёфтааст.

Мисли мӯҳре, ки рӯи коғаз пахш мекунанд, сухани падар ба дилам нишаст ва чуну чаро ба сони ришта нӯки забонам биканд.

Шиква нест ин. Касеро гунаҳкор намедонам ё беҷуръатиамро ба ёд оварда, пеши падар худро сафед намекунам. Охир, падар аст ва қимати султони дил дар ӯст...

Моҳи май буд. Маро ба мактаб даъват карданд. «Албатта, биёед, меҳмон шаведу асрори дили бачагон шунавед. Шояд бачагоне бошанд, ки мисли шумо духтур шуданиянд»-гуфт қосиде, ки аз номи сарвари мактаб омада буд.

«Аҷаб не... Шояд...» – гуфтам.

Офтоби баҳор гарм буд мисли ҳамон рухе, ки ба ман намуд ва суол доду дилам бибурд.

Толор васеъ, барҳаво. Писарону духтарон гӯё нигарони омадани ман бошанд, ҳама аз ҷой хестанду салом гуфтанд.

Овозе шунидам хушоҳанг ва нохост нигоҳам ба чеҳраи шинос афтод. Кист? Оё ҳамон духтаре нест, ки дарро кушоду суол кард ва ман ӯро нею офтобро дидам?

Пурсам, ки ту ҳамонӣ? Не, садо дар гулӯям ях баст ва лаҳзаҳо бо нигоҳи карахт чашм аз ту намекандам.

Сӯҳбат тӯл кашид ё ба зудӣ анҷомид, намедонам. Ба суолҳои писарони бебоку духтарони шармгин ҷавоб медодаму нигоҳам беихтиёр рӯи ту мелағжид.

Орзуҳои шуморо шунидан мехостаму дилам думболагири орзуҳои ширин шуд. Ту бехабар аз дилбастагии ман нигоҳи худ аз ман намеканди̅. Не-не, ту гармии меҳри маро не, ҳарорати суханро эҳсос мекарди̅, ки ҳидоятгар ба олами афсонавии ҷавони̅ буд.

Он рӯз бар хилофи фармони дил аз ишқи ногаҳонии худ ба духтари ҷавон шарм кардам. Нигоҳамро аз ту гурезондам ва дар дил ба худ қарор кардам, ки оромии дили ту, нигоҳи дилбаронаи чашмони зебоятро ҳеҷ гоҳ халалдор намесозам...

Номаро мехони̅? Ҳа, бихон. Вале маро сарзаниш макун. Босабр бошу то интиҳо бихон! Пас, ихтиёрат. Ҳар чӣ хоҳӣ бигӯ.

Тирамоҳ буд. Баргҳои рехтаи дарахтон рӯи замин чун қолини пурнақшу нигор буданд. Ва ҳамон вақт. . сарвари мактабатон, ки ба мулоқот хоста буд, наздам омад ва шодона гуфт: Рухшона донишҷӯ шуд, ҳамоне, ки дилаш ба табиби̅ гарм кардед.

Оилаатон ҳам ба Гулистон кӯч бастааст. Ҳа, пойтахт ҷойи нағз!

Агар медонисти̅ аз ин хабар чӣ хурсандие дили маро фаро гирифт. Инсон аҷаб зодаи пурсабрест, ки ба як бурида нон, як пиёла об қаноат мекунад. Ё аз тақцир ҷойи гурез нест гӯён ба дил тасалли̅ мебахшад.

Ман чун кӯдак аз будани ту, агарчи ситораи дастнорас ҳасти̅, нишот доштам.

Рӯзҳо дар баҳри солу моҳҳо шино мекарданд ва пайваста нав мешуданд. Аммо ман ҳамон касе будам, ки буданамро ҳатто эҳсос намекарди̅.

Дар шаби ялдо гумону шубҳа чун торҳои анкабуд вуҷудамро мепечонданд. Оё ман худро аз ту дур гирифта, кори сара кардам? Оё рӯзе ту маро ба беҷуръати̅ ё худхоҳӣ маҳкум намесози̅? Ихтиёр ба дасти туст. Ман танҳо ба хотири осудагии ту гӯё беҷуръати кардам.

Мардҳо зоҳиран худхоҳ менамоянд. Дар ботин онон аз занҳо бештар ба муҳаббат эҳтиёҷманданд. Бовар

кун. Онҳо новобаста аз синну сол ба ишқ ва дӯстдорӣ ниёз доранд. Ман ҳам, азизам, тамоми умр бо туям ва аз матои меҳри ту ба худ либоси домодӣ дӯзондаам.

Зиндагӣ ба маҷрои худ равон. Ман чун шиновари ноӯҳдабаро дасту по мезанам, мавҷ маро ба набзи худ гӯё ром кардааст. Агар шиновар муқобили мавҷ бошам? Оё саломат ба соҳили мурод мерасидам?

Ба муҳаббати худ он соате бовар кардам, ки ту мисли кабӯтари парвозӣ лонаат тарк сохтӣ, дур рафтӣ ва риштаи тақдир бо дигаре пайвастӣ.

Оё он ришта заррин буд ё фулузи бебақо? Инро худат медонӣ.

Ман туро дар хоб ва бедорӣ меҷӯям, вале намеёбам. Гӯё ту чун фаришта лаҳзае пеши чашм падид омадию чун зарра ба офтоби осмони лоҷвард омехтӣ, аксат дар пардаи ларзони дил монду ту бо симои дилҷӯят нопадид гаштӣ.

Охирин лаҳзаи дидор бо ту мисли як нафас, як мижа задан буд. Ту дар толори конфронс, дар қатори пеш менишастӣ, гӯё дар мактаб ҳастию дар синфхонаи калону барҳаво дарси кушод аст.

Зани солоре ба ман нигоҳ мекард ва ин ту будӣ. Чашмони ман аз зери мижгон сӯи ту нигоҳ доштанд. Дурахши чашмонат ҳамон мафтункунанда ва хуморомез, вале аз чӣ бошад, ҳузнолуд.

Борҳо хаёл кардам. Ба худ суол дода, ҷавоб ҳам ёфтам.

Чашмони зан кай ғамолуда метобад? Шояд аз... ва ё... Не, дигар чизе ба ҷавоби ин суол намегӯям. Балки гуфтан наметавонам ва саҳфа аз мӯлнуқта пур мешавад. Аммо аз ин чӣ суд?

Маро бубахш, наздат нарафтам, балки гурехтам. Аз ту ё аз худ? Намедонам. Ва нома навиштам, аммо имзо намегузорам, Бигзор барои ту ношинос монам. Ношиносе, ки ними фосилаи умр бо ту шинос буд ва ҳам набуд…»

*Рустам РАМАЗОНӢ*

# ҲАКИМИ ҶОДУГАР ВА НАШЪАГУЛ
Ривоят

*Чуқурии дарёро бо ангушт андоза макун*
*(Андарзи яғнобӣ)*

Ҳамин ки мавсими алафдаравӣ дар кӯҳсор тамом шуд, дар деҳа мӯйсафедон бо навбат ҳар бегоҳ ба хонаи якдигар ба меҳмонӣ меоянд. Сӯҳбати гарми онҳо сари дастурхони пурнозу неъмат ба ҳамаи соҳаи зиндагӣ дахл мекунад. Вазифаи мо, ҷавонон, чун чойхоначӣ, бо чойи кабуд таъмин кардани аҳли сӯҳбат ба ҳисоб мерафт. Ва табиист, ки ба сӯҳбати мӯйсафедони рӯзгордида ҳушу гӯш мешудем: «Тахмин ҳазору дусад сол пеш аз ин рӯзҳои мо дар давлати Суғд дар шаҳри Панҷакат подшоҳи одил Исфандиёр зиндагӣ дошт. Фақат як писар дошт бо номи Султонбек. Вақте ки шоҳзода навхат шуд, шоҳ хост ӯро хонадор кунад, вале Султонбек ҳеҷ розӣ намешуд. Рӯзе подшоҳ писарашро наздаш хонд ва гуфт: «Писарам, синну соли ман ба як ҷо расид, акнун вақти он аст, ки ту аз баҳри бозиҳои кӯдакона гузашта, одами ҷиддӣ бишавӣ. Агар Худо накарда ба ман ягон гапу коре шавад, ту бояд аз ӯҳдаи идораи давлат бароӣ. . Аз ҳозир ту бояд ба корҳои давлатдорӣ шинос бишавӣ. Лекин пеш аз ҳама туро хонадор мекунем. Одаме, ки ҳамсару кӯдак надорад, ҳама вақт худаш чун кӯдак зиндагӣ мекунад!» «Не, падар, ман бояд арӯсамро худам интихоб кунам!» – розӣ намешавад шоҳзода. «Хуб, бароят боз як моҳи дигар мӯҳлат медиҳам. Агар дар ин муддат

арӯс интихоб накунӣ, пас ба пешниҳоди падару модарат розӣ хоҳӣ шуд! Ҳатман ту бояд хонадор бишавӣ! Гап тамом, вассалом!»

Шоҳзода аз назди падар ба қасри худ баргашту барои шикор омодагӣ дид. «Шояд дар ягон раҳу рӯ ба духтари маъқул дучор оям!» – аз дил гузаронд ӯ. Аз байни дӯстону хизматгорони зиёде фақат ду нафарро бо худ гирифту ба тарафи шаҳри Авттеппа раҳсипор шуданд. Бисёр духтарони соҳибҷамол дар роҳ худро ба шоҳзода намоиш медоданд, вале шоҳзода ба ҷониби онҳо, ҳатто, нимнигоҳе ҳам намекард. «Ҳама хасу хошок!» – фикр мекард ӯ. Ҳафт рӯзу ҳафт шаб роҳ паймуданд, то ба як шаҳри ношиносе, ба як бешазори беканору ваҳмангез расиданд. «Арӯсро на дар шаҳр, балки дар деҳот, дар сари полиз бояд кофт», – худро таскин медод шоҳзода. Ва сӯи бешазор роҳ пеш гирифтанд. Ногоҳ аз пеши шоҳзода сайд – оҳуи хушхироме баромад. Шоҳзода саргарми таъқиби оҳу, аз ҳамроҳонаш ҷудо шуд. Чанд маротиба камон кашиду сайдро ба нишон гирифт, вале оҳу ҳамоно беосеб ба пеш метохту метохт. Дар охир шоҳзода хастаю бемадор шуда дар як ҷо дармонд. Аспаш ҳам баазоб нафас рост мекард. Аз асп фуруд омаду рӯи сабзаю себарга дароз кашид. Аз шиддати хастагӣ он ҷо хобаш бурд. Вақте бедор шуд, торикӣ аллакай бешазорро фаро гирифта буд. Ногоҳ чашмаш ба кулбаи сангӣ афтод, ки дар байни боғи дилкушое воқеъ шуда буд. Садои шилдирроси оби чашмасор шоҳзодаро водор сохт, ки ба боғи афсонавӣ қадам гузорад. Ташнагӣ ӯро азият медод. Ҳамин вақт чашми шоҳзода ба духтари паричеҳрае бархӯрд ва ба ӯ ошиқи шайдо шуд. «Ман тамоми умр ҳамин паризодро мекофтам!» – аз дил гузаронд. Шояд дар хоб бошад, не, шоҳзода чашмонашро калон кушода ҳолати воқеиро дид. Аз сару рӯи духтарак нур меборид, маълум шуд, ки гирду атроф аз зебоии чеҳрааш рӯшан шуда. «Ту инсӣ ё ҷинсӣ? Ман то ҳол ягон духтареро бо чунин зебоию дилрабоӣ нади-

даам рӯи замин!» Шоҳзода ба духтарак наздик шуд. Аммо духтарак ба ҷои посух додан бо нозу ишва ба сӯи кулбаи сангӣ равон шуд. Дар кулбаи сангин як пирамарди қаддароз дар иҳотаи китобҳои зиёд машғули ибодат буд. Риши сафеди ӯ то рӯи замин мерасид. Пирамард чун ибодати худро ба итмом расонид, рӯ ба шоҳзода овард: «Шоҳзода, туро суоли кистем мо? азият медиҳад. Дониста бош, дар саҳни боғ духтареро ки дидӣ, шоҳдухтар аст. Ман вазири дасти рости подшоҳи Чинам. Подшоҳ дар дил нияти сафар ба давлати Ҳинд мепарварид. Ва як моҳ пеш аз ин мо ҳама хизматгорону надимони шоҳ ба сафар баромадем. Баъди роҳи дуру дароз ба киштӣ нишастем. Бо хости Худованди бузург дар баҳр тӯфони шадиде бархосту киштиро пора-пора сохт. Ҳама ғарқ шуда рафтанд. Худованд бароиману шоҳдухтар – Нашъагул меҳрубонӣ кард, мо бо тахтапорае часпида ба соҳил баромадем. Баъди саргардониҳои зиёде роҳи Ватанро гум карда, дар ҳамин кулбаи сангин зиндагӣ ихтиёр кардем».

Аз хурсандию барори кор даҳони шоҳзода то баногӯшаш во шуд. Шоҳдухтару пирамардро ба қасри худ даъват намуд. Пирамард гуфт: «Ҷавони паҳлавон, ихтиёр дорӣ, ки Нашъагулро бо худ бигирӣ, лекин ман мехоҳам, то охири умр дар ҳамин кулбаи сангӣ ба зикри Худо машғул бошам!»

Падару модари шоҳзода арӯси нозанинро дида, шодӣ карданд. Сипас аз пайи тӯю сур шуданд. Подшоҳ фармон баровард, ки дар давоми як моҳ агар ягон кас аз дастурхони худ нону ош хӯрад, ба дор кашида мешавад. Ба шарофати бахти неки писараш мардуми Суғдро дар давоми як моҳ бо нону ош, сару либос таъмин намуд. Аз хазинаи шоҳ ба камбағалон ёрӣ расид. Овозаи туйро шунида, аз давлатҳои ҳамсоя одамони зиёде омада, худро ба халқи Суғд пайвастанд; чаппаю роста бо забони яғнобӣ ҳарф мезаданд, то аз инъоми шоҳ бархурдор гарданд! Ровиёни қисса нақл

мекунанд, ки баъди ин тӯй аҳолии давлати Суғд қариб ду баробар афзуд! Як моҳи дароз подшоҳ ҳамаи растаю бозорҳоро баст. Ҳама аз хазинаи шоҳ чизи писандидаро беподош мегирифт. Хулласи гап хурсандии халқи заҳматкашро интиҳое набуд... Лек ҳар як хурсандӣ дер ё зуд ба поён мерасад, тӯйи шоҳзода низ. Як моҳ мисли як рӯз даргузашт. Боз оҳангарон растаи худро во карданд, осиёб ба кор шурӯъ намуд, кишту кор оғоз ёфт, хуллас зиндагӣ бо маҷрои хеш давом гирифт.

Аз ҷиҳати зебоӣ ҳеҷ як духтари яғнобӣ ба ҳамсари шоҳзода – Нашъагул баробар шуда наметавонист. Шоҳзода худро хеле хушбахт меҳисобид, ки бо чунин моҳлиқо риштаи ҳаёти худро барбаст.

Фалаки гирдгардон як бозиҳое дорад, ки фарзанди Инсон ҳайрон мемонад. Зиндагии чун асал ширини шоҳзодаю Нашъагул яку якбора ба оши шӯр табдил ёфт. Моҳи дуввум шоҳзода ҳис кард, ки шабона Нашъагул аз ҷогаҳи хоб ғайб мезанаду субҳ пайдо мешавад. Оҳиста-оҳиста дар байни мардум овозаҳои пасту баланд аз хусуси зиндагии ин ду ангуштарини зиндагӣ пайдо шуд. Гӯё ҳамсари шоҳзодаро дар ҳавлии чанд тан марди яғнобӣ дидаанд. (Пирони Яғноб дар ин хусус ақида доранд: «Хеҷ гоҳ оташ бе дуд пайдо намешавад»!) Ин гапу калочаҳои нешдор шоҳзодаро батамом харобу афгор карданд. Бечора, наметавонист ба чашми падару модари худ нигоҳ кунад. Дари ҳавлии худро аз дарун сахт баста, гӯшанишинӣ эълон намуд. Аз сабаби фикру андешаҳои зиёде касалии рӯҳӣ ёри шоҳзода гашт. Ҳамсараш Нашъагул акнун на танҳо шабона, балки рӯзи рӯшан ҳам мардони бақувватро ба рахти хоби худ мекашиду гули айшу ишрат мечид. «Ин духтари беору номус ҳеҷ гоҳ духтари подшоҳи Чин шуда наметавонад! Наход подшоҳи мӯътабар духтарашро ҳамин тавр таълиму тарбия диҳад? Чӣ фоида аз ҳусну зебоиаш, агар тинаташ чунин пасту ифлос бошад? Эҳ, чаро ба сухани падарам розӣ нашу-

дам!... Чӣ бояд кард? Шоҳзода дар ҷогаҳи хоби худ ба сақфи хона нигариста ҳамин тариқ андеша меронд.

Рӯзе ба хобаш ҳамон пирамарди ришдароз даромад. Зуд аз ҷо бархосту аспи худро зину лаҷом зад ва якка-ву танҳо ба тарафи шаҳри номаълум, ба бешазор роҳ пеш гирифт. Баъди ҳафт шабу ҳафт рӯз ниҳоят Шоҳзода дар бешазор бо пирамард вохӯрд. Пирамард дар кулбаи сангии худ машғули мутолиаи китоб буд. Дар назди кафши чӯбини ӯ як муши хурде хоб рафта буд. Пирамард бо овози паст ким-кадом матни номафҳуме хонда ба тарафи муш «куф» кард. Дар як нафас муш ба оҳуи зебое мубаддал гашт. Ба ин манзара нигоҳ карда шоҳзода дар ҳайрат афтод, пай бурд, ки ин мӯйсафед касби ҷодугарию сеҳрро медонад. Пирамард сипас ба шоҳзода рӯ оварда гуфт: «Шоҳзода, медонам, ки ту барои халос шудан аз ҳамсарат Нашъагул ҳама кори аз дастат омадагиро кардӣ, вале натавонистӣ. Мардуми оддӣ ин ҳодисаро ошиқӣ мегӯянд. Дониста бош, ки калиди ин муаммо дар дасти ман аст! Дуруст, ки ту Нашъагулро на шоҳдухтар, балки лӯлидухтари пасттинат мешуморӣ! Бароят бояд арз бикунам, ки ҳамсарат Нашъагул на лӯлидухтар, балки аз Муш пайдо шудааст. Худи ҳозир дидӣ, ки аз як муш оҳу сохтам. Ман забони тамоми ҷондорҳои рӯи заминро мефаҳмам. Рӯзе ба наздам муш омада хоҳиш кард, ки ӯро ба гурба, сипас ба саг, сипас ба гург, сипас ба хук, сипас ба маймун ва дар охир ба шоҳдухтар – Нашъагул мубаддал бисозам. Чӣ илоҷ, ки Нашъагул ҳамин қадар баднафс баромад. Меъмори комил ҳам баъзан мешавад, ки хатоӣ мекунад... Шоҳзода, ту дониста бош, ки аз ҳамаи дарду ранҷҳо раҳоӣ ёфтӣ. Ба қасри худ, назди падару модарат бирав. Ин дафъа агар бароят кадом арӯсе хостгорӣ кунанд, розӣ бишав. Гили ҳамаи занҳо аз як ҷо гирифта шудааст. Беҳуда худатро азоб надеҳ, илоҳо дарди саратро набинам. Агар тамоми рӯи заминро чарх занӣ, дар вуҷуди зан – мардум ягон асбоби зиёдатӣ намебинӣ.

Ҳамаашон як хел, фақат сару либоси ҳарранга мепӯшанд, вассалом! Шоҳзода, бирав ва сар ба тоати падару модари хеш бигзор! Ҳеҷ як падару модар намехоҳад, ки ба пои фарзанди азизаш хоре бихалад!». – Мӯйсафеди донишманд, мехоҳам Нашъагулро ба қатл расонам! Бас аст шармандагӣ!».

«На, шоҳзода! Хато мекунӣ! Худованди бузург ҷазои ҳар як махлуқро мувофиқи рафтору кирдораш мерасонад. Фарзанди Инсон ягон зарра ҳақ надорад, ба ҷои Худованд, ҳатто ба мӯрча осебе расонад! Нашъагул, чӣ илоҷ, аз нутфаи Муш ба вуҷуд омада... (Пирамард аз сандуқи заррин китоби вазнинро бароварда варақ зад). Мана, бубин, дигар ҳамсар аз бедарак шудани шавҳараш ҷои нишаст намеёбад. – . Нашъагули мо бошад, айни замон дар боғи падарат, дар назди дарахти себ бо вазири молия, ҷаноби Пирмушарраф даст ба оғӯши якдигар гули айшу ишрат мечинанд. Ин ҷо вазир ҳеҷ гуноҳе надорад, зеро агар ба назди ту ҳам як нозанини таранг ду дафъа ҷилва намояд, тоқатат тоқ мешаваду ӯро ба рӯи сабзаю себарга мехобонӣ!. . Медонӣ, шоҳзода? Агар дар рӯи замин ҳар як мардро бо ин баҳона нест бикунем, пас дар ҷаҳон фақат мардони ҳез мемонанд. Баъди вафоти падарат идораи давлат ба ӯҳдаи ту мемонад. Маслиҳати маро фаромӯш макун! Ту, шоҳзода, бояд дар ҳаллу фасли корҳои зиндагӣ саросемагӣ накунӣ, масъалаи Нашъагулро ҳозир дар ҳамин ҷо ба нуқтаи таммат мерасонам. Ҳозир ман як саҳифаеро мутолиа менамояму ту бошӣ ин ду донаи нахӯдро бо санг зада майда-майда мекунӣ.

Чун ин амалиёт ба иҷро расид, пирамарди ҷодугар китобро ба шоҳзода нишон дода гуфт: «Мана бубин, ҳар ду носери висол ба санг табдил ёфтанд. (Кори худро ба итмом нарасонда). Ба ҳар ҳол вазир ҳам аз доираи одамгарӣ гузаштааст: дар зери дасташ беш аз 542 зану духтар... 543-юмаш барои вазир ҳалкунанда гардид... Ту, шоҳзода, парво накун, ҳамин ки ба қаср расидӣ, фармон деҳ, ки Нашъагулро аз оғӯши вазир

ҷудо карда, дар ҳамон ҷои худаш (амалиёташ) ба хок супоранд. Баъди як ҳафта аз хоки ӯ растание пайдо мешавад, ки дар оянда ҳамчун гули девонагию ҷунунӣ ва худобехабарӣ шӯҳрат пайдо хоҳад намуд. Ҳар шахсе, ки ин гиёҳро ба димоғи худ барад, дорои сифати ҳайвонӣ – чун мушу гурба тарсончак, чун саг ҷангара, чун гург ваҳшию дарранда, чун хук ифлосу бадбӯй, чун маймун бозингару масхарабоз ва чун Нашъагул – … мегардад!»

... Аз ҳамон вақт инҷониб гиёҳи девонагию даҳшатнок нишонаест аз зани беору номус – Нашъагул. Растанӣ ҳам то замони мо бо номи «нашъа» омада расидааст, фақат «гул» ихтисор шуда!

*Лутфишои ҚИМАТШОҲ*

# БИЗНЕС

Банда, ки гуреза ҳастам, шаш сол боз дар кулбаи вайронае, дар назди фермаи колхоз, иҷоранишинам. Рӯзамон бо ғизо ва пӯшокҳои хайрия мегузарад.

Ман аз хурдсолӣ дар рӯҳияи танбалӣ тарбия ёфтаам ва ҳеҷ майле надорам, ки дастамро ба оби сард занам. Дар шаҳр корам посбонӣ буд. Э-ҳа, аҷаб кайфу ҳаловате доштам, – рӯзи дароз хӯрду хоб… Вале имрӯз ҳамааш дар хоби шаб.

Завҷаам шабу рӯз гӯшу майнаамро хӯрдааст: «Ҳама бизнес заниматса мекунанд, ту ландаҳӯр фақат ишкаматро мехорӣ. О, ту аз Нурбек чи камӣ дорӣ. Вай аз пули чойи сиҳат ҳам не, чойи тутти сӯхта, гову гусола харид. Карашма аз савдои самагонаш, ки маззаи мағзоба дорад, як ҷувол пул ҷамъ кард. Нозбегим як сол боз шири калбузашро бо оби Панҷ аралаш карда мефурӯшад. Кару фари либоспӯшиашро бин… Эҳ, мурад ту барин мардак. Ҳайфи умри рафтаам, ҳайфи ҷавониам…

Занакро ором карданӣ шудам:

– Уй занак, охир, мо дар бисот чизе надошта бошем, аз Душанбе сарлучу пойлуч, ду даст дар бинӣ, омадаем. Худат инсоф кун. Охир, барои бизнес сарчашма даркор?

Ҳарчанд фаҳмонданӣ шавам, ҳеҷ не, ки паст фуроянд. Фақат як гап: «Бизнес мекунӣ. Мурӣ – намурӣ, бизнес мекунӣ.»

Як шаби дароз ба фикру андеша ғӯта задам, то ки роҳу равиши тиҷоратро ёбам.

Ман як одами буздилу тарсончак, дар маҳтобшаб аз сояи худам талхакаф мешавам. Дилу гурдам нест, ки дегу табақ ё қолину палоси ҳамсояро дуздида, он тарафи дарё барам ва аз он тараф бангу афюн оварда фурӯшам. Ҳафсалаам нест, ки аз ҷангалу пушта ҳезум чинда фурӯшаму пул ёбам. То субҳ ҷӯт задам. Сари бемағзам ба дард даромад. Қарибі бомдод, ҳангоми мурғфарёд, як идея ба Сарам зад. Аз хурсандӣ фарёд задам: Урра!

Завҷаам аз хоб як қад парид:

– Девона шудӣ!?

– Ёфтам, занак, источники бизнеса ёфтам.

Занак лолу ҳайрон ба даҳонам менигарист.

– Ҷони ширин, медонӣ чӣ? Дар пушти бинои ферма як ниҳоли худрӯйи тут ҳаст. Ду сол пеш худораҳматӣ Додалишо онро пайванд карда буд. Имсол бар дорад. Агар меваашро дар бозори Хоруғ штучний фурӯшем, як ҷувол пул мешавад. Худат медонӣ, ки бозори Хоруғ дар ҷаҳон яккаву ягона аст. Дар ин бозор аз гугирдчӯб сар карда, то пиёзу зардолу, ҳамаашро штучний мефурӯшанд.

– Чӣ хел штучний?

– Якдонагӣ охир. Як донааш фалон сӯм. Ҳардумон тӯтро дона ба дона мечинем, ҳисоб мекунем ва субҳи дигар ба бозор мебарем.

Ғуруби офтоб буд, ки тутчиниро тамом кардем.

– Ҳазор дона, – бо овози хаста, мингосзанон, эълон кард занак.

– Як донаашро даҳ дирамӣ мефурӯшем. На каму на зиёд. Ҷамъулҷамъ сад сомонӣ мешавад. Бизнес бошад бизнес!

Аз ҳамсоя пули роҳкироро қарз гирифта, соати чори субҳ, дар қади роҳ бо сатили пури тут, автобусро интизор шудам. Панҷ автобус, ки пешу қафо омад,

ҳамааш лаболаби одам буд, тирвор гузашта рафтанд. Шашумаш омад. Аз инаш ҳам қафо намонам, гуфта, ҷон дар кафи даст миёни роҳ истода, даст бардоштам. Автобус таққӣ истод.

– Аз ҷонат сер шудаӣ, аблаҳ?! – сарашро аз кабина бароварда дод зад ронанда.

Бо азобе савор шудам. Дар салон ҷойи сӯзанпартоӣ намонда буд. Халтаю ҷувол, флягаю сандуқҳо то шифт мерасиданд. Ғавғою мағал ба осмон дакка мехӯрд. Дуди сигарети ду ҷавони олуфта чашму димоғамро месӯзонд. Дилам беҳузур шуд, қай карда, ҷуволи зери поям ифлос шуд. Ҳамин дам мушти обдоре ба гарданам фаровtriаранд. Аз чашмонам шарора парид.

– Уй, майзада, товони ҷувола медиҳӣ!

Ман бо азобе гардан молида ба соҳиби садо нигаристам. Занаки бӯзбаллае, дандонҳояш тилло. Вай дандон гиғиррос занонид:

– Фаҳмидӣ?!

– Фаҳ-ми-дам.

Дар тӯли роҳ автобус чор маротиба вайрон шуд ва мо, мардакҳо фаромада, онро гоҳо як ва гоҳе ду километр тела додем. Ниҳоят, соати даҳ ба шаҳр расидем.

Бо сатилам ду-се бор даруну беруни бозорро чарх задам. Ягон шинос ба чашм наменамуд. Ҷойи мувофиқеро барои савдо пайдо накарда, дар даромадгоҳи бозор, дар кунҷе нишастам. Ва монанди савдогарони бозорҳои Душанбе, бо овози баланду ширинзабонӣ, ба рекламаи моли худ шурӯъ кардам:

– Марҳамат, тутда биё, тути Рӯшон, роҳати ҷон, аз хок ҳам арзон. Мазааш мармелад, колорияаш шакалад.

– Ӯй, сағира, чӣ ин қадар дод мезанӣ?! – дӯғ зад мардаки зардакфурӯш, ки дар назди ман ҷувол мекушод.

– Чӣ, ягон сухани ноҷо гуфтам?

– Магар инҷойӣ нестӣ?

– Не, а, гуреза ҳастам.

– Аҳа, барои ҳамин овозат, гови бешир барин, баланд. Гӯш кун, ман қонуну қойидаи бозори Хоруғро ба ту мефаҳмонам.

Ман ду гӯшамро сих карда, ба даҳони зардакфурӯш менигаристам.

– Якум, молатро реклама намекунӣ. Дуввум, нархаш бетағйир мемонад. Саввум, агар харидор шилқини карда, «арзонтар кун» бигӯяд, як ҳақорати обдораш медиҳӣ, фаҳмидӣ?

Харидорон пасу пеш омада мерафтанд, вале касе ба маҳсулоти ман нимнигоҳе ҳам намекард. Фақат марди тоссаре пурсид:

– Амак, килои тӯт чанд пул?

– Кило-пило нест. Штучний, як донааш даҳ дирам.

– Даҳ, дирам? О, ақаллан панҷ дирам мегуфтед.

– Хуни дил хӯрда рӯёндему боз панҷ дирам кунем. Ин хобатро ба об гӯй.

– Амак, охир…

– Эҳ, тоза ҳам гаранг кардӣ. Форад ҳамин нарх, нафорад чор тарафат қибла.

Харидор аз наздам рафт. Мардаки зардакфурӯш хушҳолона ба китфам тап-тап зад.

– Бораккалло. Ана, ин гапи дигар. Лекин ту ноумед нашав. Хоҳ, нохоҳ, харидор пайдо мешавад.

Ҳаво тафсон буд. Арақ аз сару рӯям шашқатор мешорид, гурӯснагиву ташнагӣ. Ҳалқам қоқу дилам беҳузур. Рӯз бегоҳ мешуду ҳеҷ не, ки савдоям барор гирад. Шоми бевакт, бо сатили пури тӯт, аз бозори холӣ, пойҳоямро базӯр кашола карда, ба истгоҳи автобус рафтам. Як соат мунтазир шудам. На автобус меомаду на мошини боркаш.

Дар шаҳр хешу табор надоштам. Нархи меҳмонхонаҳои бекурпаю болишт аз ҳуҷраи люкс ҳам қиматтар. Илова бар ин авбошону майзадаҳои шаҳр дар озори мусофиру меҳмон камназиранд. Рӯз торик-тар мешуд.

Гушнагиям боло гирифту як мушт тӯтро, ки шира баровarda хеле мулоим шуда буд, ба даҳон партофтам. Дигар чизеро дар ёд надорам. Ба ҳуш омада худро дар беморхона дидам. Духтурон болои Сарам рост меистоданд.

– Сатилам канӣ? – беихтиёр фарёд задам.

– Кадом сатил?... Шояд ҳазён мегӯяд?

– Сатили пури тӯтам канӣ? – ин дафъа садоям гиряолуд баромад.

– Мо сатил-патила надидем. Дар қади раҳ тоқаю беҳуш будӣ.

Дуд аз димоғам баромаду боз беҳуш гаштам.

Як ҳафта мешавад, ки дар беморхона ҳастам. Касе ба завҷаам хабар бурдааст, ки «Шавҳарат бо пули бизнес арақхӯрӣ карда ба беморхона афтодааст». Мегӯянд, ки вай дандон хойда гаштааст, ки «ҳоло ба дастам афтад!».

*Тахмина САИДМУРОДОВА*

## БАҲОР БОЗ МЕОЯД

Тирамох, хазонрез. Аз тиреза ба берун менигаристам. Баргҳои дарахтон, ки зард гашта буданд, як-як ба замин мерехтанд.

*... Хазон мерезад оҳиста,*
*Ба рӯи баргҳои заъфарон гашта,*
*Хазон гашта...*

Аз чӣ бошад, ки маҳз дар чунин ҳолат, дар ин фасли хазонрез хотираҳои ишқи наврасиам ба ёд омад...

Он рӯзҳо, он лаҳзаҳо худро хушбахт меҳисобидам, орзуҳои дар дил доштаамро дар хобҳоям медидам ва саҳар бо умеди рӯзи нек ба дарс мерафтам...

Ман он вақт мактабхон будам. Фирӯза ҳам. Фирӯза дар ҳама ҷо ҳамроҳам буд, гарчанде ӯ дар дигар мактаб мехонду як синф аз ман болотар. Пас аз дарс ба хона омада, хӯроки нисфирӯзиамро хӯрда, давон ба хонаи Фирӯзаино мерафтам. (Фирӯза, ки духтари калон буд, кору бори хонаро бар дӯш дошт. Аз ин рӯ, бештар ман ба хонаи онҳо мерафтам). Мо дар як ҳафта ду маротиба ба китобхона рафта, асарҳои дӯстдоштаамонро интихоб карда, ба мутолиа машғул мегаштем.

Рӯзе аз рӯзҳои ба китобхона рафтанамон дар роҳ бо ҳамсинфи Фирӯза – Баҳром вохӯрдем. Аз ҳамон рӯз зиндагии ман ранги дигар гирифт. Бо як нигоҳ ман ба ӯ дил бастам, вале сирри диламро ба ғайр аз Фирӯза дигар ба ҳеҷ кас намегуфтам. Рӯзе набуд, ки дар бораи

вай фикр накунам. Шабе набуд, ки бо ёди вай ситора нашумурдам. Пас аз ин Фирӯза кӯшиш мекард, ки ҳар воқеаи дар ҳаёти ҳамсинфонашон рӯйдодаро омада ба ман нақл намояд, ҳатман бо ибрози номи Баҳром. Баҳром зебо набуд, вале як ситорагармие дошт, ки ҳамаро ба худ ҷалб менамуд. Ӯ ҷавоне буд, ки ҳеҷ гоҳ духтаронро таҳқир намекард. Баръакс, мекӯшид, дар лаҳзаҳои душвор ба духтарони ҳамсабақ маслиҳати муфиде диҳад. Вале баъзе духтаронро, ки барои пулу мол шуда худашонро мефурӯшанд, фаҳмида наметавонист. Аз байни ҳамсинфонаш духтари зебое, ки аз ҳеҷ чиз камбудӣ надошт, барои сарвати падари Баҳром (падари Баҳром он вақт дар вазифаи калон кор мекард ва одами хеле баобрӯ буд) худро ба Баҳром пешниҳод менамояд. Баҳром «аз бало ҳазар» гуфта, минбаъд аз он духтар канора биҷӯяд.

Ҳарчанд ки ӯро беғаразонаю покдилона дӯст медоштам, баъд аз шунидани ин воқеа ба худ қасам ёд кардам, то зинда ҳастам, ба ӯ дар бораи эҳсоси ошиқонаи худ даҳон намекушоям:

*Туро ман дӯст медорам,*
*Вале бар ту нахоҳам гуфт,*
*Агарчанде барои ту*
*Тамоми умр хоҳам сӯхт.*

Аз байн ду сол гузашт. Рӯзи «Занги охирин». Як даста гул гирифта ба табрики Фирӯза рафтам (ва албатта ба дидорбинӣ). Пас аз тантанаи бошукӯҳ хатмкунандагон маҳфиле оростанд, ки Фирӯза маро низ ба он ҷо бурд. Ҳамон рӯз аввалин маротиба ман бо Баҳром ҳамгап шудам ва ӯро табрик намудам.

Баҳром, ки ҷавони босавод буд, пас аз хатми мактаб ба яке аз донишгоҳҳои олӣ дохил шуд. Ӯ акнун донишҷӯ буд. Аз чӣ бошад, ки аз ҳамон вақт дар дили ман як хавотирие нисбат ба вай пайдо гардид, вале худро мефиребидам, ки дунё ба умед аст ва ҳар кас

агар дар дил орзуе парварад, рӯзе ба он мерасад. Вале он мулоқоти аввалину охирини мо буд…

Баъд аз ин боз як сол сипарӣ гардид. Ман низ пас аз хатми мактаб ба Донишгоҳи давлатӣ дохил шудам. Тез-тез аз Фирӯза дар бораи Баҳром чизҳое мефаҳмидам. Таҳсили хуб дорад, падараш ба ӯ мошин харидааст ва ғайраву ҳоказо. Вале ин гапҳо дили маро тасаллӣ намебахшиданд. Ҳар шаб пеш аз хоб ӯро фикр мекардам. Ҳатто гоҳе мешуд, ки аз ишқи беҷавоби худ мегиристам. Медонистам, ки ин хатои ман аст, вале ғурури духтарӣ роҳ намедод ба назди ӯ рафта сирри дил кушоям ва пас аз он ҳар чӣ бодо бод:

*Он лаҳза, ки марг маро бихонад,*
*Вақте ки ба гӯри сард монад,*
*Аз ишқ сухан магӯ, чӣ ҳоҷат?*
*Дар зиндагӣ ишқи ту бибояд!*

Фирӯза мегуфт: «Ту ӯро дӯст намедорӣ. Ин як ишқи кӯдакӣ аст, ки пас аз муддате фаромӯш мегардад. Ишқ бояд дутарафа бошад, яъне шумо аз ишқи ҳамдигар бохабар бошеду ҳамдигарро эҳтиром намоед, лекин ин ишқе, ки ту ном мебарӣ, ишқ, нест ва ту дере нагузашта ба ягон ҷавони дигар вомехӯрӣ, мумкин аст он вақт фаҳмӣ, ки саҳв кардаӣ...»

Ҳар дафъае, ки аз Баҳром гап мекушодам, Фирӯза суханро ба сӯи дигар мебурд ва умуман мекӯшид, ки бо гапҳои хунуку ноҷояш диламро аз Баҳром ба пуррагӣ сард гардонад. Чунин рафтори ӯро ман фаҳмида наметавонистам ва рӯзе косаи сабру тоқатам лабрез гардида, бо хашм ба ӯ гуфтам: .

– Фирӯза, охир ту низ дӯст медорӣ, чаро маро фаҳмида наметавонӣ? Ё чизе ҳасту ман намедонам ва ту ғайрати ба ман гуфтан надорӣ?

Ӯ ба саволи ман ҷавоб надода рафт.

Рӯзе аз дарс ба хона меомадам ва тасодуфан аз духтарони ҳамсоя, ки аз ман дуртар буданд, шунидам:

«Мегӯянд, ки туйи Баҳром дар тарабхонаи «Бону» гузаштааст. Аҷиб Баҳром гӯё арӯсро намешинохтааст. Наход падару модари Баҳром надонанд, ки ба писари ягонаашон кадом духтар лоиқ аст».

Баъди шунидани ин гапҳо дунё ба назарам торик шуд, чашмонам сиёҳӣ заданд. Гумонам, ки замин аз зери поям канда шуд ва ман торафт жарфтар мерафтаму интиҳои ин роҳро намедонистам. Боз, боз, боз...

Намедонам, ки ин ҳолат чӣ қадар давом кард ва агар омадани Фирӯза намешуд...

Ман ба чашмони боз, бе ягон гапу ҳарф, бо ҳисси нафрат ба Фирӯза менигаристам. Ӯ маро дар чунин ҳолат дида сахт тарсид ва маҷбуран ба хонаашон дароварду дарро аз дарун қуфл кард. Ӯ ҳамоно беҳис, карахт – ҳайкалвор ба ман менигарист. Он гоҳ ман худро бой додам ва яку якбора бо тамоми овоз инони гиряро сар додам. Барои ман акнун зиндагӣ, олами ҳастӣ вуҷуд надошт. Мегиристаму мегиристам... ва байни гиряи худ аз Фирӯза танҳо як чизро мепурсидам: – Барои чӣ?

Баъди хеле гиристан каме ором шудаму ҳамаи нафратамро ба сараш рехтам:

– Наход ту ҳамин қадар сангдил будаӣ, ки аз зангирии Баҳром ба ман чизе нагуфтӣ? Чй хел тавонистӣ аз ман ин чизро пинҳон дорӣ? Охир ту ба ман беш аз дугона ҳисоб меёфтӣ. Ягона умеди ман, тасаллобахши ман ту будӣ. Ба хотири чӣ ту ин корро кардӣ? Барои кадом гуноҳҳоям?...

Оҳиста-оҳиста мадорам мерафт. Ҳис мекардам, ки пойҳоям қуввати бардоштани ҷисмамро надоранд. Дигар чизе ба хотирам нест...

Вақто чашм кушодам, болои сарам Фирӯзаро дидам. Рангу рӯйи ӯ сап-сафед канда буд. Дигар ба ӯ чизе нагуфта, ба хонаамон рафтам. Ин ҳақиқати талхро ман қабул карда натавонистам. Баҳромро дӯст дошта будам, дӯстдории яктарафа, дӯстдорие, ки ҳосилаш бароям ҷуз бадбахтӣ чизе набуда:

*Туро ба дигаре додам,*
*Туро, ки ҷони ман будӣ,*
*Турое, ки дар ин дунё,*
*Сару сомони ман будӣ,*
*Сару сомони ман будӣ...*

Баҳром сохиби хонаву дари обод асту Фирӯза ҳоло ҳам ба ман мегӯяд, ки «ин ишқи ту – ишқи кӯдакӣ буд», вале ҳеҷ наметавонам симои Баҳромро аз ёди худ бибарам. Ӯ пеши назарам, ҳамон тавре ки бори аввал дида будамаш – хушрӯву хушқаду қомат, бо ҳамон табассуми гарм ҷилвагар аст. Бале фаромӯш кардани Баҳром аз иқтидори ман берун аст. Гоҳҳо гумон месозам, ки дарди бедавоеро мубталоям. Лек зиндагӣ давом дорад ва бояд зист. Шояд ба гуфти Лоиқ:

*Ишқи аввал – ғураи сармозада,*
*Норасида мефитад аз шохсор.*
*Реша то дар об дорад нахли умр,*
*Мешукуфад боз дар дигар баҳор...*

Ин дам қатраи борон аз хотираҳо ба зиндагии воқеӣ меорадам, қатраҳои борони аввалини тирамоҳ, борони аввалини хазонрези имсол...

Обод бошӣ, Баҳром.

Зинда бошем, баҳор боз меояд...!

*Бӯрибек ХУДОБАХШ*

# ШАҲСУТУН

Омадани бобо Ниёз барои мо сокинони гузар тӯй буд. Ӯ гӯё бобои ҳамаи одамони хурду бузург буд. Аз дур намоён мешуд, тифлон сӯи хонаҳошон давида, аз омаданаш ба волидайн хабар медоданд сипас, якҷоя ба пешвозаш мебаромаданд. Бобойи пилтан, якеро ба пушту дигареро таи бағал, сеюмиро аз дасташ гирифта, бардам-бардам қадам мемонд ва аз табассуми аҷибаш бурутҳои мошу биринҷаш пилт-пилт мепариданд.

Бачаҳои кӯча ба ӯ чунон унс гирифта буданд, ки ҳатто маро, набераи ӯро, барои «бобо» гуфтанам борҳо куфтанд. Ҳарчанд медонистанд, ки вай дар ҳақиқат бобои ман аст ва ҷои хӯрду хобаш хонаи мост.

Рӯзи афсонагӯиашро ҳама интизор мешуданд. Қиссаҳое мегуфт шабгир. Дар берун, назди ҷӯйбори начандон калон, пӯстаки ангориашро мепартофту хурду калон гирдаш ҷамъ меомаданд ва қиссаю афсонаҳои ниёгонро то дили шаб аз забони ӯ мешуниданд. Рӯзи дигар ҳама хоболуду шитобзада буданд. Калонсолон ба кору бачаҳо ба мактаб дер мекарданд. Бобои Ниёз баъзан ҳаводорони қиссаҳояшро, ки дар хоб мондаанд, худаш рафта бедор мекард. Худ бошад, бо як каҷпаҳлӯ сари ғанабашро гирифта, мӯзаҳои кирзашро мепӯшиду ҳамон замон ба коре андармон мешуд.

Хонаҳои ҳозирзамони шаҳр табъи дилаш набуданд: «Ҳайронам, ки чи хел дар чунин катакҳо зиндагӣ мекунед? На шаҳсутуну даҳлез дораду на равзан, на оғил дораду на чорво. Хонае, ки дудбаро надорад, вайрона аст». Ва бе овоз зери лаб, касеро коҳиш мекард: «Худо

накарда, ягон рӯз магазинатон сӯзад, чи кор мекунед? Ақаллан, ҳамин боматонро шифер намезадед. Ман барин мӯйсафед дар болои бом, дар ҳавои кушод кайф карда хоб мерафтам».

– Бепарво бошед, – шӯхӣ мекард падарам. – Боз ягон мошини боркаш меомадагист. Ба бордонаш баромада, кайф карда хоб меравед.

Падарам ишора ба воқеъаи гузашта мекард. Боре бобо курпаву болишро бардошта берун баромад ва гӯё кашфиёте карда бошад, табассумкунон гуфт:

– Аҷаб даҳлезе ёфтам. Мошине пушти девори хона истодааст. Бордонаш холӣ. Дар ин занбӯрхона хоб намеравам.

– Соҳиби мошин кист? Ӯ магар иҷозат додаст, ки ба бордон баромада хоб равӣ?

– Чӣ, ман барои ду-се соат хоб рафтан дар бордони холии мошин иҷозат пурсам?

Ва дар кузов ҷогаҳ андохту баҳузур хоб рафт.

Субҳ надамида ронандаи мошин, ки Ниёзбоборо ғоибона мешинохтааст, барои шӯхӣ моторро оҳистакак ба кор андохта, якбора ба роҳ медарояд. Бечора бобо аввал хоболуд заминҷунбӣ, гуфта сураеро аз Қуръон тиловат мекунад. Вале чун шабона ба кузови мошин баромада хоб рафтанаш ба хотир меояд, бо либоси таг аз ҷо хеста, доду вой гӯён ба боми кабинаи мошин мушт мезанад. Шофери шӯхтабиат аз оина ҳоли боборо мебинад ва мошинаро боз тезтар меронад. Бобо Ниёз, аз падари ман сар карда то ҳамсояҳои дур ном гирифта, имдод металабад. Ҳаққу ҳамсоя тозон аз хонаҳо баромада, чи воқеае рӯй додаст, гӯён ҳамдигарро саволборон карданд. Ва чун фаҳмиданд, ки ронандаи шӯх бобо Ниёзро бурдааст, аввал хуб хандиданд, сипас, ба ташвиш афтоданд, ки мабодо дар бордон будани боборо нафаҳмида ҳай карда бошад!?

Чанде пас мошин ба сари кӯча баргашт ва Бобо Ниёз, баробари дидани хонаи мо, курпаву болишро ба болои хараки назди дар партофт.

– Хайрият, шофир худӣ будааст. Вагарна шахси дигар мебуд, ба Уш мебурд. Баъд чи кор мекардӣ?, – пурсиданд аз ӯ.

– Кошкӣ мебурд. Парвое надорам. Ба ин баҳона Ӯшро тамошо мекардаму анна, баъд Саидшоро пик гуфтан намемондам. Вай дар байни мо, мӯйсафедони деҳ худро ҷаҳондида мегӯяд. Ҳатто ба Дарвоз ҳам рафта будааст.

– Ба ҳар ҳол, як зиёфат додан даркор, бобо. Яке шофир, барои беиҷозат ба кузоваш хоб рафтан қаҳр мекарду туро дар ними роҳ, масалан, дар Мурғоб мемонд, аз хунукӣ як мебастӣ.

– Хай, қисматам набудааст, мана гаранг накунед! То паймонаи умр лабрез нашавад…

– Мо мехостем, барои аз ин хатар халосӣ ёфтанат нӯшбод гӯем.

– Шаф-шаф накарда, шафтолу гӯед, намешавад. Мана, 15 сомонӣ дорам, гиреду хӯред он девоначойро.

– Бобо, садта ҳамроҳи мо гиред: Ҳангоми намоз саратон худаш хам мешавад.

– Эҳ шаҳр ба шаҳратон бинам! Арақ бароям гӯшти хук шавад! Равед аз наздам! … Чанд рӯз боз интизорам, ки бечорае пайдо шаваду ман саддақа пеш аз бало», гуфта ба ӯ пул диҳам. Вале талбандае вонахӯрд. Хайр, ҳар чи бошад, шумо талабидед, ман додам.

Бегоҳ бобо «Шоҳнома» – и Фирдавсиро чунон батафсил нақл кард, ки даҳ – дувоздаҳ нафари ҷамъшуда гӯё нафас намекашиданд. Ҳама ба хаёл ғӯтавар, шояд худро иштирокчии воқеоти достон мепиндоштанд. Ӯ ин шоҳасарро аз синни дувоздаҳсолагӣ ба пуррагӣ аз бар кардааст.

Якбора кушода шудани дар ҳамаро як қад парронд. Мавлоназари ҳамсоя омад ва бахшиш пурсид. Аз ваҷоҳаташ маълум буд, ки нӯшидааст, вале кӯшиш дошт, ки касе пай набарад. Бобо Ниёз аввалин шуда исён бардошт.

– Чанд бор эълон кардам, ки нӯшида бошед, ба

сӯҳбат надароед. Ба хотири ана ҳамин кӯдакон маҷбурам, ки қиссаи саркардаро ба охир расонам, вагарна худи ҳозир аз дасти шумо, баъзе калонсолони беадаб, пои пиёда, шабошаб ба деҳа бармегаштам.

– Бубахш бобо, бубахш. Барои ёрӣ пешат омадам. Ҷуръат накарда, маҷбур шудам, каме хӯрда, баъд…

– Мард бояд бе маю шароб баҷуръат бошад. Хай, ку бигӯй, чи мехоҳӣ?

– Медонед, бобо … – канда-канда сухан сар кард Мавлоназар. – Ману ҳамсарам чанд сол бо ҳам бахуши зиндагӣ дорем. Вале ситораи ман ба хушдоманам ҳеҷ маъқул нашуд. Ман ба вай бадие накардам. Вале ӯ бошад … ана ду моҳ боз ҳамсарамро ба хона омадан намемонад. Сабабаш маълум не.

– Дурӯғ мегӯӣ, шайтон. То шамол набошад…

– Қасам мехӯрам, бобо, зулме накардаам. Чанд бор хешонам ҳам рафтанд. Вале хушдоманам гоҳ аз замину гоҳ аз осмон сафсатта мегӯяду гуселашон мекунад. Ҳарчанд медонам, ки Меҳринисо аз ман гилае надорад.

– Бовар дорӣ?

– Бале!

– Набошад рафтем, ман рӯи хушдоманата сиёҳ мекунам! Гӯрсӯхта! – Бобо мӯзаҳои кирзашро пӯшиду ҷомаро бар китф партофт.

– Бо оши ҳама нахӯдед, – гуфтанд хонангиҳо. – Ин шаҳр аст. Аз соддагиатон истифода карда, ҳар ҷою ноҷо мебарандат. Мавлоназар бароят на аз валӣ асту на аз васӣ. Бигузор, ба хешу табори худ арз кунад, вай ҳам авлоддор.

– Шумо ҳамаатон шаҳрӣ шудаед. Рӯзи дароз чор бурчи хонаатонро рӯбучин мекунеду бо ҳамин фахр доред. Мавлоназар, ҳамсояи наздики шумо, дар чунин ҳоли ногувор бошаду мо шаҳрӣ гуфта кордор намешавед. Фардо ба сари шумо ягон фалокат ояд, вай «ман шаҳрӣ» гуфта, аз ҳолатон хабар нагирад. Мабодо, ман дар ин ҷо мурам, мурдаамро танҳо ба танҳо пуштора

карда мебаред? Ҳа, шумо шаҳриҳо ба ҳамдигар кор надоред, ягонтаатон на касал мешаваду на… Марг ба чунин инсон!

Бобо баробари ба хонаи хушдомани Мавлоназар расидан, ба ҳуҷум гузаштааст. Воқеан, ӯ ба чунин корҳо борҳо дахолат кардааст ва аксараш нек анҷом ёфта. Ин дафъа ҳам, пас аз салому алек, арӯсро назди худ хонд ва якбора гуфт:

– Агар зиндагии осуда хоҳӣ, марҳамат, ҳамроҳи мо меравӣ.

Чун дид, ки Меҳринисо ба лаб мӯҳри хомӯшӣ задаст, сукутро аломати ризо пиндошт ва якбора ба модараш рӯ овард:

– Ношукр! Фарзандонамон зиндагии хуш доранду мо ҳама вақт норизо. Баъзеҳо пиртар мешаванду инҷиктар мегарданд. Мана, ҷиянам Мавлоназар розӣ, духтаратон розӣ, ба ману ту дигар чи лозим? Бигӯ, охир. Хез, духтарам, либосҳоятро гиру рафтем, модарат ягон гапи зиёдатӣ занад, рӯзаша бинад.

– Шумо кистед, ки ин қадар зӯрӣ мекунед?

– Ман Ниёзшо, падарам Ҷангибек, бобоям Ҳақназар, аз авлоди Шоҳназар… Бас аст, ё ҳоло ҳам насаб кунам?!

Модари Меҳринисо, дар ин чанд дақиқаи ташрифи бобо, лол монду ҳайрон. Намедонист, ин мӯйсафед ба домодаш чи муносибат дораду аз куҷост ва ба ҳамаи саволу хитобҳои пай дар паияш чи ҷавоб гӯяд. Намедонист, балки ҷуръате ҳам накард, ки норизоияшро бо сухане иброз дорад.

Он шаб зиёфате, балки тӯе барпо гардид. Мавлоназар, ки ҳунари овозхонӣ дошт, бо овози баландаш кулбаҳоро ба ларза овард. Ҳамсояҳо гирди дастархон нишаста, ба бобо барои барқарор кардани як оила офарин мехонданд.

*Мавлуда РАВШАНЁР*

## ЯК ЗАНҶИРА ХОТИРА

Омадаем вой-вой, аз роҳи дури бесадо бо нидоҳои ғашолуд,
Омадаем вой-вой, бо ҷони гарми зарҳалину тани нарми махмалин,
Омадаем вой-вой, то шеъре хонем, ки охирин набошад,
Омадаем вой-вой, то ишқи хуфтаро бедор созему дидор ба дидор андозем, Ишқи ҳазорсолаи ҳамсадои он дуи осмониро.

Мо муждагонии тозаи ишқем, ки имрӯз омадаем! Омадаем вой-вой то хаймаи наве занем дар қалбҳо. Эй вой-вой, эй ҳой-ҳой! Вой-войи мо ба ҳой-ҳойҳо пайвасту таваллуд шуданд, вой-войи боҳамиҳову ҳой-ҳойи танҳоиҳо…

ꕥ

Бо дили шикастаи шикастатарин, бо рӯҳи хастаи хастатарин дар рӯи замин, пеши мани бетакягоҳ пур аз гиряи пайванди танҳоӣ танҳо сояи сиёҳи пур аз бимат мондаасту халос… Овози гиряолуди ман месӯзад, Худоё! Сӯхтам дар он. Сӯхтӣ дар вай. Сӯхтанд моро.

ꕥ

Биншин, то бишморем он лаҳзаҳои саробиро. Худоё! Биё, мечинем бо мижгон он ҳилаҳои хирси танҳоии ҷангалиро. Агар борон биборад, мешунавӣ, мехоҳамат бо дунёи рӯъёият. Ба дастони пурғурурам

мебандам дастбанди бирешимии ҳазорнигини хобро. Хуб медонӣ, агар бимонӣ, ҳадя меорам бароят танҳо хоброву рӯъёҳои бехобиро.

Агар намонӣ пешам, шаб асирам мекунад. Ситораам дар осмон оҳ мекашаду ҳамчун як қатра ашк мечакад. Париҳо ба ғам мепечанду мегирянд. Он шаб аз чашми танги дунёи яклаҳзаина хоҳам рафт ба дурии дуриҳо. Агар пешам бимонӣ, эй беқарори ман, дар як қарорат меорам имшаб… Агар бимонӣ…

ഋഌ

Ту аз бахти сияҳ месӯзӣ имшаб, ман аз ашки фишондаи ту. Бо оташи оҳам ин зиндагиро ба оҳ мекашаму оҳҳоро ба оҳ меорам. Зиндагӣ, эй зиндагӣ, туӣ афсурдатар аз ман. Омадаӣ имшаб ба хобам бо либоси арӯсӣ. То бо ҳам равем бо ашкҳои чакидаи сари роҳам ба Роҳи Каҳкашон.

ഋഌ

Ту он ҷо чанг мезанӣ, оҳанги дили хешро менавозию сангро об мекунӣ. Ин ҷо зиндагӣ чанг ба дилам мезанад, то хокистарам кунад. Эй кош, оҳанги ҳасрати ман бо чангат ҳамсадо бошад. Кош, як ҷуфт мурғи дили мо бо навои ошиқона дарахти орзуи ягонаамонро маст гардонанд. Кош, эй кош…

ഋഌ

Намедонам, чаро ҳанӯз туро мисли ту аз ёд ҳанӯз набурдаам. Азизи дилам, аҳде набаста будем, ҳама шаб ба диданам меоӣ.

Азизи дилам, ту худат бигӯ, оё нигоҳат ташнаи ман аст ҳанӯз?..

ഋഌ

Ин туӣ қатраи аз дарё дур монда. Ин манам қатраи дар мазори гули андӯҳи осмони анбӯҳи шаб рехта. Ташнаи як қатраи обанд мардум.

Рӯзе қатраҳо дар мазори хору зори орзуҳо ҷон месупоранд, танҳо рӯзе… оё инро медонӣ ?!

ꕥ

Аз канорам оҳиста гузар, эй баҳор! Оҳанги сафаратро ба гӯшам нахон, то дар оғӯшат намирам, то дар доманат ба даманҳои бебозгашт роҳи сафар нагирам.

ꕥ

Ба хотир овар он шабро, шаби маро, шаби моро, шаби орзуҳои чароғи дурӯғинро. Шаби пурғами заминро.

Ҳарду хаста будем, хаста аз рафтану шунидану нафаҳмидану нарасидан. Дилшикастатарин ману туву чароғи орзуҳои сари роҳамон буд. Ба ҳарфҳои ману ту бовар надоштанд. Дили чароғи сарироҳӣ он шаб заду заду зад. Мо бо ҳам ҳарфе задему задему задем. Оқибат мурғи дили чароғи орзуҳоямон ором гирифт. Шояд ба хотир орӣ он шабро, шаби Ману Туву орзуҳои доғи чилчароғи дурӯғинро. Дарвозаи шаҳр ба ҳама баставу аммо барои мо кушода буд. Дили беқарори мо се тан ғамгин буд он шаб. Дар ҷоми чашмонат оташе медидам, ки мехост ҳамаро фаро гирад, аммо бо ту мондам ман, ту бо касе, касе бо туву орзуҳои кӯдаконаи худ.

ꕥ

Нилуфари субҳам биё, бимон барои ман. Биё, ки бо ту зиндаам бо нигоҳи нилӣ. Сафар накун, ба осмони нилӣ.

Бимон барои ман, бимон дар шаҳри орзуҳо! Боғи нилуфарии ормонҳову орзуҳоям аз боди вазони хазон панаҳ дор. Гулхандаи офтобиамро нигаҳ дор!

ꕥ

Эй дарахти интизор, солҳо дар орзуи он будӣ, ки офтоб туро сӯзонаду моҳтоб дудатро тамошо кунад.

Барф чун сурма ба рухсораи заминат дид. Боди дайду бӯятро бурд. Борони ногаҳонӣ реза-реза омаду ин ҳама нишонатро шуст.

ꕥ

Дилам намехобад имшаб, дилам садои соатро гӯш меандозад. Дилам садои саги ҳамсояро мешунавад. Аз дурӣ садои хурусе омад. Дилам хаста нест аз ин садоҳо, ӯ хоб надорад. Ин ҳама баъди соате хомӯш шуданд, садои дилам монд, ки бедор буд. Бо садои лолоии дилам дилам мехобад имшаб.

ꕥ

Азизи дилам мегӯфт, ки дар замонае зиндагӣ мекунем, ки нотинҷ аст. Агар имрӯз бошӣ, пас барои фардо умеде дигар намонда.

Оҳ, эй азизи дилам, замона тинҷ аст, нотинҷӣ дар худи мост, аниқтараш дар фикрҳои парешони мову ту.

ꕥ

Чи қадар ҳаво гарм аст, худоё! Савдогар молашро фурӯхта натавониста бармегардад ба хона. Сари роҳе диламро рӯи дастонат дидам, ки мефурӯхтӣ онро. Хостам диламро бихарам, аммо чи кунам, ки аз гармии дил тарсидаму наздик нашудам. Тани бе дил мондаи ман барои дилам мавҷ-мавҷ мезад чун моҳии аз об берун афтода, худоё!

ꕥ

Илҳом як навола нола буд, ки онро фурӯ бурда намешуду на пас гардонда. Онро бояд оҳиста-оҳиста ҳазм мекардам. Аввал бо хондан, баъд бо навиштан, лаҳзаи охир бо сурудан. Агар сурудам олӣ набарояд, пас бо оби гиря онро дубора бояд шустан.

Ин қадар ғаму дардро харидам, Худоё, боз чиро хоҳӣ фурӯхт бароям, бигӯ! Дар кулворат хандае ҳаст бароям, ки чилчароғи орзуҳоям нур гирад.

Дар соате хоҳам рафт, ки замин меравад. Дар соате хоҳам хобид, ки ҳама мегирянд. Дар соате хоҳам фикр кард, ки гурӯҳе ҳушёру гурӯҳе мастанд. Дар як соате, ки замон безамон мемонад…

Тифл аввалин маротиба ба модар чунин савол дод:

– Осмон чаро кабуд аст? Замин чаро сахт аст? Чаро гул мерӯяд?

Модар гуфто:

– То сарат дар амон бошад! То қадамат устувор бошад! То барои бақадртарин касат тӯҳфа барӣ онро!

Солҳо гузаштанд, модар касалманд шуд. Сари болини модар писар омад.

– Сарат дард мекунад, модарҷон!? Роҳ гашта наметавонӣ, модарҷон!? Чи чизе бароят орам, модарҷон!?

Модар тамоми қувваи охирини худро ҷамъ карду гуфт:

– Агар имрӯз осмон тира бошад, аммо осмони дилам рӯшан аст, чунки ту ҳастӣ! Агар зери қадамам замин устувор нест, бозувони ту ҳаст. Тӯҳфаи беҳтарини ҳаётам ту ҳастӣ, ҷони оча!..

Модар ин суханро гуфту чашм аз олам пӯшид.

Писар баъди гузашти солҳо ба маънии он суханҳо расид. Баъде ки хок модарашро рабуд, осмони сараш дигар кабуд набуд, қадами устувор надошт, охирин ҳадя ба сари гури модар гулеро бурд, ки аз замин канда буд.

Ситораи осмонӣ ё заминӣ ва ё дарёӣ!?

– Вақте ки мегирям, ситораи дарёиям. Дар гиряи худ чунон ғарқ мешавам, ки аз ситорагиям чизе намемонад. Замоне ки бо заминиён сухан мегӯяму механдам, ситораи заминиям. Аммо даме ки фикр мекунам дар танҳоии танҳотарин, ситораи осмониам, дасти кас на ба ману на ба фикрам мерасад. Чунки то ба осмонҳо рафтан ситораи зеридарёӣ бояд буд.

Чун ба рӯи замин омадӣ, эй ситораи замин! Аз ин ҳама гузаштӣ, фикри осмон макун, чун на ҳама ситораро осмон мебардорад. Агар бардошт, аз афтиданаш ҳам бояд натарсӣ.

– Пас беҳтарин ситора кадом аст?

– Ситораи заминӣ!

– Чаро, азизи дилам, бигӯ чаро?!

– Ба осмон менигаранду ҳавас мекунанд. Ба осмон менигаранду қасам мехӯранд, ки ситора меорем. Ба осмон менигаранду рашк мекунанд. Ба осмон менигаранду онро чашм мекунанд. Ба осмон менигаранду нигоҳ карда наметавонанд.

– Агар ситораи дарёӣ шавам чӣ?

– Пас ғаввосро бояд интизор шуд, то ояду туро аз қаъри он бурун орад.

– Агар заминӣ бошам чӣ?

– Пас дили мардумро ба даст ор, аммо осмонӣ машав. Пасон ситораи ҳақиқии заминиву дарёию осмонӣ хоҳӣ монд.

Эй ситорагарми ман, дар осмони орзуҳоям аз ту ситора сохтам. Ситораи баландтарин шудӣ, ки акнун дастам ба ту намерасад. Оҳ, аз ту ситораи бахт сохтаму худрову бахтро бохтам, эй ситора, ситора!

Замин обистан шуд, вақти таваллуди тифлаш расид. Сабзаҳо аввалин нишонаи мавлуд буданд. Гувоҳи чордардаш раъду барқ буд. Замин ойинаро гирифту ба чеҳрааш назаре афканд.

– Оҳ, гуфту танаш сахт ларзид.

Дарахтон муғча карданд.

Замин печутоб хӯрд, илтиҷо кард, то дардаш сабук шавад.

Аввалин зардии рӯи заминро гули баҳман нишона буд. Замин сахт-сахт гирист. Аз гиря кабуду сурху сафед гашт. Замин илтиҷо кард, то дардаш осон шавад.

Нишонаи осонии дард гули сиёҳгӯш буд.

Чашми замин рӯшан шуд.

Мардум гуфтанд: – Навбаҳор омад, Навбаҳор!

Аз он рӯзи аласт
То имрӯз сармаст
Чи ҳарфҳое, ки гуфтӣ,
Чи солҳое, ки гузашт,
Чи ҳолҳое, ки гузашт,
Чи нағмаҳое, ки кардӣ,
Чи ғамҳое, ки гузашт,
Чи ҷамъҳое, ки кардӣ,
Чи тарҳҳое, ки кардӣ,
Чи тақсимҳое, ки кардӣ,
Чи азобҳое, ки гузашт,
Чи ҳисобҳое, ки гузашт,

Аммо дарди сӯзони ишқат нагузашт, ки ҳеҷ нагузашт!

Зиндагии инсон дар рӯи замин миёнаи мастиву ҳушёриро мемонад. Замоне, пурра ҳушёр хоҳем шуд, ки дигар зиндагӣ нест.

Дар шаби кӯре ду шабкӯре рафтанду расиданд ба лаби гӯре. Шабро кӯр карданд, аммо нарасиданд ба кӯе.

Қатраи аз соҳил дур монда фарёд зад:

– Маро бо худ гиред, маро бо худ баред, эй мавҷҳои авҷҳои дарёи бузург! Маро танҳо нагузоред!

Дарёи бераҳм пур аз туғён худро ба соҳил расонду гуфт:

– Ба қатра ниёз надорам. Агар хоҳӣ чанд қатраат медиҳам. Ту ба дарё наздикие надорӣ, ту қатраӣ, мефаҳмӣ, қатрача! Дар ман ғарқ мешавӣ охир, ғарқ!!!

– Бошад, ки ғарқ шавам, аммо дарё будан мехоҳам, аз ғарқ шудан ваҳме надорам заррае дар дили дарёи бузург.

– Чи орзуе!

– Пас, биё ба рӯи дастҳоям, – гуфту мавҷҳои соҳил бурданд қатраро.

Аз ин мавҷбозиҳо дилат намеларзаду наметарсад, бигӯ, қатраяк!

– На, ҳаргиз.

– Ман ҳар лаҳза метавонам ба шӯр оям ва ҳазорон ҳазор қатраҳоро рӯи замини хушкида партоям. Наметарсӣ, намеларзӣ, мабодо андаруни ҳазорон ҳазор як ту нолону ҳайрон набошӣ?!

– На, ҳаргиз.

– На, ҳаргиз, ҳаргиз! Ҷавобгӯият маро маъқул нест, – гуфту қатраро берун аз соҳил рӯи барги ларзони дарахт гузошту гузашт.

Дарё мерафту мерафт.

Қатра меларзиду ба чашми офтоб медурахшид. Оқибат шамолаки шӯхе омаду қатраякро рӯи замин тела дод.

– Чи кардӣ, эй шамолак, ту ки дили дарёӣ надорӣ, чаро нагзоштӣ аз баландӣ ба дили дарё наззора кунам, то дидагонам аз дарё сер шаванд. Чӣ кардӣ?

– Ту бо ин қатрагият, ту бо ин ларзиданату тарсиданат дидаи дарёӣ дорӣ оё?!

– Бале, чаро не. Дарёи бузург манам, ман. Қатрае, ки касе қабулам накард. Аввал аз замин бухор мешавам ба осмонҳо. Қатрае ҳастам, ки осмонро тавони гирёндан дорам. Пас, дар канори дарёи мағрур дарёи бузурге меофарам, бо ҳамин қатрагиям дарёро дар қатра ҷо мекунам.

Ман қатраи дарёиям, на дарёи қатраӣ.

ꕥ

Дар сукути тираи шаб ғами пур аз тобу таб – ҳамдами деринаи ман омад. Нигоҳаш қиссаи ғусаҳоямро мехонд. Садои нотакрори ғам дар дили тика-тикаи ман гӯё ба дашту кӯҳу ҷангалу баҳрҳо танин меандохт. Дар ин сукути тираи шаб ду шабгард канори шаҳри хуфта гом мезананд. Ба поён мерасонам гиряи танҳоиямро, гиряи таронаамро, гиряи тақдирамро, аммо хуб медонам, ки ҳеҷ поёне надорад, қиссаи оғозкардаи ғусаҳоям.

ꕥ

Навдаҳои токи қаламкардаи падарам чак-чак ашк мерехтанд, гиряи токро чакра-чакра ҷамъ кардам. Ва гесӯямро шустам… Дареғо, дар ин баҳор нозҳоям гул накарданд. Аз гиряи он қаламчаҳои нози табъи нозукам аз алам қалам-қалам шуд.

*Шоҳин САМАДӢ*

# АҶАБ ТӮҲФАЕ

Телефон занг зад: як бор, ду бор, се бор...

Ҳеҷ кас гӯширо намебардошт. Дар хона ғалоғула, ҳама ба коре банд.

Дар ҳуҷраи рӯ ба рӯи даҳлез меҳмонҳо – занон менишастанд. Гӯё ҳама ба ташвише банд бошад, ҳеҷ кас оромӣ надошт. Меҳмонон гирди хони пурнозу неъмат аз чор тарафи дунё ҳарф мезаданд.

Духтарони калони хонадон байни ҳуҷра ва ошхона рафтуо доштанд. Кӯдакон, ки аз ҳама хурдиаш якуним сол дошт, пеш – пеши по давида мегаштанд, ба онҳо халал мерасонданд. Фурқат, ки дар синфи дуввум мехонд, аз барои онҳо дам ба дам танбеҳ медид. Духтарон як чизро меоварданд, чизеро мебурданд. Ин ҳол аз. соати ҳафти бегоҳ оғоз ёфта, то нисфи шаб идома дошт…

Дар айни чунин ҷӯшу хурӯш боз занги телефон садо дод: як бор, ду бор, се бор...

Касе гуфт:

– «Симашро канед, дигар ғам надиҳад», – То писари калонӣ – Шараф барои бардоштани гӯшӣ аз ҷой хест, ки овози хоҳараш Манижа баланд шуд.

– Лаббай... .

– Салом алайкум – ҷавоб омад.

– Хап кунед як дақиқа! – дод зад Манижа ба фарзандонаш, ҷиянҳояш, умуман ҳама. – Алло!! . – ғазаболуд такрор кард Манижа.

– Салом алайкум!

– Салом, – посух дод Манижа.

– Нағз ҳастед? Созед?

– Шукр, мешавад. Шумо нағзед? – соҳиби овозро нашинохта бошад ҳам одобро риоя кард Манижа.

– Ман ҳам, шукри Худо, созам. Дар хона кӣ ҳаст?

– Ҳама... – ҳайрон ҷавоб дод Манижа.

– Хайр, ба ҳама салом расону модаратро ҷеғ зан.

– Ҳозир... Оча...

– Оча!! Шуморо!. .

– Кист? – ҳайрон шуд модар.

– Надонам... – китф дарҳам кашид Манижа.

Гуширо модар гирифт.

– Алло...

– Салом алайкум. Нағз ҳастед? Созед? Ҳама хубед?

– Ҳо, шукр, созем.

– Хайр ҳама ҷамъ шудаанд?... Зодрӯзатон муборак!

– Раҳмат, хона биёед, – ҳайрон шуд модар: кӣ бошад?

– Нинӣ соз аст? – дар ҷойи ба даъват ташаккур гуфтан савол дод ношинос. – Ном мондед ё ҳоло ҳам бе ном аст?

– Нинӣ, шукри Худо, соз аст. Ҳама аз паи ном ёфтан...

– Хайр, чӣ ном мемонед?

– Ку бубинем бобоҳош чӣ номе меёбанд.

– Аз Фурӯғ ягон гапу хабар ҳаст? Занг мезанад ё не?

Модар писари раҳдурашро ба ёд овард. Дилаш як ларзид...

– Ҳо, телефон мекунад гоҳ-гоҳ...

– Соз аст охир? Наомад имсол?

– Не, намеоям гуфт.

– Бемеҳрӣ – да... Аҳлаш даромадааст?

Димоғи модар сӯхт, лек ғазабашро ниҳон дошта, идома дод:

– Намедонам. Телефон мекунад, иншооллоҳ соз аст... Хайр, биёяд, мебинем...

– Э... хайрухуш куну мон, Лолахон! Ту ҳам гапа ҳай яку ду кардӣ, – ба қаҳр гуфт Лайло, ки аз ҳама шӯх буду тундзабон.

– Ҳамсояи боло аст? – пурсид ношинос. – Аз шаҳри Қазон саломаш расонед.

– Э... Фурӯғ, туӣ? – бо ҳаяҷон хандида овоз баланд кард модар ва ҳамзамон ашк ба чашмонаш давид...

Се сол аст, ки Фурӯғ, писари хурдӣ дар зодрӯзи Лола – модараш нест. Се сол пеш ба шаҳри Қазон барои хондан рафта буд. Як-як занг мезанаду бас. Ҳамсояҳо дилбардорӣ мекунанд:

– Ғам нахӯр. Кору бораш соз аст. Мехонад, тамом кунад, меояд... Ҳамсоязани шӯх мудом ба дили захмини модар намак мепошад:

– Ягон духтари тотор ҷоду карда бошад, тамом, ҳамон ҷо мемонад...

Мефаҳмид шӯхиҳоро модар, аммо дилаш ором намегирифт. Кадом модар ҷудоии фарзандро метавонад оромона таҳаммул бикунад, осуда бихуспад, ҳатто нафас бикашад? Лола писарашро хеле ёд карда буд мехост зуд ӯро бубинад, ба оғӯш гидад. Фурӯғ айёми хурдӣ ба бемории дурудароз гирифтор шуда, шабу рӯз аз модар ҷудоӣ надошт.

Пеш аз сафар ӯ такрори ба такрор мегуфт:

– Он ҷо, ки рафтам, панҷ сол намеоям. Мехонам, сарамро ба санг мезанаму кор мекунам, пул меёбам, баъд меоям.

Ҳама механдиданд ба суханонаш. Бародараш бо ришханд ба ӯ мегуфт:

– Баъди ду рӯз боз занг зада, гирякунон маро омада баред, бигӯӣ, саломат медиҳем.

Фурӯғ низ писханд мезад ва худ ба худ мегуфт: «Рафтан пас, чанд рӯз занг намезанам... « Ҳамин тавр ҳам кард.

Шараф, бародари Фурӯғ, рӯзноманигор аст. Фурӯғ аз паи касби падар рафт. Падараш полковники милиса мебошад. Вай аз ин кори Фурӯғ дар тайи дил шод

гашт. Бахтиёр Фурӯғро номбардори худ медонист. Ва боз дурӣ Фурӯғро ба вай азизтар гардонд.

Шараф ва Фурӯғ ба модарашон монанд буданд. Чеҳраи тарҳаш зебо, қоши сиёҳ, мӯйҳои сиёҳ, мижгонҳои дароз – дарози қиргун, чашмони шаҳло, бинии теғадори рост. Вале дар тану тӯш аз ҳамдигар тамоман фарқ мекарданд. Шараф бузургҷусса буд, дастони бақувват, шонаҳои паҳн дошт. Агар баногоҳ рӯбарӯ ояд, кас хаёл мекард, ки ҳозир чаноре болояш чаппа мешавад. Ҳамсоязанон ӯро дида, аз модараш суол мекарданд: чаро Рустам номаш намондед?

Фурӯғ баръакси бародараш хурд, лоғарандом буд, дастони нозук дошт. Наздикону ҳамсоягон чун фаҳмиданд, ки Фурӯғ ба мактаби олии милиса дохил шудааст, хандиданд.

Аҷоиботро бинед, – мегуфтанд онҳо, Шарафи афсарзеб рӯзноманигор асту Фурӯғи назарногир милиса шуданӣ.

Шараф аз хурдӣ бачаи хаппак буд. Аммо намемонд, ки ягон кас ӯро ё додару хоҳаронашро ранҷонад. Касе агар ба ин кор ҷуръат мекард, ҳатман ҷазо дида, нақши замин мешуд.

Фурӯғ аз пуштибонии бародараш бод мегирифт, баҳудаву беҳуда бо бачаҳо ҷангу ҷидол мекард. Ҳатто боре ба Солеҳ ном каси аз худ калон дастбагиребон шуд. Солеҳ Фурӯғро чунон зад, ки бегоҳӣ вай ба сабаби сиёҳии таги чашмаш метарсид ба хона дарояд. Мехост дар ин шаклу шамоил на падар бубинад ӯро, на модар. Лекин нашуд. Ҳам мушт хӯрд, ҳам аз падар гап шунид ва ҳам аз модар.

Вай рӯзи дигар қасдашро ба воситаи Шараф ситонд. Бародараш Солеҳро чунон шаттакорӣ кард, ки ӯ дигар ба Фурӯғ кач, наменигарист.

Соли аввали дурӣ аз хона вазнин гузашт. Дигар Фурӯғ дар ғарибӣ пуштибоне надошт, гурусна низ мемонд; ба хобгоҳ хаста меомад. Ин ҷо модараш набуд, ки дарҳол ба вай хӯроки гарм диҳад. Худаш бояд ғами

шикамашро мехӯрд. Ноилоч хӯрокпазиро ёд гирифт. Баъд бо духтаре шинос шуд. Номаш Алеся. Миллаташ тотор. Духтар зебо буд. Фурӯғ бо чанд нафар аз барои ӯ дастбагиребон ҳам шуд. Қошҳои сиёҳи борикаш, рӯи сафедаку рухсораҳои гулгунаш, чашмони сабзаш, мижгонҳои дарозаш, лабони чун анор сурхаш дили чавонро асир карданд. Соли сеюм аст, ки Фурӯғ аслан аз барои Алеся ба Ватан намеравад.

Духтар ба Фурӯғ ҳамаҷониба мадад мерасонд. Агар ӯ намебуд, мумкин аст Фурӯғ аллакай ба хона занг зада, аз бародараш илтиҷо мекард, ки омада ӯро барад.

Ҳангоме бо Алеся шинос набуд, бепул монда, як ҳафта гурусна гашт. Шарм медошт, ки аз ҳамшаҳриҳояш қарз гирад. Не-е... Воқеан, аз бисёриҳо аллакай қарздор буд. Ягон шиноси падараш дар кӯчаҳои шаҳр рӯбарӯ ояд, баъди пурсупос ба ӯ пуле медоду нишонӣ, рақами телефон ва мегуфт:

– Агар ягон чиз лозим шавад, шарм надор, биё... ё занг бизан...

Лекин иззати нафси Фурӯғ намегузошт, ки ӯ ба ягон кас барои пул занг занад ва ё ба назди касе равад. Вақте ки ба хона телефон мекард, ҳатто аз падараш пул намепурсид. Ҳангоме аз ғам гулӯгир мешуд, каме менӯшиду ёди ватан мекард. Мехост бол баровярда, сӯи ватан парвоз кунад. Ба хона ногаҳон дарояд. Ва бинад, ки чӣ гуна ӯро пешвоз мегиранд.

Агар дарро оҳиста кушояд (дари хонаи онҳо ҳамеша боз аст), суол кунанд:

– Кисти? Ҷавоб медиҳад:

– Ман!

Хомӯшии хонаашонро ҳамеша овози радио халалдор месозад. Хаёл мекунанд, ки Шараф омадааст. Ба фарқи овози ҳар дуи онҳо намераванд. Фурӯғ худро ошкор накарда, ба хонаи дарун медарояд, кӯфти роҳ мебарорад. Дар берун ҳамсоязанҳо модараш – Лолахонро яқин мебинанду табрик мекунанд, ки писараш

омадааст. Модар саросема ба хона даромада аз хоҳари Фурӯғ Заррина мепурсад:

– Кучост?

Заррина суоломез чавоб медиҳад:

– Кӣ?

Модар дар каҳр мешавад, хаёлаш, ки Заррина ӯро масхара мекунад. – Фурӯғ! Куҷост?!

Дар Қазон, – посух медиҳад Заррина.

– Ин попӯшиҳои кӣ? – боз суол мекунад Лолахон.

– Аз Шараф.

Пас аз ин гуфтугӯи муҷмал модар ба хонаи дарун мешитобад. Ва мебинад, ки Фурӯғ дар он ҷо хоб аст.

Даме модару писар хомӯшӣ ихтиёр карда, ба худ меоянду аҳволи ҳамдигарро мепурсанд. Ё ин ки Бахтиёр падари Фурӯғ гӯширо мегирад. Чун гуфтугӯи дучониба поён меёбад, Бахтиёр аз писараш мепурсад:

– Ягон чиз даркор аст, бачам?

– Не, раҳмат, ба худатон чизе даркор бошад, гирифта фиристам.

Падар аз посухи Фурӯғ қаноатманд оҳи сабук мекашад. Гӯширо Шараф мегирад. Вай баумед аст, ки Фурӯғ аз волидон шарм дошта, чизе намепурсад, вале мушкилашро ба ӯ мегӯяд.

– Алло-о-о, Фурӯғ, чӣ хелӣ? Созӣ?

– Ҳо, мешавад. Худат нағзӣ?

– Ку гап зан, чӣ даркор аст?

– Раҳмат, ҳама чиз дорам.

– Дарсҳоят чӣ хел? Дар ягон ҷо кор мекунӣ? – Ҳо...

– Ҳамкурсот созанд? Салом бигӯ...

– Созанд. Салом мегӯянд ба ҳамаатон. Бачаҳо чӣ хеланд? Маро фаромӯш накардаанд?

– Э не! Ҳар рӯз мепурсанд…

– Аз номи ман саломашон гӯй…

– Хуб...

Ин гуна гуфтугӯи телефонӣ ҳамеша сурат мегирад. Баъде, ки гӯшиҳоро мемонанд, онҳо аз ҳар хусус фикр мекунанд. Дар Душанбе – зодгоҳи Фурӯғ – ӯро ба ёд

меоранд, аз айёми кӯдакиҳояш мегӯянд. Он рӯзҳоеро ба ёд меоранд, ки чӣ хел Фурӯғ ҳангоми дар мактаби миёна хондан бо яке аз дӯстонаш ба шӯъбаи корҳои дохила афтод. Ва пас аз он ки падараш, ҳамон вақт лейтенанти калони милиса, ба шӯъба омада, ҷанҷол оғозиду кашида баровардашон, чӣ тавр бо виқор хандид:

– Гуфтам ба шумо, ки ба мо нарасед. Акнун тамошо кунед.

Падар бо хашм ба ӯ менигарад, яъне бо ту дар хона гуфтугӯ дорам.

Фурӯғ низ ба ёд меорад: модараш ваъда медод, ки ба ӯ духтари дилхоҳашро гирифта медиҳад. Ба ёд меорад, ки пеш аз сафараш ба шаҳри Қазон чӣ гуна ба духтаре рози дил кард. Ба ӯ мегуфт, ки агар ту розӣ бошӣ, ман худи пагоҳ ба хонаатон модарамро хостгорӣ мефиристам. Аммо духтар бо шарму ханда рад мекард. Кор то ҷое расид, ки Фурӯғ гуфт: агар ту розӣ шавӣ, ман ба Қазон намеравам. Дар ҳамин ҷо ба ягон мактаби олӣ дохил шуда бо ту мемонам... Не-е, боз рад кард. Ва Фурӯғ аз қаҳру алам дарун-дарун сӯхта ноилоҷ монд.

Боз ба ёд меоварад: дар кӯдакӣ чӣ хел ба боғи ҳамсояҳо медаромаданд. Як нафарро беруни боғ мемонданд ва панч шаш нафар... Агар касе пайдо мешуд, посбон зуд овоз медод. Ва онҳо роҳи гурезро пеш мегирифтанд. Соҳиби боғ чун медид, ки касоне аз боғи ӯ берун мешаванд, ба ташвиш назди «посбон» меомад ва мепурсид: онҳо кадом тараф гурехтанд? «Посбон» дастонашро кушода, ба ду ҷониб ишора карда, китф дарҳам мекашид, сипас худ низ мегурехт.

Ҳатман ба ёд меорад дарёҳои шӯхоби ватанашро. Чӣ гуна дар онҳо ғӯта мезаду дасту почак. Се сол боз дар ягон дарё ва ё кул оббози накардааст. Ёд меорад хокҳо ва сангҳои сӯзони лаби дарёро, ки баъди аз оби хунук баромадан роҳати ҷонанд. Ва ё баръакс, – пас аз нӯг-нӯги панчаҳо болои сангҳои гарму сӯзон аз як ҷо

ба ҷое паридан худро чӣ тавр ба оғӯши оби хунук мепартофт.

Ёд меовард бӯи алафро, гулҳоро, меваҳоро, ки баҳорон ҳавои зодгоҳашро муаттар месозанд. Инро ба ҳамсабаконаш нақл мекарду кайфияте мебурд. Бештар дар бораи он нақл мекард, ки чӣ гуна бо дӯстони душанбегиаш пеш аз рафтан ба оббозӣ бозор медаромаданд ва мешуд, ки ягон мошин тарбузро фароварда, чун музди меҳнат як тарбузӣ гирифта, ба лаби дарёи сардакак мешитофтанд. Вале агар мошини тарбуз набошад, аввал ду-се тарбуз duздида, сипас оббозӣ мерафтанд. Тарбузро яке бо пояш тела медод, бачаи дигар кайҳо интизори тарбузи ғелон меистод... Тарбузҳоро ба об партофта, поёнтар шино мекарданд. Пас аз хеле оббозӣ дар сояи дарахте давра нишаста, тарбузҳоро мекафонданд; аз бӯи тарбуз атроф муаттар мешуд. Оҳ, чӣ хел онҳо аз дилу ҷигари тарбуз ташнагӣ мешикастанд...

Ҳусни кӯҳсорони диёрашро ба ёд меоварd. Субҳгоҳон чун аз хоб мехест, аввал кӯҳҳо, теппаҳое ба чашмаш менамуданд, ки шаҳрашро иҳота кардаанд. Ҳар фасли сол онҳо рангҳои ба худ хос доранд. Баҳорон – сабз, тобистон – сабзи ба зардӣ моил, тирамоҳ – зарди тиллоранг, зимистон – сафеди нуқрафом. Ҳамаи инро ба ёд меоварду дилаш ба ёди хона гум мезад. Бисёр мехост, ки дар зодрӯзи модар дар хона, дар ҳалқаи пайвандон бошад. Хӯрокҳои балаззат бихӯрад. Дар ин рӯз хонаи онҳо пури меҳмон мешавад. Хешу табор, занҳои ҳамсоя ба табрики модараш меоянд.

Вай намедонист, ки дар хона чӣ гапу кор аст, аммо ба ҷои модар аз дӯстон дар Қазон табрикот қабул мекард. Дар ин рӯз ба чанд забони дунё васфи модарро Фурӯғ мешунид. Ба Лолахон сипосҳо, офаринҳо мегуфтанд. Дӯстон шеърҳо мехонданд. Маҳз дар ҳамин рӯз ва дар ҳамин ҷо Фурӯғ мефаҳмид, ки модараш ӯро на барои худ, хонаводаи худ, шаҳри худ, ватани худ,

балки аз барои дӯстони гуногунмиллати Қазониаш зодааст...

Соли хатми мактаби олӣ ҳам фаро расид. Дар Душанбе интизор буданд, ки тобистон Фурӯғ бо диплом ба хона бармегардад. Аммо наомад. Шараф ҳар рӯз аз падараш гап мешуниду модарро таскин медод. Вай аз кор баргашта, бо падар салому аҳволпурсӣ карда, тез ба хонаи худ мешитофт, то боз гап нашунавад, ашки модарашро набинад. Шараф бо баҳонаи сафари хидматӣ тез-тез худро аз шаҳр дур мегирифт.

Як бор аз Фаронса баргашта, модарашро нотоб дид. Сабаб пурсид. Гуфтанд, ки падараш ба ҷустуҷӯи Фурӯғ ба Қазон раҳсипор шуда, ба Лолахон гуфтааст:

– Ман пагоҳ барои овардани Фурӯғ ба Қазон меравам...

Лолахон ибораи «барои овардан»-ро шунида, ҳуш аз сараш парида афтидааст. Ва албатта, Бахтиёр ба Қазон намеравад.

Охир, кайҳо боз аз Фурӯғ хату хабаре нест. Ҳамсояҳо дигар дар бораи вай шӯхиро бас кардаанд. Модар такрор ба такрор мегуфт:

– Ақаллан занг мезад... Хобҳои ҳархела мебинам. Намедонам чӣ аҳволе дорад.

Фурӯғро аз мактаби олии милиса ду сол пеш хориҷ карда буданд. Вай аз ин бебарорӣ хиҷилу аламзада ба худ қавл дод, ки бе ёрдами касе аз нав ба хондан баркарор мешавад.

Фалокат аз ишқ сар зад. Ҳо, Фурӯғ ошик шуда, дарсравиро оҳиста-оҳиста кам кард. Алеся ҳам чун дид, ки сайд ба дом афтодааст, бештар ба нозу нуз гузашт. Баъд шарти қатъӣ гузошт: дар дастат гул ё шоколад набошад, ба наздам набиё. Фурӯғ барои пул кор ҷуст, ноилоч аз дӯстон қарз ҳам гирифт. Худ гушна мегашт, аммо Алесяро бе гул намемонд. Дугонаҳои Алеся ҳавас мехӯрданд, дӯстони Фурӯғ афсӯс. Ба ҳама корҳои сиёҳ даст зад: аробакашӣ ҳам кард, ҳаммолиро ҳам дид... Як рӯз ба дарс рафта насабашро дар рӯйхати

хоричшудагон дарёфт. Пеш чанд маротиба огоҳӣ гирифта буд. Дӯстонаш низ ҳушдор медоданд, аммо вай ин хел ҳал шудани масъаларо чашмдор набуд.

Бо миёнаравии дӯстон аз чеченҳо ду ҳазор доллари фоиздор қарз гирифт, то ки худро дар мактаб барқарор карда тавонад. Аммо пул мисли оби равон сарф шуду ба мурод нарасид. Пулхӯрак Алеся буд. Ба модари у гарданбанд, ангуштари, гушвораҳои тилло хариданд. Вақте пул дошт, Фурӯғ навозишу меҳрубонии Алесяро фаровон медид. Кисааш холӣ шудан пас духтар ба вай дигар рӯи хуш надод. Болои ин чеченҳо қарзро талаб карданд. Аммо Фурӯғ пул надошт, ки баргардонад. Ҳамеша аз онҳо мегурехт. Оқибат ба даст афтод. Онҳо як ҳафта мӯҳлат доданд. Ва таҳдид карданд: агар барнагардонӣ, аввал ангуштони дасти ростатро мебурем, баъд дасти чапатро... Дар ниҳояти кор ту реза-реза мешавӣ.

Алеся моҷароро пай бурда, муносибаташро бо ӯ тамоман қатъ кард. Фурӯғ, сарҳисобаш гум, назди чанд ҳамшаҳраш барои дарёфти пул рафт. Аммо надоданд, ҳатто писханд заданд. Ошуфтаву парешон дар гирдоби андеша афтод. Ниҳоят ба ёд овард, ки як ошнои доғистонӣ дорад. Ӯро ёфт.

– Мушкиле дорам, Шомил, пул лозим...

Шомил, шахси табиатан ором, Фурӯғро гӯш карда, гуфт:

– Ман ба ту чандон бовар надорам. Пул гирифтан осон, лек баргардондан мушкил...

Фурӯғ аз рӯи беожанг, қошони мисли боли уқоб ҳамоил, чашмони пуршарору лабони сурхи Шомил чашм канда, хастаҳол овоз баровард:

– То фардо бегоҳӣ пулашонро надиҳам, маро мекушанд. Ёрӣ деҳ...

Фурӯғ бо Шомил дар яке аз базмҳо шинос шуда буд. Он чо байни Шомилу озариҳо пархош ба амал омад. Шомил танҳо буд, озариҳо бисёр. Онҳо пешниҳод карданд, ки берун баромада гап зананд.

Шомили нотарс розӣ шуд. Дар кӯҳистони онҳо одат ҳамин аст. Агар лозим ояд, барои ҳимояи шарафи мардӣ як нафар зидди сад нафар меҷангад. Ба умеде, ки озариҳо низ кӯҳистонианду қонуни нонавиштаи майдонро ба ҷо меоранд, Шомил баромад. Фурӯғ ҳам, ки хунаш дар ҷӯш буд, аз паи ӯ ва озариҳо рафт. Алеся аз ин херхашаи нобаробар ҳаросида, ба хобгоҳ занг зад. Баъд аз даҳ-понздаҳ дақиқа ҳамкурсон ва дӯстони Фурӯғ омаданд. Озариҳо пуштибонҳои зиёдро дида, аз нияташон гаштанд, бахшиш пурсиданд.

Баъд аз ин воқеа Шомилу Фурӯғ наздик шуданд. Шомил ба вай мегуфт, ки якҷоя кор кунанд. Аммо Фурӯғ бо баҳонаи таҳсил пешниҳоди уро қабул намедошт. Инак Фуруғ аз Шомил қарз мехоҳад.

– Шумо, тоҷикон, дӯстони хубу беғаразед, вале ба якдигар самимӣ нестед. Намехоҳед, ки яке аз шумо болонишин бошад: рашк мебаред, садоқат надоред... Ба монанди панҷаи парешонед. Дар мавриди зарурӣ дарҳол мушти гӯшту нохун намешавед. Рафту мушкиле пеш ояд, аз ҳамдигар мегурезед. Бегонапарастӣ ҳам доред. Ба хотири манфиат ҳаммиллати худро паст мезанед. Магар ба шумо бовар кардан мумкин аст?... Охир, шумо назар ба дигар миллатҳо дар шаҳр чанд маротиба зиёдед. Пас, чаро ба ҳамдигар мадад намерасонед? Агар меҳрубон мебудед, ба ин аҳвол намерасидӣ.

Шомил хомӯш монд. Фурӯғ, аз таънаву маломат, шунидани ҳақиқати талх сараш гичу гаранг, намедонист чӣ посух диҳад. Шомил суханашро идома дод:

– Дар Доғистон тақрибан чил забон вучуд дорад. Лекин, мо, доғистониҳо, берун аз ватан ба ҳамдигар намегӯем, ки лаҳҷаи ту дигар аст, ту аз дигар минтақаӣ. Ҳама доғистонием вассалом... Ҳатто худи ман шояд тамоми минтакахои кишварамонро надонам, лекин аз рӯи гапу гапчаҳо тақрибан тамоми минтақаҳои Тоҷикистони шуморо медонам: касеро аз он ҷо вохӯрӣ, худро хуҷандӣ, кӯлобӣ, ғармӣ, зарафшо-

ниву помирӣ ё дигару дигар мегӯяд. Кай ифтихори тоҷикӣ пайдо мешавад дар вуҷуди шумо?!

– Шомил, ба захми дилам ханҷол назан, Медонӣ, ки ман «насиҳат»-ро дӯст намедорам...

– Наранҷ... Масалан, чанд дӯсти точик дорӣ? Ва чанд дӯсти ғайритоҷик? Ниҳоят ба тоҷики худ бовар мекунӣ?!

Ҳамаи ин суханонро Шомил оромона гуфт. Фурӯғ, ранги рӯяш чанд маротиба дигар шуда, сархам менишаст. Шарм медошт аз чунин тавсифи миллаташ.

– Фурӯғ, ман ба ту пул медиҳам, аммо ба як шарт, назди Алеся намеравӣ... Агар фаҳмам, ки боз рафтаӣ ва ё умуман бо вай алоқае дорӣ, аз худат гила кун...

Фурӯғ қавл дод, Шомил ба ӯ маблағ...

Вай соли 1996 барои хондан омада буд. Соли 1999 ӯро аз мактаб хориҷ карданд. Соли 2001 барқарор шуд. Дар ин муддат ба хона занг мезад ва ҳар дафъа ваъда медод, ки тобистон меояд. Чун тобистон наздик мешуд, баҳона пеш меовард: иҷозат намедиҳанд... Ба ҳамин дастур боз ду соли дигар гузашт.

Моҳи октябри соли 2003 субҳи зодрӯзи модараш телефони хонаи онҳо занг зад: як бор, ду бор, се бор... Гӯширо ҷиянаш Фурқат, ки акнун дар синфи шашум мехонд, бардошт. – Алло!

– Салом алайкум, хонаи Шарафшон? – Ҳо.

– Ту кистӣ?

– Ман Фурқат.

– Ваҳ, овозат мардона шудааст! Чӣ хелӣ?

– Мешавад, соз...

– Фурқат, ҳо Фурқат, кист дар телефон? – овозе омад.

– Намедонам. Ҳозир, пурсам...

– Нағзӣ? Очат чӣ хел? Ҳама созанд?

– Ҳо, мешавад...

– Момаат ҳамин ҷо?

– Ҳо, фарёдаш кунам?

– Маро шинохтӣ?

– Не.
– Фурӯғам... Тағоият.
– Ҳе, тағоӣ... салом, чи хелед?
– Мешавад, соз...
Модар гӯширо аз дасти наберааш гирифт.
– Салом алайкум. Нағзӣ, бачам?
– Мешавад. Шумо чӣ хелед?
– Шукр. Имсол ҳам наомадӣ?
– Меоям, насиб бошад, меоям... Бегоҳӣ табрикатон мекунам.
– Соати чанд?
– Мебинам, касе маро ҷанг карданӣ бошад, бигӯед, ки тайёр шавад. Бегоҳ боз занг мезанам. Хайр...
Бегоҳи он рӯз боз садои телефон паҳн гардид. Як бор, ду бор... Модар, ки ҳушу ёдаш ба занги телефон буд, ҳадаҳа бархест, аммо духтараш Манижа, чун ҳамеша, дар бардоштани гӯшӣ пешдастӣ кард.
– Лаббай... .
– Салом алайкум!
– Салом! Фуруғ, туи?
– Ҳо, чӣ хел маро шинохтӣ?
– Охир, гуфтанд, ки занг мезанӣ...
– Чӣ хелӣ?
– Соз. Ана бо очаам гап бизан.
Гӯширо модараш гирифт. Фурӯғ бо овози баланд, як каме ҳаяҷономез хитоб кард:
– Зодрӯз муборак!
– Раҳмат. Дар овозат ҷонам, бачаме...
– Дарро намекушоед? Ё интизори меҳмон нестед?.
– Шӯхӣ накун...
– Ё тавба! Аз раҳи дур монда шуда биоиву ба хонаи худат роҳ надиҳанд...
Модар гӯширо нагузошта, амромез хитоб кард:
– Фурқат, дарро кушо!
Дар даҳлез як ҷавонмарди либоси милиса ба тан, дар даст сабади гул, хандон рост меистод. Мӯи сараш сиёҳи шоназада, чашмонаш дурахшон, дар лабонаш

табассум, вай ба сӯи модар шитофт. Модар фарзандро дида якбора дасту по гум кард, аз ҷой наҷунбид. Фуркат Фурӯғро нашинохт. Бибӣ бо овозаки ларзон гуфт:

– Пойандоз биёред, пойандоз!

– Эҳа, хезед аз ҷоятон, Фурӯғ омад! – хитоб кард Манижа, ҳамаро ба пешвози додараш даъват намуда.

Дар хона ғалоғула барпо шуд. Ҳама Фурӯғро ба оғӯш мегирифтанд, мебӯсиданд, хурсандӣ мекарданд. Ҳамсояҳо боз шӯхиомез мегуфтанд:

– О ба берун нигоҳ кунед! Боз Фурӯғ ягон арӯси тоторӣ наоварда бошад!!

Ҳама хушҳол, ҳама хандон... Фурӯғ падарашро надида, хонаи дарун рафт. Ва дар рӯбарӯи вай қомат рост карда, пои рост ба пои чапаш зада, дасти рост ба пешонӣ бурд:

– Лейтенанти милиса Фурӯғ Раҳматов бо фармони Шумо ҳозир шуд!

Дар чашмони падар ашки шодӣ давид. Вай фарзандашро ба оғӯш гирифта, табассум дар лаб пичирос зад:

– Бачамарде, ба зодрӯзи модарат худата тӯҳфа овардӣ? Аҷаб тӯҳфаи хубе!

*Самариддин АСОЗОДА*

# ЛАТИФАҲО

Марде аз ҳамроҳаш пурсид:

– Тарсончактарин одами дунё кист?

– Ронанда.

– Чӣ хел?

– Ҳатто ба чароғаки роҳнамо итоат мекунад.

ꕥ

Аз олмоние, ки баъди сафари давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ватан баргашт, пурсиданд:

– Мардуми Тоҷикистон чӣ хел аст?

– Аз мо хеле пеш рафтаанд.

– Чӣ хел?!

– Мошинҳое, ки мо ихтироъ мекунем, онҳо муҳаррики трактор часпонида меронанд.

ꕥ

– Furthermore

– Бобоҷон, як себ гирам хоҳишомез гуфт набера ба бобояш, ки себҳоро коғазпеч карда, ба сабади чӯбин меандохт.

– Чи коруш мекунӣ?! – якбора бо қаҳр пурсид мӯйсафед.

– Камтар бозӣ карда, баъд меёрумуш, – ҳаросомез посух дод набера.

ꕥ

Дар бозори Корвон ҷавоне аз як мард нос пурсид.

– Намекашам, – гуфт дар ҷавоб.

– Сигор чӣ?

– Сигор ҳам.

– Умуман, шумо дар зиндагӣ ягон чиз мекашед?
– Бале ароба…

ꕥ

Мизоҷе аз пешхизмати ошхона пурсид:
– Мастоба доред?
– Не.
– Карамшӯрбо чӣ?
– Надорем.
– Хомшӯрбо ҳам?
– Нест.
– Ақаллан оби ҷӯшомада доред?
– Аз куҷо?! Саҳар боз газу барқ ҳам нест…
– Пас, китоби арзу шикоятҳо доштагистед?
Аҳа, дар навбат истед.

ꕥ

Донишҷӯе ҳангоми таътил ба деҳа рафт.

– Пӯст болои устухон шидаӣ, – ӯро дидан замон гуфт модар. Ҳеч чиз намехӯрдӣ, ки йн қадар лоғарӣ? – пӯрсид падар низ ҳайрон монда.

– Аз хӯрдана ҳамин хел шудам, – посух дод писар.

– Наход? Чӣ мехӯрдӣ?

– Шаб то саҳар дар хобгоҳ, саҳар то нимрӯз дар синфхона хунук мехӯрдаму бегоҳ ғам. Аз бегоҳ то вақти хоб афсӯс...

ꕥ

– Ало, шӯъбаи алоқа?
– Бале.
– Ба ноҳияи Ёвон пайваст кунед.
– Бахшиш, ба ин ҷо алоқа надорем.
– Ню-Йорк чӣ?
– Ҳозир...
– Ало, Ню-Йорк?
– Бале.
– Ба Ёвон пайваст кунед.

***

– Тарсончак!

– Киро мегӯӣ?! – ҳайрон пурсид падар аз писарчаи хурдсолаш, ки дар истгоҳ интизори мусофиркаш меистоданд.

– Ронандаи ҳу ана ҳамон «Мерседес»-ро, – бо даст нишон дода гуфт писар.

– Барои чӣ?

– Бо шаст мошин ронда, ҳуштаки нозирро эътибор надод, вале баробари сурх шудани чароғак тормозро пахш кард.

***

Довталабе ба Донишгоҳи омӯзгорӣ занг зада пурсид:

– Ало, факултаи забонҳои хориҷӣ?

– Не, шумо нодуруст... афтидед.

– Ҳанӯз ҳуҷҷат насупорида?!

***

Чаро аз ошёнаи даҳум хона харидӣ?. .

– Зеро лифтёр дар қабати дувоздаҳум зиндагӣ мекунад.

***

– Додар, вақтро намегӯӣ?

– Соат надорам.

– Тахмин чанд бошад?

– Ба фикрам панҷ шудагист.

– Соат надорӣ, аз куҷо медонӣ?

***

Автобус пури одам ба роҳ мебаромад, ки аз дари пеш боз мӯйсафеде савор шуд.

– Бобо, аз боло гузаред, – хитоб кард ҷавоне, ки дар қатори пеш менишаст.

ଓଡ଼

– Чаро роҳкирои Душанбе-Қӯрғонтеппа 2,5 сомонӣ арзиш дораду Қӯрғонтеппа-Душанбе 3 сомонӣ? – пурсид мусофире.

– Чунки аз ин тараф кӯталтарай, – гуфт хазинадори саристгоҳ.

– Ало!

– Бале, гӯш мекунам!

– Овозатонба мурам.

– Кошкӣ!

Нисфи шаб, занги телефон. Гӯшакро бардошта шунидам:

– Ало! Боғи ҷонварон?

– Бале, аммо катаки холӣ надорем.

– Ало! Ҷои холӣ доред?

– Шумо ба куҷо занг мезанед?

– Ба меҳмонхона.

– Не, ин ҷо Боғи ҷонварон.

– Ало! Салом!

– Ваалейкум...

– Шеърҳоятонро хондам. Бисёр нағз навиштаед, раҳмат...

– Ман Раҳмат Назрӣ не, Ширин Шайдоӣ.

Журналисте аз ҳамкораш пурсид:

– «Оила» дорӣ?

– Не.

«Дилсӯз» чӣ?

– Надорам.

– Ақаллан «Ҳамроз» доштагистӣ?

– Мутаассифона...

– Пас ту чӣ дорӣ?

– «Садо...»

ꕥ

Журналисте аз кампири 90-солае мепурсад:

– Чӣ дигаргунӣ миёни ҷавонони имрӯз аз дирӯз мебинӣ?

– Тафовут зиёд ба чашм мерасад, – ба сухан оғоз карда мегӯяд кампир ва меафзояд:

– Чунончӣ, пеш вақт ҳар кадом як сигорӣ даргиронда, шаҳрро пурдуд мекарданд. Ҳоло ин тавр нест. Чанд нафар гирд нишаста, сигореро дармегиронанду бо ҳам мечоканд...

ꕥ

Донишҷӯе аз ғояти дарди шикам печутобхӯрон ба беморхона меравад.

– Чӣ хӯрда будӣ? – мепурсад духтур.

– Ду табақ оши палав.

– Танҳо хӯрӣ ҳамин хел мешавад.

ꕥ

Дар беморхона. Сардухтур бо табибон саломатии беморонро аз назар гузаронида, ба ҳуҷрае ворид мешаванд, ки яке аз беморон дар ҷояш нест. – Барои чӣ нест? – мепурсад сардухтур.

– Намедонем, – худро ба нодонӣ мезананд табибон.

Беморе дарҳол ҷавоб медиҳад:

– Каме нотоб шуд, ба хонааш рафт.

ꕥ

«Тоҷики нав»-е падарашро, ки аз тавофи Хонаи Каъба баргашта буд, пешвоз гирифта, бо мошини хориҷии навхарида ба хона мебурд. Дар роҳ мӯйсафед

сарфаҳм нарафт, ки чӣ гуна тирезаи шамолдароро поин кунад ва ба писараш иҷрои ин корро амр дод. Аммо писари шӯх ҷиддӣ вонамуд карда гуфт, ки тиреза танҳо бо дуо кушода мешавад. Падар дуо кард. Писар рустӣ тугмачаро зер кард ва тирезаҳо кушода шуданд.

– Акнун бовар кардам, ки дар ҳақиқат Худо будааст, – гуфт Ҳоҷӣ.

ꕤ

Марди бадахшоние баъди сайру гашти пойтахти кишвар – Душанбе бо роҳи навсохти Кӯлоб-Хоруғ ба зодгоҳ бармегашт. Ҳангоме ба шаҳри Кӯлоб мерасанд, шефтаи хонаҳои бо карру фар сохта мегардад ва аз мусофири ҳамроҳаш мепурсад:

– Ин хонаи кӣ?

– Аз раиси Ширкати «Дӯлона».

– Инаш аз кӣ?

– Директори бозори «Ганҷ».

– Поён чӣ?

– Аз сардори ҶС «Хурмо».

Ба маркази шаҳр мерасанд. Масҷидеро бо нақшу нигору кандакорӣ дида, боз мепурсад:

– Инаш хонаи кӣ?

– Хонаи Худо.

– Нав фаҳмидам, ки Худо ҳам аз Кулоб будааст.

ꕤ

– Духтари зебо, шуморо дар куҷое дидаам, вале ҳеҷ ба ёд оварда наметавонам.

– Ман ёд дорам, дар Боғи ҷонварон, – бо хашм гуфт духтар.

– Ҳа, ёдам омад. Дар катаки рӯ ба рӯ худат меистодӣ!

ꕤ

– Чаро рӯзи кӯдакон, ҷавонон ва занонро ҷашн мегиранду аз мардонро не? – пурсид ҷавоне аз падар.

– Зеро ришдорон ҳам даъво мебардоранд.

Ҷавонеро аз Боғи марказии шаҳр беҳуш ётанд. Дар беморхона пас аз ба худ омадан гуфт:

– Канори боғ дар назарам, ки кундае месӯхт. Пештар равам, об пошидам, зангие сигор мекашидааст...

Ду зан дар шаҳр хостанд рӯзнома фурӯшанд, вале харидор наёфтанд. – Пулҳои бударо мустаҳкам дор, – гуфт яке.

– Чӣ, метарсӣ, ки медузданд?

– Бале, ин аз рӯзнома нахариданашон маълум...

Ҷавоне аз падар ҳар гоҳ пул пурсад, як сомонӣ медод. Рӯзе бо рафиқон бозӣ дошт ва дид, ки падар меояд. Мақсад гузошт, ки чор сомонӣ мепурсад. «Шояд дар пеши рафиқонам ҳиммат мекардагист» – аз дил гузаронд.

– Чор сомонӣ? Се сомонира чӣ кор мекунӣ?! Ду сомонӣ бас аст! Ма, як сомонӣ! – гӯён падар пулро дароз кард.

Солҳои Иттиҳоди Шӯравӣ мегуфтанд:

– Милитсияи ман – ҳимоятгари ман!

Даврони бозсозӣ мегуфтанд:

– Милитсияи ман – ҳимоятгари кӣ?!

Ҳоло мегӯянд:

– Милитсияи ман – ҳимоятгарат кӣ?!

Шайтони раҷим мардеро дид, ки кори носазое кардан дорад ва ба ӯ гуфт: – Ин чӣ корест, ки мекунӣ?

– Шайтон аз роҳ зад...

– Чӣ дурӯғ мегӯӣ. Ҳамон шайтони мегуфтагиат манум ва аз кори кардаи ту дар ҳайрат шудум...

Писари нозири роҳе аз дунё гузашт. Рӯзи мотам ронандагони зиёде омаданд. Вале нозир аз онҳо гила кард:

– Раҳматӣ писари ману шумо чаро «бача-мой»-гӯён нола кардед?!

Ронандагон дар ҷавоб:

– Чӣ хел нола намекардем, ки ... охир ӯро бо пули мо калон карда будӣ...

Дар деҳае овоза мешавад, ки мардум дини зардуштӣ қабул мекунанд. Писарчае аз падар мепурсад:

– Пеш вақт исломиёнеро, ки ба дин доғ меоварданд «вофчик» мегуфтанду доғ намеоварданд «юрчик». Сонӣ моро кӣ ном мебаранд?

– «Зайчик», – мегӯяд дар ҷавоб падар.

Муаллим:

– «Нон бошад, суруд ҳам мешавад...»

Донишҷӯе аз оилаи камбизоат:

– Кунҷора чӣ?

Ҷавоне бо ҳасрат ба духтари зебое гуфт:

– Маро сӯзондӣ...

– Чунин аст, ки аз пасат дуд мебарояд?

– Ин тавр бошад, як «затяжка» намегиред?

Котиба дари утоқи сармуҳаррирро кушода, гуфт:

– Бо шумо яке аз хонандагони рӯзнома сӯҳбат карданист.

– Баъди ним соат гӯед дарояд.

– Не, он кас ба воситаи телефон...

❦

Нозири роҳ мошинеро боздошта, нигоштаи нишонии сари синаашро ба ронанда чунин маънидод кард:

– БДА, яъне: бте доляи аката!

Ронанда, ки рақами мошинаш ... ХТА буд, дар ҷавоб гуфт:

– Худут талбандӣ, ака?!

❦

– Амак, дафтарҳоро чанд дирамӣ харидӣ?

– Панҷӣ.

– Ба ман даҳӣ намефурӯшӣ?

– Не додар, бистӣ ҳам диҳӣ, намефурӯшам, чунки ниҳоят даркор.

– Сӣ дирамӣ чӣ?

– Гуфтам-ку...

– Панҷоҳӣ ҳам?

– Майлаш, майлаш...

❦

Баъди ором шудани бархӯрдҳои сиёсии кишвар марде ҳар рӯз аз садою симо мешуниду тариқи матбуот мехонд: «Дусад мошинро ба яғмо бурданд... «, «Ба микдори сад миллион сомонӣ хӯрокворӣ ба яғмо рафт...». Ахиран хулоса кард:

– Оббо, яғмогиҳо ҳай бою бадавлат шуданд-да.

❦

Тоҷире аз Душанбе ба Эрон сафар карда, дар меҳмонхона ҷой гирифт. Рӯзи бозгашт аз хидматгори меҳмонхона хоҳиш мекунад, ки куртаашро дарзмол намояд.

– Ба чашм, – мегӯяд пешхизмат.

– Ба чашм не, бо даст... – хавотир шуда мегӯяд меҳмон.

## *ГУЛСАРА*

# АФСОНАИ СОАТ

Соатеро партофтанд. Соат зоҳиран кӯҳна набуд, аммо соҳиби хона соати нав харид ва барои соати кӯҳна дар девор ҷойи мувофиқ пайдо накард, ки ба қуттии партов ҳаво дод. Баъд мошини партовкаш соатро аз шаҳр берун бурд. Соат, ки нозуктабъ буд ва қадри худашро медонист, дар миёни кӯҳнаколаҳои бесоҳиб, дар ҳавои бадбӯй ва дар анбӯҳи пашшаҳо занг зада нобуд шудан нахосту ба тарафи бешазор рафт. Вай медонист, ки дар он ҷой низ зиндагӣ барояш осон нахоҳад шуд, вале дар ҳавои тоза, дар марғзори сабзу хуррам ё дар канори ягон чашмаи шаффоф мурдан ҳазорон маротиба беҳтар аз зистан дар ин ҷойи касиф аст!

Ҳамон рӯз дар беша ҳайвоноту паррандагон анҷуман ороста буданд. Соат меҳмони тасодуфиву арҷманди анҷуман шуд, яъне бошандагони беша соатро ҷондори тамоман нав гумон карданд. Соат дар як гӯшаи марғзор нишаста ба суханронии ҷонварони хурду калон хеле гӯш дод. Саг дар бораи устухон, фил дар бораи Ҳиндустони қадим, заррофа дар бораи ҳавои тоза, хук аз хусуси тозагиву саломатӣ, хар доир ба зарурати ақлу фаросат ҳарф заданду гург адлу инсофро дурудароз васф кард. Соат дид, ки хеле вақт рафт, аз ҷой хесту ба минбар баромаду гуфт:

– Ҷонварони гиромӣ! Чор соат шуд, ки беист гап мезанед! Акнун бас кунед, танаффус эълон кунед!

– Танаффусаш чист? – пурсид уқоб.

– Танаффус, яъне истроҳат кардан, дам гирифтан, нафас рост кардан аст, – ҷавоб дод соат.

Ин дам харгӯш, ки дар сари марзае нишаста буд, пурсид:

– Меҳмон, мебахшед, ман шуморо нашинохтам, шумо кистед ё чистед?

Ҳамин савол аз чанд тараф низ шунида шуд. Маълум, ки ҳайвоноту паррандагон соатро дар умрашон надида буданд.

– Ман? Ман Соатам, – ҷавоб дод Соат.

– Дар ҷангали мо ин хел ҷонвар нест! – Гуфт Харгӯш.

– Ман ҷонвар не, ман Соатам, – ба харгӯш фаҳмонданӣ шуд Соат.

Гуфтугӯи онҳоро шунида маймун аз шохаҳои дарахт поёнтар фуромад.

Баъд суғуру гургу шағолу рӯбоҳу филу хирс ҳам дар атрофаш ҷамъ шуданд. Барояшон Соат аҷоибу ғароиб намуд. Соат дид, ки ҷонварон ба ӯ хеле эътибор медиҳанд, ба лофзанӣ сар кард.

– Ман чизи бисёр даркорӣ ҳастам. Бе ман аҳволатон бад мешавад.

Ҳайвонҳо ҳайрон шуданд:

– Чаро бе ту ҳоламон бад мешудаст?

– Бе ман аз хоб хеста наметавонед, нисфирӯзӣ ва вақти хӯроки шомро намефаҳмед. Рӯзу шабро низ муайян карда наметавонед! Бе ман ҳатто ҳамин анҷуманро низ доир кардану давом додану анҷом бахшидан мумкин нест!

Соат ҳанӯз гапашро ба охир нарасонида, садои қаҳқаҳи ҳайвонҳо ҷангалро пур кард. Соат ҳайрон шуд:

– Чаро механдед?

– Эҳ, нодон! – гуфт хар. – Ин одамонанд, ки бе ту зиста наметавонанд. Моро бошад, тулӯи офтоб аз хоб бедор карда, ғурубаш ба хоби ноз мебарад. Шабро аз ситораву моҳаш мешиносем. Ҳар вақт ки гурусна шудем, хӯрок мехӯрему ташна монем, об менӯшем. Мо ба тиқ-тиқи Соат не, балки ба тапиши диламон гӯш дода, зиндагӣ мекунем! Мо ба ту ниёз надорем!

Соат аввал чизе нафаҳмид, вале сонӣ ба ҳақиқати суханони хар пай бурд. Вай фақат як чизро сарфаҳм намерафт: «Чаро одамон ба соат ин қадар вобастаанд?»

## АФСОНАИ ХИРСҲОИ САФЕД

Дар сарзамини пиряхҳои бузург, он ҷо ки сармо ҳамешагӣ ҳукмрон аст, як оилаи хирсҳои сафед зиндагӣ мекард. Ин оила аз дигар оилаҳо фарқе надошт. Падар аз субҳ то шом барои таъмини оила ҷон меканду модар ба тарбияи хирсаки яккаву ягонаашон андармон буд. Хирсбача хеле кунҷков буд, сари очаашро бо саволҳои бешумораш гиҷу гаранг мекард:

– Оча, чаро мо сафедем? Оча, чаро ин ҷо хунук аст? Оча, чаро яхҳо об намешаванд? Оча, офтобаш чист? Чаро аз мо дур аст? Чаро наздиктар омада моро гарм намекунад?

Очахирс серкориро баҳона карда, хирсакро ба кӯча барои бозӣ мефиристод. Бегоҳӣ, вақте ки додохирс аз шикор бармегашт, айнан ҳамин ҳодиса такрор меёфт. Вале додохирс норозиёна мегуфт:

– Хӯрокатро хӯру бирав, хоб кун! Ман хаста шудаам, бимон, каме роҳат кунам.

Ҳамин тавр, хирсак ба саволҳояш ҷавоб пайдо карда наметавонист. Солҳо гузаштанд. Хирсак ба воя расид, хирси паҳлавон шуд. Зан гирифт, занаш як хирсаки сафедаки дӯстрӯяк таваллуд кард. Акнун онҳо серкортару сертараддуд шуда буданд. Ҳар субҳ ба ҷое мерафтанду бегоҳ хаставу шалпар бармегаштанд. Бо вуҷуди ин ба корҳои хона машғул мешуданд. Хирсаки худро тарбия мекарданд – шикор кардану аз боду бӯрон паноҳ бурдан ё аз душман гурехтан, ё бо душман ҷангиданро меомӯзонданд. Ногуфта намонад, ки хирсак мисли бачагиҳои падараш кунҷкову пурсуолак буд:

– Оча, чаро мо сафед ҳастем? Оча, чаро пиряхҳо об намешаванд? Оча, дар осмон чӣ чашмак мезанад? Оча, чаро нури офтоб ба мо намерасад? Оча, мо аз кадом ҷинс ҳастем?

Аммо саволҳо беҷавоб мемонданд. Додохирсу очахирс ҳамеша серкор буданду ба сархорӣ ҳам фурсат надоштанд.

Баъд, ки хирсак ҳам калон шуд…

Хуллас, афсонаи мо дуру дароз аст. Вале муҳимтар он аст, ки хирсҳои сафед як умр нодону гумроҳанд ва дар кишвари пиряхҳои бузург, дар сармои шадид, дар боду бӯронҳои мудҳиш ҷон ба каф гирифта зиндагӣ мекунанд. Зиндагии якранги як авлод ба зиндагии авлоди дигар пурра монанд аст, рӯзгори як насл аз рӯзгори насли дигар заррае фарқ намекунад… Сабаби ин ҳодиса дар чӣ ниҳон бошад?

## БАРГ

Буд, набуд, як Барг буд. Вай дар шохи аз ҳама баландтарини дарахти маҷнунбед мезист. Аз ин сабаб фахру ифтихори зиёде дошту ба баргҳои дигар мегуфт:

– Шумо аз ман пасттар сабзидаед! Ҳамаатон ғуломи ман ҳастед! Бояд ба ман хизмат кунед!

Барг ба ин қаноат накарда, ба раҳгузарон дӯғ мезад:

– Чаро дар зери ин дарахт мешинед? Наистед! Ба роҳатон равед! Ин дарахти ман аст!

Қисса кӯтоҳ, як зиндагии пур аз ҷангу ҷидол ва якранги бемаънӣ дошт Барг… Вақте тобистон гузашту тирамоҳ фаро расид, Барг пиру хазон шуд. Рангаш зард гаштаву овозаш гирифта буд. Ва дар яке аз рӯзҳои охири тирамоҳ аз шохи баландтарини дарахт канда шуда ба замин афтид. Акнун Барг дар рӯйи замини сарду пургил мехобид, вай аз ҳама паст афтода буд.

## ХОНАИ БАДӢ КУҶОСТ?

Буд, набуд, як Бадӣ буд. Бадӣ хонаву дар надошт. Дар ҳар куҷо, ки рост ояд, шабро рӯз мекард, ба ҳар куҷо, ки дилаш хоҳад, рафта бадиҳо мекард.

Як рӯз Бадӣ дар ҷустуҷӯи хона ба чашме вохӯрд ва онро макони худ ихтиёр кард. Вале аз рӯзе, ки бадӣ дар ин чашм маскан гирифт, рӯшании он камтар шуд. Барои Бадӣ хонаи чашм ҳам тангӣ кард. Вай аз ин хона рафту дар суроғи хонаи дигар шуд. Чанд шабу рӯз хонакобӣ карда, оқибат дар забон ҷой гирифт.

– Ана, ин макони оличаноб! – Гуфт вай. – Аз чашм васеътар, бузургтар, гуворотар!

Бо омадани бадӣ забон олудаи ғайбату ҳақорат шуд. Забон сонияе ҳам хомӯш намешуд ва беист валвала мекард. Бадӣ бошад, ба зудӣ дилтанг шуда, аз хонаи забон ҳам рафт.

– Ягон хонаи рӯшантару зӯртар ёфта, баҳузур зистан даркор! – гуфт вай.

Ниҳоят вай ба дил роҳ ёфт. Аз ҳузури Бадӣ дил нотавону хаста ва бемор шуд. Вай, албатта, хеле кӯшиш кард, ки Бадиро аз худ берун кунад, аммо зӯраш нарасид. Дил дид, ки бадӣ оқибат ӯро хоҳад кушт, Некиро ба ёрӣ хост. Ҳамин ки Некӣ ба остонаи дил қадам гузошт, Бадӣ тарсону ларзон аз дил баромада рафт. Барои он ки Бадӣ як дақиқа ҳам тоқати дидану шунидани Некиро надорад.

Бадӣ ҳанӯз ҳам бехонаву дар ва сарсону саргардон дар ҷустуҷӯйи манзили дигарест. Ҳушёр бошед ва бикӯшед, ки вай дар чашму забону дили Шумо роҳ наёбад!

## ГУЛАК, ГУЛДОН ВА ХОК

Буд, набуд, як Гулак буд. Вай дар гулдони пурнақшу нигоре месабзид. Соҳиби хона ба Гулак аз сидқи дил нигоҳубин мекард. Гулак ҳар рӯз қад мека-

шид ва аз осмони баланду софу беғубор чашм намеканд. Дере нагузашта Гулак шукуфт. Накҳати форамаш фазои хонаро пур кард ва аҳли хонадон аз ин шоду мамнун шуданд. Гулак бошад, аз худ рафт. Вай мағрурона ба поён нигоҳкунон дар зери худ Гулдонро дид.

– Ту барои чӣ дар пеши пояи ман хобидаӣ? – Норозиёна пурсид Гулак.

– Ман аз рӯзи аввал дар ҳамин ҷо будам, – ҷавоб дод Гулдон.

– Аҳамият надорад, – гуфт Гулак. – Ту тамоман даркор нестӣ. Бисёр сахт будаӣ!

Миёни Гулаку Гулдон баҳс хест. Ҳар кадоме худашро таърифкунон ба осмони ҳафтум мебардошт. Танҳо хоки даруни Гулдон хомӯш буд. Гулаку гулдон чунон аз худ рафтанд, ки ба хок ҳам ҳуҷум карданд. Хокро таҳқир намуданд, ҳатто лағадкӯбаш карданд, аммо Хок хомӯш буд…

Рӯзе гурбаи ҳамсоя ба хона даромаданӣ шуда, ба Гулдон дакка хӯрд. Гулдон афтиду шикаст. Доду войи Гулаку Гулдон хонаро пур кард. Вале Хок боз ҳам хомӯш буд. Соҳибхона омаду дид, ки Гулдон шикастааст.

– Афсӯс, лекин чӣ чора? – Гуфту Гулдону Гулаки шикастаро бурда ба сатили партов андохт. Хоки Гулдонро ҷамъ карда, худ ба худ гуфт:

– Ин Хоки хубу серҳосил аст. Онро ба гулдони нав андохта, гули дигар мешинонам.

Хок боз ҳам хомӯш буд…

*Галия ХАЛИУЛОВА*

# ДОМИК ИЗ ОГРАДКИ

На машине привезли железную синюю оградку. Выгрузили в палисаднике у стены дома. Мы наперебой спрашивали у родителей, для чего она нужна. Отец объяснил почему-то тихим голосом, что когда умрет дедушка, то ее поставят на его_могилу на кладбище. Нам по-детски стало жалко нашего любимого дедушку. Но это было только до обеда. После обеда с братиком и сестрёнками мы придумали игру «в домик». Оградка нам очень понравилась для нашего детского домика и была удобной для постройки.

Работали долго, с азартом. Сверху оградку обложили досками, лежащими у бани, настелили полы, по бокам домика развесили старые одеяла и простыни, у дверцы пристроили крылечко из кирпичей и дощечек.. Полы выскребли до желтизны. Внутри убрали как в настоящем доме. Притащили матрац, подушки, старый самовар с дырявой трубой, веник. Посудой служили разбитые чашки, блюдца, которые мы собирали весной на огородах, дырявые кастрюли, сломанные ложки. Закрывали дверь на щепочку или прутик, как в настоящем доме, если когда-нибудь уходили куда-то всей семьей. Во двор вышел дедушка, подошел к нам и удивился виду своей оградки.

– Дети, это же оградка мне на могилку, нельзя здесь играть, – недовольно сказал он нам.

– А когда ты умрешь, дедушка?

– А зачем ты будешь умирать?

– Мы не хотим, чтобы ты умер! – так наперебой говорили мы, окружив его.

– Когда умру, не знаю, наверное, скоро. Я уже старый.

– А не страшно умирать? – спросила я его, обнимая.

– Да не страшно. Что старому страшно? Только вас вот больше не увижу.

– Дедушка, как только ты умрешь, мы перестанем играться в домик, – уверила одна из сестрёнок.

Дедушка умер лет через десять. Ну а мы за это время его «умирания» продолжали строить, рушить, перестраивать наш маленький домик. Становясь старше, отходили от этой игры, со смехом наблюдая, как играют сестрёнки помладше, родившиеся после нас.

## ВОРОТА

Уже ночь.Звёзды высыпали как горошек. Пыль такая тёплая, трава мягкая. Крик, шум, смех на всю улицу. Играем в «Ручеёк» и «Коршуна и цыплёнка». Домой не хочется, хотя уже то одного, то другого из нас мамы зовут домой через окно.Уже устали, а расставаться не хочется, не наигрались, дня нам мало. Уже второй раз окликает нас наша мама:

Галия, Жамиля, Салимя, Нафися, Анися, Раися, марш домой, сколько можно звать! Ворота закрываю!

А ворота-то были низенькие из длинных жердей в три ряда с прибитыми накрест досками и ременным кругом, накидывающимся на столб.

## СУНДУК

Ах, как я любила перебирать с мамой сундук! Какие там были запахи! Сейчас уже таких запахов и нет. Первый сундук был небольшой, обитый железом с

узорами из ромбиков, второй появился позже, сделал его сам отец моей матери из дерева, покрасил в красный цвет. Чего только не было в том сундуке! По обоим бокам приделаны уголочки для всякой мелочи: пуговиц, резинок для чулков, гребешков, мыла, одекалона, запонок, простых бус и брошек. Дальше аккуратно уложенные полотенца, простыни, занавески, рубашки, платья, платки, шали, папин единственный чёрный костюм с широченными брюками пятидесятых годов и мамин чёрный приталенный пиджак. В углу отцовские почётные грамоты, которым нет числа, и наши семейные фотографии.

Сягодня маму и папу позвали в гости. Я готовлю угольный утюг, раскрываю сукдук, вынимаю костюм, пиджак, красивое ситцевое платье, рубашку, подаренную отцу на праздничном собрании в колхозном клубе за хорошую работу, носки чулки, платок. Вытащила из-под печки папины яловые сапоги в гармошку и резиновые сапоги на каблуках (внутри вставлялись специальные деревянные каблуки) – мамины.

Папа пришёл с поля. Я наливаю ему из кумгана тёплую воду на голову, спину, он моется фыркая и брызгаясь. Мне радостно и смешно. Мама подаёт полотенце. Отец сразу становится молодым, красивым. После мытья чёрные волосы впереди становятся ещё волнистее. Продолжаю гладить вещи. Люблю их собирать в гости. Зашла на кухню, мама готовит ужин и плачет. Это папа не хочет идти в гости. Вот всегда так. Он вообще не любит никуда ходить, а маме хочется в гости. Она любит и петь и плясать. Я уговариваю отца, но тщетно.

– Тогда я не буду вам больше гладить вещи. Всё. Сама пойду в гости, там же ждут!

## МУНДАРИҶА

**Меҳмон Бахтӣ.** Меросдори пешиниён ........................ 3
**Абдулҳамид Самад.** Сангу тарозуи адабиёт............... 4

**НАЗМ**

**Фарзона Ризо.** Бӯи нон............................................... 14
**Фарзона Сафарзода.** Кабӯтарак.................................. 16
**Мирзо Кенҷа.** Нӯшбоди ваҳдат ................................... 18
**Зебои Хатлонӣ.** Меҳри Ватан....................................... 21
**Гулноз.** Бохабар аз он ки фардо нест .......................... 25
**Орзу.** Ҷуръаи охирин ................................................. 29
**Дилшоди Фарҳодзод.** Лутфи беҳӣ............................... 31
**Дилором Солеҳбоева.** Хомӯштар аз сукут ................. 33
**Нияти Ҳаёт.** Оҳ, имшаб ҳам мани шӯридадил .......... 35
**Абдуҳалим Самадов.** Ҳамзабон.................................. 37
**Беҳрӯзи Забеҳулло.** Зикри сукут................................. 40
**Султони Назришо.** Гардани хам................................. 42
**Гулнисои Ато.** Гумгашта, биё!..................................... 43
**Холбибӣ Давлатова.** Дидаӣ оё зи гӯри ошиқон........ 45
**Ҷалолиддини Сайфиддин.** Имшаб ҳама шаб ........... 46
**Кӯйбек Шарифзода.** Баҳорон мешавам ошиқ........... 47
**Гулнисо Мирзоева.** Намеҷӯем....................................... 49
**Акбар Маҷид.** Осмон имшаб ғуборолуда аст............ 50
**Умед Салим.** Номаи меҳр .............................................. 52
**Ғуломҳайдар Холмуродов.** Таронаи борон............... 55
**Хиромон Неъматзода.** Дунёи ман ............................... 57

**Шарифамоҳ Розиқова.** Барги сабз ............................59
**Муҳаммадшарифи Раббонӣ.** Зиндагӣ чист? ............61
**Маҳваш.** Боғи ҷон ...................................................63
**Барнои Қодирдухт.** Дарди модар...........................66
**Мухлиса.** Надонам аз куҷоям, аз куҷоям? .................69
**Ҷамшед Раҳимзод.** Ба модари тоҷик .......................70
**Алишер Муҳаммадӣ.** Хандаҳои кӯдакӣ.....................72
**Рустами Гумкардарахш.** Бӯсадуздӣ .........................74
**Ҳасани Султон.** Фиғони Имрулқайс.........................76
**Хусрав.** Эй нонавиштаҳо ............................................80
**Субҳия.** Субҳ...............................................................84
**Хушомади Алидод.** Дарахти муҳаббат.......................87
**Сулаймон Султон.** Бедорӣ .........................................89
**Хубонгул.** Ишқи ту дар дилам ....................................91
**Шаҳзода.** Мавҷи андӯҳ ...............................................93
**Муслимаи Бурҳондухт.** Эй ниюшандаҳои ғофил .......95
**Махфират Юсуфӣ.** Ёд...................................................96
**Суҳробшоҳи Фаррухшод.** Эй дили purшӯри ман.......98
**Робиаи Холмирзо.** Омаданҳои ту.............................100
**Эраҷ Латиф.** Хоби хоб ..............................................103
**Худодод Зайниддинзода.** Туро бо шеър мебӯсам......106
**Нуралӣ Яъқуб.** Дафтари хотира.................................108
**Гулрухсори Хатлонӣ.** Сукут .......................................110
**Устовалӣ Исматзода.** Панд ........................................111
**Марям Соҳибова.** Насими бомдодӣ ..........................113
**Равшан Имомзод.** С полною чашей ..........................115
**Хосият Каст.** Мимо счастья.......................................117
**Нина Панова.** Соло для скрипки с барабаном.........119
**Андрей Сметанкин.** Что надо поэту?........................122
**Анвар Муаззами.** Отчизна..........................................125

## НАСР

**Муродалии Ҷаббор.** Бори нанг. ................................ 127
Талвоса.............................................................. 137
Таҷовуз.............................................................. 141
**Матлубаи Ёрмирзо.** Парвоз ...................................... 143
**Ҳанифаи Муҳаммадохир.** Ниҳоли шикаста............ 148
**Баҳманёр Муродӣ.** Кафши чинӣ............................... 162
Қиссаи дасти бобоям ............................................ 165
**Гулнора Усмонова.** Кабӯтари ваҳшӣ. ...................... 171
Шиносоии фосилаи ношиносӣ .............................. 176
**Рустами Рамазонӣ.** Ҳакими ҷодугар ва нашъагул.. 182
**Лутфишои Қиматшо.** Бизнес.................................... 189
**Таҳмина Саидмуродова.** Баҳор боз меояд. ............. 194
**Бӯрибеки Худобахш.** Шаҳсутун. ............................. 199
**Мавлудаи Равшанёр** Як занҷира хотира................ 204
**Шоҳин Самадӣ.** Аҷаб тӯҳфае.................................. 213
**Самариддин Асозода.** Латифаҳо.............................. 227
**Гулсара** Афсонаи соат .............................................. 236
**Галия Халилуева.** Домик из оградки........................ 242

**АНҶУМАНИ ДИДОР**
*(Маҷмӯа)*

Мусаввир А.Муҳаммадиев
Муҳаррири ороиш Р.Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ М.Саидова
Мусаҳҳеҳ З.Неъматова

Ба матбаа 4.08.2008 супорида шуд. Ба чопаш 7.08.2008 имзо шуд. Коғаз ва чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 84х108 1/32. Ҷузъи чопӣ 7,75. Адади нашр 1000 нусха. Супориши №

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, хиёбони Н.Қарабоев, 17а.

Дар матбааи … ба табъ расидааст